ШОҲКОРИ АДАБИЁТИ ҶАҲОН



# ҶОРҶ ОРУЭЛЛ

# МОЛХОНА

**Animal Farm**

КИТОБҲОЕ, КИ ДУНЁРО ТАҒЙИР ДОДАНД

Ҷорҷ Оруэлл

# САРОЙИ ЧОРПОЁН (МОЛХОНА)

Нашри дуюм

# ANIMAL FARM

**This story has been translated from English to Tajik by Usmonali Latifi**

Шоҳкори адабиёти ҷаҳон

Душанбе
“Адиб”
2024

ТКБ 84.4 Анг
О – 72
ТДУ 820-3

Аз англисӣ тарҷумаи Усмоналӣ Латифӣ
Муҳаррир Муҳтарам Ҳотам
Мушовир Азиз Нақибзод

Ҷорҷ Оруэлл.
Саройи чорпоён. Қисса – Душанбе. “Адиб”, 2024. – 183 саҳ.

Баъзан танҳо тавассути асарҳои ҳаҷвӣ ва ё фантастикӣ нависандагон метавонанд фикру ақидаи худро ба мардум расонанд. Чунин услубро нависандаи маъруфи англис, Ҷорҷ Оруэлл дар асари “Саройи чорпоён” истифода бурдааст. Гарчанде ки ин асар ҳаҷвӣ бошад ҳам, дар асл он масъалаҳои олами воқеиро инъикос мекунад ва он бо шеваи хеле равону содда навишта шуда, дар баъзе лаҳзаҳо табассуми хонандаро ба вуҷуд меоварад, дар баъзе ҳолатҳои дигар хеле ҳам ғамангез мебошад.

Китоби мазкур дар бораи як хоҷагии ғайриоддӣ, ки дар он ҳайвоноти сухангӯ зиндагӣ менамоянд, нақл мекунад. Онҳо рӯзе табаддулот карда, аз хоҷагӣ одамонро ронданд ва хостанд, ки ҷаҳони наверо бо равиши нави зиндагӣ барпо кунанд. Онҳо мехостанд ҳама баробар бошанд ва ба назарашон чунин мерасид, ки ҳама чизро ба инобат гирифтаанд, вале оҳиста-оҳиста маълум шуд, ки ҷомеаи онҳо ба ду қисм: ба афроди дар сари қудрат буда ва афроди итоаткор тақсим шудааст.

ISBN 978-99975-2-090-6

© Усмоналӣ Латифӣ, 2024.

# САРСУХАН

Хонандаи гиромӣ! Асари “Саройи чорпоён” ба қалами нависандаи машҳури англис Ҷорҷ Оруэлл тааллуқ дошта, бори аввал моҳи августи соли 1945 ба табъ расидааст ва он яке аз серхонандатарин асари нависанда ба шумор рафта, дар тӯли 77 сол бо теъдоди миллионҳо нусха ба нашр расидаву дастраси оммаи васеи хонандагон гардидааст.

Ҷорҷ Оруэлл (номи аслиаш Эрик Артур Блэр) нависанда, рӯзноманигор ва публисисти бритониёвӣ 25 июни соли 1903 дар Матиҳари Банғола (вилояти қадимии Ҳиндустон дар поёноби дарёҳои Гангу Браҳмапутра – он замон мустамликаи Британияи Кабир) таваллуд шудааст. Падараш корманди Шӯрои гумруки Ҳиндустон буд. Ҷорҷ Оруэлл маълумоти ибтидоиро дар мактаби Киприана гирифта, аз соли 1917 то соли 1921 дар Коллеҷи Итон таҳсил кард. Солхои 1922—1927 дар политсияи мустамликавии Бирма хизмат намуда, соли 1927 ба нависандагӣ машғул шудааст. Ӯ чанд муддате дар ҷанги шаҳрвандии Испания ҳамчун рӯзноманигор иштирок карда, дар муҳорибаҳо ба муқобили

коммунистон дар Барселона ҷангида, сахт ярадор шуд. Баъд аз он ба Англия баргашта, то охири умраш касби нависандагиро пеша кард. Ӯ 21 январи соли 1950 дар синни 47 солагӣ дар Лондон аз бемории сил вафот кард.

Қобили зикр аст, ки асарҳои нахустини Ҷорҷ Оруэлл на танҳо бадеӣ, балки асосан онҳо солномавӣ буданд. Аз соли 1934 сар карда, асарҳояш ба чоп расидан гирифтанд. Ҷорҷ Оруэлл ба ин бовар буд, ки насри ҳақиқӣ бояд «мисли шиша шаффоф» бошад ва ӯ вазифаи нависандагии худро дар дифоъ аз идеалҳои сотсиализми либералӣ ва мубориза бо тамоюлҳои тоталитарӣ медид, ки он давронро таҳдид мекарданд. Истилоҳи “Ҷанги сард” бори аввал аз ҷониби Ҷорҷ Оруэлл 19 октябри соли 1945 дар ҳафтаномаи британиёии “Трибюн” истифода шудааст.

Қиссаи ҳаҷвии “Саройи чорпоён” (Animal Farm), ки машҳуртарин асари ӯ мебошад, дар шакли масал ва рамз навишта шуда, системаи тоталитариро дар шакли ҳаҷв инъикос менамояд. Муаллиф тавассути ҳайвоноти сухангӯ фикри худро баён намуда, чӣ гуна таъсир расонидани қудрат ба хислатро хеле возеҳу равшан нишон медиҳад. Сарфи

назар аз он ки муаллиф дар асар мушкилоти солҳои чилуми асри гузаштаро нишон медиҳад, он ҳанӯз ҳам аҳамияти худро гум накардааст.

Бояд қайд кард, ки асари мазкур аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума карда шуда, калимаҳои душворфаҳм дар повараки ҳар саҳифа шарҳ дода шудаанд. Ҳамчунин, баъзе номҳои қаҳрамонони асар бинобар сабаби душвор талаффуз шуданашон ба забони тоҷикӣ тарҷума шуданд. Тарҷумаи таҳтуллафзии номи асар "Фермаи Ҳайвонот" ва ё "Хоҷагии Ҳайвонот" мебошад. Вале, дар тарҷумаи тоҷикӣ мо ин номро "Саройи чорпоён" гуфтем. Ҳамзамон, ба хуки сафеди кулӯла, ки дар роҳбарии Саройи чорпоён нафари дуюм маҳсуб меёфту рақиби асосии хуки якум буд, номи Барфаки кулӯла (Сноуболл) дода шуд. Баъд аз ронда шудани Барфаки кулӯла аз Саройи чорпоён ба ҷойи ӯ хуки дигари косалес омад, ки овози ҷарангосию гӯшхарош дошт, аз ин рӯ тибқи номи англисияш ба он исми Вингосӣ додем.

Дар охир, мехостам ба муҳаррири китоб, ба Шоири халқии Тоҷикистон ва муҳаққиқ Муҳтарам Ҳотам барои таҳрири китоб ва ба Азиз Нақибзод барои маслиҳатҳои судмандаш

дар мураттаб намудани он миннатдории худро изҳор намоям.

Умедворам, ки мутолиаи ин китоб бо забони тоҷикӣ писанди хотири Шумо, хонандагони азиз, гардида, зимни пайдо шудани савол ва ё дигар андешаҳо вобаста ба ин асар ба Email: usmonalilatifi@gmail.com ва ва ё ба саҳифаи фейсбуки @Азиз Нақибзод муроҷиат фармоед.

Бо камоли эҳтиром,
Усмоналӣ Латифӣ

## Боби 1

Ҷаноби Ҷонс - соҳибмулки Саройи чорпоёни Манор - шаб дари мурғхонаро қулф кард, вале бинобар сабаби аз ҳад зиёд маст буданаш маҳкам кардани сӯрохиҳоро фаромӯш намуд. Дар ҳалқаи нури фонусаш, ки дар дасташ аз як тараф ба тарафи дигар алвонҷ мехӯрд, дар рӯи ҳавлияш печу тоб хӯрда, мӯзаҳояшро кашида ба дари пушт партофт ва аз бочкаи дар ошхона будааш охирин истакон оби ҷавро нӯшида, ба сӯи рахти хобаш, ки хонум Ҷонс дар он ҷо сахт хобида, хуррок[1] мекашид, равона гашт.

Ҳамин ки чароғи утоқи хобашро хомӯш кард, дар тамоми биноҳои Саройи чорпоён ғалоғула ба вуҷуд омад. Ҳанӯз дар давоми рӯз, дар байни ҳайвонот овозае паҳн шуда буд, ки хуки сафеди фарбеҳи ҷоизадор - Мейори пир шаби гузашта хоби аҷибе дидаасту мехоҳад онро ба дигар ҳайвонот расонад. Маслиҳат шуда буд, ки пас аз рафтани ҷаноби Ҷонс ба хонааш ҳамаи онҳо бояд дар анбори калон вомехӯрданд. Мейори пир (ин хук кайҳо боз чунин лақабро дошт, гарчанде ки номи аслияш

---

[1] Дар хоб аз гулӯ хир-хир садо баровардан

дар намоишгоҳҳо Виллингдон Бютӣ буд) дар Саройи чорпоён қадри баланд дошт ва ҳама омода буданд, ки барои шунидани гуфтаҳои ӯ соати хобашонро дареғ надоранд.

Мейори пир рӯи суфаи[2] баланд, ки дар пешгоҳи анбори калон воқеъ буд, зери равшании фонуси дар чӯби дастак (рав)[3] овезонбуда, дар рӯи хошок яктарафа ғелида буд. Ӯ дувоздаҳ сол дошт ва дар вақтҳои охир ба қадри кофӣ фарбеҳ шуда буд ва новобаста аз он ки дандонҳои нешиаш[4] ҳеҷ гоҳ бурида нашуда буданд, вай ҳамоно як хуки оличанобу хирадманд ва хайрхоҳ ба назар мерасид. Дере нагузашта дигар ҷонварон омадан гирифтанд ва ҳар яки онҳо ба равиши худ ҷойҳои бароҳаттареро барои худ интихоб мекарданд. Аввал се саг - Блубелл, Ҷесси ва Пинчер ва баъд аз он хукҳо омаданд ва дар сафи пеш, рӯ ба рӯи суфаи баланд, дар болои хошок худро ҷойгир карданд. Мурғҳо болои тоқи тирезаҳо

---

[2] нишастгоҳи баланде, ки дар саҳни ҳавлӣ ва ё дохили бино аз гил сохта шудааст ва баландии он аз замин то 50- 60 см. мебошад

[3] чӯбҳои кундаланге, ки болои онҳо тахтаҳои боми (васаи) хона паҳн карда шуда, андова карда мешаванд

[4] дандонҳои махрутишакл (шакли конусдор) - аз тарафи росту чапи ҷоғи болои одам ва ё соир ҳайвоноту даррандагони ширхӯр, ки бо он ғизоро мекананд

нишастанд, кабутарҳо бошанд, дар сақфи[5] анбор дар назди дастаку равҳо парвоз менамуданд, гӯсфанду говҳо дар паси хукҳо хобида, нихшор[6] мекарданд. Ду аспи аробакаш - Боксёр ва Кловер бо ҳам даромаданд, онҳо хеле бо эҳтиёт роҳ мерафтанд ва пойҳои азими мӯйдори худро оҳиста-оҳиста ба замин мегузоштанд, то мабодо ҷонварони хурди болои паҳолу хошокро зер кунанд. Кловер як аспи модинаи миёнаумр буд, ки баъд аз таваллуди чорумин тойчааш андоми пешинаи худро гум карда, фарбеҳ гардида буд. Боксёр як ҷонвари бузурги ҳаждаҳсола буд, ки дастҳои дароз ва пурқувваташ ба мисли ду аспи дигар буданд. Намуди зоҳирияш бинобар рахи сафеди болои бинияш як каме зишт ба назар мерасид ва дар асл ҳам вай камақл буд, аммо аз рӯи сертоқатӣ, хислати хуб ва пуркории ҳайратангезаш ҳама ба ӯ эҳтиром мегузоштанд. Пас аз аспҳо Муриел - бузи сафед ва Бенҷамин – хари калонсол даромаданд. Бенҷамин пиронсолтарин ҷонвар дар Саройи чорпоён буд ва хеле феъли баде дошт. Вай кам гап мезад, аммо вақте ки ба гап

[5] таги бом аз дохили бино

[6] баъд аз хӯрдан аз шикам дуюмбора ба даҳон баровардан ва хоидани ғизо дар байни ҳайвоноти ҷуфтсум

медаромад, одатан эродҳои беҳаёёна мегирифт, масалан мегуфт, ки Худо барои рондани пашшаҳо ба ӯ дум додааст, аммо вай мегуфт, ки беҳтараш на дум бошаду на пашша. Танҳо вай дар байни ҳайвоноти Саройи чорпоён ҳеҷ гоҳ намехандид. Агар сабабашро мепурсиданд, мегуфт, ки барои хандидан чизе надидаам. Бо вуҷуди ин, вай иқрор шуд, ки бо Боксёр иртиботи наздик дорад ва ҳардуяшон одатан рӯзҳои якшанбе паҳлӯ ба паҳлӯ дар сабзазори берун аз боғи  Саройи чорпоён бидуни сухан гуфтан, алаф мечаранд.

Вақте, ки ду асп - Боксёр ва Кловер дар рӯи пахол навакак ғелиданд, чӯҷаҳои мурғобие, ки модари худро гум карда буданд, якбора чир-чиркунон ба анбор даромаданд ва барои он ки поймол нашаванд, ин сӯву он сӯ сарсону саргардон мегаштанд. Кловер бо банди дасти калонаш онҳоро ҷамъ кард ва дар дохили ҳалқаи дасти ӯ чун дар лона чӯҷаҳоро хоб бурд. Дар лаҳзаи охир Моллии аблаҳи зебо – аспаки сафед, ки аробаи дунафараи мистер Ҷонсро мекашид, бо як пора сарқанд, ки онро ғарч-ғарчкунон  мехоид, даромад. Вай дар сафи пеш ҷой гирифт ва бо ёли сафедаш, ки бо лентаҳои сурх бофта шуда буданд, ба бозӣ

даромад, то ин ки таваҷҷуҳи дигаронро ба худ ҷалб намояд. Охири охирон гурба даромад ва барои пайдо намудани ҷойи гармтарин - аз рӯи одат, ба гирду атроф нигариста - ниҳоят худро дар байни Боксёр ва Кловер ҷойгир кард. Дар он ҷо вай бо завқи баланд хур-хур карда, ба суханронии Мейор ягон таваҷҷуҳе зоҳир намекард.

Ба ғайр аз Мосес - зоғи роми дастӣ, ки дар дастаки дари пушти анбор нишаста буд, дигар ҳамаи ҳайвонот дар дохил ҳузур доштанд. Вақте Мейор дид, ки ҳама бо роҳат нишаста, интизораш буданд, вай гулӯяшро уҳ-уҳкунон тоза карда, ба суханронӣ оғоз кард:

"Рафиқон, шумо аллакай дар бораи хоби аҷибе, ки ман шаби гузашта дида будам, шунидаед. Аммо дар бораи хоби дидаам дертар сухан хоҳам гуфт. Ман дар аввал чизи дигаре барои гуфтан дорам. Ман фикр намекунам, рафиқон, бо шумо чанд моҳи дигар бошам ва пеш аз марг вазифадорам, ки чанд чизи хирадмандонаеро, ки дорам, ба шумо расонам. Ман умри дароз дидам, вақте ки дар оғили[7] худ танҳо мехобидам, барои фикр кардан вақти зиёд доштам ва табиати ҳаёти

[7] молхона, говхона, саисхона, сутурхона

заминиро, инчунин ҳаёти ҳама намуд ҳайвонотро фаҳмидам. Дар ин бора ман мехоҳам бо шумо сухбат кунам”.

“Акнун, рафиқон, табиати ҳаёти мо чӣ гуна аст? Биёед, ҳақиқатро гӯем: ҳаёти кӯтоҳи мо ба сахтию заҳмат кашидан мегузарад. Аз вақти ба дунё омадан ба мо ҳамон қадар ғизо медиҳанд, ки  нафасамонро дар бадани худ нигоҳ дошта тавонем ва ҳайвоноте, ки қувват доранд, маҷбуранд то ҳадди охири қуввваи худ кор кунанд ва ҳамон лаҳзае, ки аз мо фоидае намерасад, моро бераҳмона ба дасти қассобон медиҳанд. Ҳеҷ як ҳайвон дар Англия маънои хушбахтӣ ё фароғатро пас аз яксолагияш намедонад. Дар Англия ягон ҳайвон озод нест. Ҳаёти ҳайвонот аз қашшоқӣ ва ғуломӣ иборат аст: воқеият чунин аст,” – гуфта суханашро идома дод.

“Магар тартиботи табиати ҳақиқӣ чунин аст? Магар ин сарзамин ба ҳадде қашшоқ аст, ки наметавонад барои сокинонаш зиндагии шоиста муҳайё созад? Не, рафиқон, ҳазор бор не! Замини Англия ҳосилхез аст, иқлими хуб дорад, вай метавонад шумораи зиёди хайвонотро – нисбат ба он ки ҳозир дар он зиндагӣ доранд -  бо ғизои фаровон таъмин

намояд. Танҳо ҳамин Саройи чорпоёни мо метавонад даҳҳо асп, бист гову садҳо гӯсфандро кумаку дастгирӣ намояд ва ҳамаи онҳо метавонанд ҳаёти осоишта дошта бошанду бо шаъну шараф зиндагӣ кунанд, ки мо ҳатто онро тасаввур карда наметавонем. Пас чаро мо дар чунин ҳолати бад қарор дорем? Зеро тамоми маҳсули меҳнати моро одамон медузданд. Дар ин ҷо, рафиқон, ҷавоби ҳамаи мушкилотҳои моро бо як калима метавон иброз кард. Ин калимаи ягона — Одам мебошад. Одам ин ягона душмани асосии мост. Агар Одамро аз саҳна дур кунем - гуруснагӣ ва меҳнати зиёдатӣ абадан нест хоҳад шуд”.

“Одам ягона махлуқест, ки бидуни истеҳсоли чизе фақат истеъмол мекунад. Одам шир намедиҳад, тухм намекунад, қуввати кашидани юғи испорро[8] надорад, ба қадри кофӣ давида наметавонад, ки харгӯшҳоро сайд кунад. Новобаста аз ин, ӯ дар рӯи замин подшоҳи тамоми ҳайвонот аст. Одамон ҳайвонотро кор мефармоянд, ба онҳо ҳиссаи ҳадди ақали ғизоро медиҳанд, ки аз гуруснагӣ

[8]Афзори шудгоркунӣ, ки ба гардани ҷуфти гов ё асп ниҳода мешавад

намиранд ва боқимонда ҳамаи фоидаро барои худ мегиранд. Бо меҳнати мо заминро мекоранд, поруи мо заминро ҳосилхез мекунад, вале мо ба ҷуз пӯсти урёни худ дигар чизе надорем. Ана шумо, говҳо, ки дар назди ман ғелидаед, дар соли гузашта чанд ҳазор галлон[9] шир додед? Куҷо шуд он шире, ки мебоист гӯсолаҳои шуморо пурқувват мекард? Ба ҷойи ин ҳар як қатраи шир ба ҳалқи душманони мо рафт. Ва шумо, мурғҳо, дар соли гузашта чанд тухм гузоштед ва чанд ҷӯҷа баровардед? Бақияи тухмҳои шуморо ба бозор бурданд, то ин ки Ҷонс ва коргаронаш фоида ба даст оранд. Ва ту, Кловер, куҷо шуданд он чор тойчае, ки зоидӣ, онҳо бояд дар пиронсолият такягоҳат мешуданд? Ҳар яки онҳо ҳанӯз дар синни яксолагиашон фурӯхта шуданд ва ҳеҷ гоҳ яке аз онҳоро дигар нахоҳи дид. Бар ивази чор тойча ва тамоми меҳнати худ дар саҳро, ба ҷуз як мушти ҷав ва саисхонаи[10] куҳна дигар чӣ дорӣ?”

“Ҳатто он ҳаёти қашшоқонае, ки дорем, ба таври табиӣ ба охир намерасад. Ман аз худ шиква надорам, зеро ман хуки муваффақам.

---

[9] воҳиди ченаки ҳаҷм: 1галлон = 4.5 литр
[10] оғили асп

Ман дувоздаҳсолаам ва зиёда аз чаҳорсад хукбача дорам. Барои хук ин ҳаёти арзанда аст. Билохира, ягон ҳайвон аз дами тези корд раҳоӣ надорад. Шумо хукҳои ҷавон, ки дар рӯ ба рӯи ман нишастаед, ҳар якеатон дар давоми як сол ба ҳамин зайл ҷони худро хоҳед дод. Ин даҳшат ҳамаи мо - говҳо, хукҳо, мурғҳо, гӯсфандон ва дигар ҳайвонотро интизор аст. Ҳатто аспону сагон тақдири баде доранд. Ту, Боксёр, ҳамон рӯзе, ки мушакҳоят беқувват мегарданд, Ҷонс туро ба қассоб мефурӯшад ва ӯ гулӯятро бурида, барои сагҳо хӯрок тайёр мекунад. Вақте ки сагҳо пир мешаванд ва дандонҳояшон мерезанд, Ҷонс ба гардани онҳо хиштро баста, онҳоро дар ҳавзи наздиктарин ғарқ мекунад".

"Пас, рафиқон, бори дигар маълум намегардад, ки тамоми бадбахтиҳои ҳаёти мо аз зулми Одам сарчашма мегиранд? Ҳамин ки аз чанголи Одам халос шудем, маҳсули меҳнатамон моли худи мо хохад шуд. Худи ҳамон шаб мо озоду сарватманд мегардем. Барои ин мо бояд чӣ кор кунем? Шабу рӯз, бо ҷону тан барои сарнагун кардани насли Одам бояд кор кунем! Ин аст паёми ман ба шумо, рафиқон: шӯриш кунед! Намедонам он шӯриш

кай сар мезанад - шояд пас аз як ҳафта ё баъди сад сол, чуноне ки ин пахолро зери пои худ возеҳу равшан мебинам, эҳсос мекунам, ки адолат дер ё зуд барпо хоҳад шуд. Умри кӯтоҳи худро рафиқон, барои ин ғоя[11] ва ин рисолат[12] бубахшед! Ва пеш аз ҳама, ин паёми маро ба ҳайвоноте, ки баъд аз шумо меоянд, бирасонед, то наслҳои оянда муборизаро то пирӯз шудан идома диҳанд".

"Дар хотир нигоҳ доред, рафиқон, қарори шумо набояд хеҷ гоҳ тағйир ёбад. Ҳеҷ ягон далел набояд шуморо гумроҳ созад. Вақте одамон ба шумо мегӯянд, ки Одам ва ҳайвон манфиати муштарак доранд, ободии яке ободии дигар ҷониб аст - ба чунин ҳарфҳо ҳеҷ гоҳ гӯш надиҳед. Ин ҳама дурӯғу сафсата аст. Одам ба ҷуз манфиати худ, дигар манфиати ягон ҳайвонро ба назар намегирад. Бигузор дар байни мо ҳайвонот ягонагӣ, ваҳдат ва рафоқати комил дар мубориза бар зидди Одам ҳамеша танинандоз бошад! Ҳамаи одамон душмананд! Ҳамаи ҳайвонот бо ҳам рафиқанд!"

[11] идея
[12] вазифа, миссия

Дар ин лаҳза байни ҳайвонот ғурриш[13] ва ғавғои азим ба вуҷуд омад. Ҳангоме ки Мейори пир суханронӣ мекард, чор калламуши калон аз сӯрохиҳои худ баромада, рӯи пойи қафояшон нишаста, ба ҳарфҳои ӯ гӯш медоданд. Сагон ногаҳон онҳоро диданд ва танҳо ҳаракати тези калламушҳо ба сӯи сӯрохиҳояшон ҷони онҳоро наҷот дод. Мейор пойи худро баланд бардошта, ҳамаро ба хомӯшӣ даъват кард:

“Рафиқон, — гуфт ӯ, — “дар ин ҷо як масъаларо ҳал кардан лозим аст. Ҳайвоноти ваҳшӣ, аз қабили калламушҳо ва харгӯшҳо - онҳо дӯстони мо ҳастанд ё душмани мо? Биёед ба овоз мегузорем. Ман ин саволро ба аҳли маҷлис пешниҳод мекунам: Оё калламушҳо ба мо рафиқанд?”

Овоздиҳӣ якбора шурӯъ шуд ва бо аксарияти овозҳо маълум гардид, ки калламушҳо рафиқони онҳо мебошанд. Танҳо чаҳор нафар мухолиф - се саг ва гурба буданд, баъдан маълум шуд, ки онҳо ба ҳарду ҷониб овоз додаанд. Мейор идома дод:

“Ман боз каме гуфтанӣ дорам. Бори дигар такрор мекунам, ки вазифаи асосии

---

[13] садои баланди ҷоварон

шумо бо тамоми роҳу воситаҳо бо Одам душманӣ кардан аст. Ҳар касе бо ду пой меравад - душман аст. Ҳар он чӣ чор пой ва ё бол дорад - дӯст аст. Инчунин, дар хотир доред, ки дар мубориза бо Одам мо набояд феълу рафтори онро дошта бошем. Вақте ки Одам мағлуб шуд, тарзи ҳаёти ӯро қабул накунед. Ҳеҷ гоҳ ҳайвон набояд дар хонаи истиқоматӣ зиндагӣ кунад, ё ин ки рӯи рахт хоб равад,  либос бар тан кунад ё машруб нӯшад, тамоку кашад ва ё ба тиҷорат машғул шуда, бо пул кор кунад. Ҳамаи рафтор ва одатҳои Одам бад аст. Зиёда аз ин, ҳеҷ як ҳайвон набояд ягон вақт бар зоти худ зулм кунад. Заиф ё тавоно, доно ва ё содда, мо ҳама бародар ҳастем. Ҳеҷ як ҳайвон набояд ягон ҳайвони дигарро ба қатл расонад. Ҳама ҳайвонот баробаранд”.

“Акнун, рафиқон, дар бораи хоби дишабаам нақл мекунам. Ин хобро нақл кардан душвор аст. Ман дар хоб ҳаёти заминиро бидуни Одам дидам. Ногаҳон чизе ба хотирам омад, ки кайҳо боз онро фаромӯш карда будам”.

“Солҳои пеш, вақте ки ман хуки хурдсол будам, модарам ва холаҳоям як суруди куҳнаеро месароиданд, ки танҳо оҳанг ва се

калимаи аввали онро медонистанд. Ман ин оҳангро дар айёми хурдсолиям медонистам, аммо кайҳо боз он аз ёдам рафта буд. Аммо шаби гузашта онро дар хобам дидам. Ба зами ин, матни пурраи суруд - боварӣ дорам, ки насли ҳайвоноти гузашта онро месуруданд ва наслҳои минбаъда онро аз хотираҳо фаромӯш кардаанд - шунидам. Ман акнун ин сурудро ба шумо месароям, рафиқон. Албатта, ман пиронсол ҳастам ва овозам гирифта аст, аммо вақте ки оҳангашро фаҳмидед, метавонед онро барои худ беҳтар сароед. Онро "*Ҳайвоноти Англия*" меноманд".

Мейори пир гулӯяшро тоза карда, ба хондани суруд шурӯъ кард. Новобаста аз он ки овози Мейори пир хир-хир мекард, аммо ӯ ба қадри кофӣ онро хуб сароид ва ин оҳанги ҳаяҷонбахш чизе байни оҳангҳои "*Клементин*" ва "*Ла Кукарача*" буд. Матни суруд чунин буд:

Ҳайвоноти бас бечораву зор,
Хонагиеду дар ҷабру ҷафо.
Боварӣ дорам, рӯзе мерасад
Ҷашну хурсандӣ дар гузари мо!

Он ки буда ӯ  дина  хӯҷаин,
Гум мешавад ӯ аз рӯи замин.
Дар ҳама кунҷу канори ин мулк
Зиндагӣ кунем подшаҳ барин.

Ҳар он чизе ки дар хоб медидем,
Ба даст оварем он ҳамагиро мо.
Ҳам каҳ фаровон, ҳам беда бисёр,
Кунҷора, ғалла бас бувад моро.

Зимистон равад, ояд тобистон,
Ояд оромӣ ба ҷойи бурон.
Панду андарзи он воизонро
Ҷумла гум созем аз рӯи ҷаҳон.

Кор кунем аз сар, ҷумлагӣ, ёрон,
Рӯзаш мерасад – дум биафшонем,
Он гаҳе даррав аз оҳани ҷуфт
Шамшеру теғи буррон бисозем.

Ҳайвоноти бас бечораву зор,
Хонагиеду дар ҷабру ҷафо.
Боварӣ дорам, рӯзе мерасад
Ҷашну хурсандӣ дар гузари мо!

Якҷоя сурудани ин шеър ҷоваронро ба ваҷд овард. Ҳануз Мейор хондани сурудро ба охир нарасонида буд, ки ҷонварон аз нав ба сурудани он сар карданд. Ҳатто беақлтарин ҳайвон оҳанг ва чанд калимаи онро аз ёд медонист, хукҳо ва сагҳои доно дар тӯли чанд дақиқа тамоми сурудро аз бар карда буданд. Пас аз чанд маротиба хондани суруд, тамоми Саройи чорпоён бо як овоз *"Ҳайвоноти Англия"* мегуфт. Говҳо баос мекарданд, сагҳо аккос мезаданд, гӯсфандон баъ-баъ мекарданд, аспҳо шиҳа мекашиданд, мурғобиҳо қот-қот мекарданд. Онҳо аз хондани суруд чунон шод буданд, ки онро панҷ маротиба пай дар пай суруданд ва агар аз берун халал намерасониданд, шояд тамоми шаб сурудхониро идома медоданд.

Мутаассифона, ғул-ғула ҷаноби Ҷонсро аз хоб бедор кард ва ӯ аз бистар бархоста, фикр кард, ки рӯбоҳ ба ҳавлӣ омадааст. Вай яроқашро, ки ҳамеша дар як кунҷи хонааш меистод, гирифта, ба сӯи торикӣ як чанд маротиба тир паронд. Тирҳо ба девори анбор бархӯрданд ва аҳли маҷлис саросемавор пароканда шуданд. Ҳар ҳайвон ба макони хоби худ гурехт. Паррандаҳо ба ҷойҳои худ парида,

дигар ҳайвонот дар рӯи паходу хошок қарор гирифтанд ва пас аз лаҳзае тамоми Саройи чорпоён хобида буд.

## Боби II

Баъд аз се рӯз Мейори пир дар рахти хобаш оромона мурд. Ҷасади ӯро дар наздикии боғ ба хок супурданд.

Ин воқеа дар аввали моҳи март рӯй дод. Давоми се моҳи дигар ҳайвонот пинҳонӣ амал мекарданд. Суханронии Мейор нуқтаи назари баъзе ҳайвонҳои бофаҳми Саройи чорпоёнро дигар кард. Онҳо намедонистанд, ки шӯриши пешгӯикардаи Мейор кай ба вуқӯъ мепайвандад, ҳамзамон, ягон асос ҳам барои сар задани он дар тӯли умрашон вуҷуд надошт, аммо онҳо яқин медонистанд, ки ба шӯриш бояд омодагӣ мегирифтанд. Кор дар самти таълиму омӯзиш ва ташкили дигарон комилан ба дӯши хукҳо афтода буд, ки онҳо ҳамчун ҳайвонҳои доно эътироф шуда буданд. Дар байни хукҳо - ду хуки ҷавон, ки Барфаки кулӯла ва Наполеон ном доштанд, ҷаноби Ҷонс барои фурӯш онҳоро парвариш мекард. Наполеон ягона хуки калони бераҳми зоти

Беркширӣ[14] дар Саройи чорпоён буд. Вай он қадар сухангӯй набуд, аммо роҳи мустақили интихобкардаи худро дошт. Барфаки кулӯла нисбат ба Наполеон хуки хушҳолтар буд, ва тезтар суханронӣ мекарду ихтироъгар буд, аммо дар Саройи чорпоён ӯ он қадар хуки ҷиддӣ ба шумор намерафт. Дигар ҳамаи хукҳои нари Саройи чорпоён барои куштан бонӣ карда мешуданд. Дар байни онҳо аз ҳама маъруф - хуки хурди фарбеҳ бо номи Вингосӣ буд, ки афти мудаввар[15], чашмони калон, чусту чолок ва овози гӯшхароше дошт. Вай сухангӯи аҷиб буд ва замоне, ки масъалаҳои душвор мавриди баҳс қарор мегирифтанд, ӯ аз як паҳлӯ ба паҳлуи дигар ҷаҳида, думашро дар замин мекӯбид, ки ин ба суханонаш таассуроти махсус мебахшид. Баъзеҳо мегуфтанд, ки Вингосӣ метавонад ранги сиёҳро ба сафед табдил диҳад.

Ин се хук таълимоти Мейори пирро ба як низоми мукаммали тафаккур табдил дода, онро Ҳайвонгаройӣ[16] номиданд. Чанд шабе дар як ҳафта - пас аз хоб рафтани ҷаноби Ҷонс -

---

[14] яке аз зотҳои хук, ки дар минтақаи Бекшири Англия дар асри нуздаҳ дар натиҷаи дурага кардан ба вуҷуд омадааст

[15] намуди гирд, кулӯла

[16] Ҳайвонизм, Анимализм

онҳо дар анбори калон маҷлисҳои пинҳонӣ баргузор карда, ба дигарон принсипҳои Ҳайвонгароиро шарҳ медоданд. Дар аввал онҳо бефаҳму бепарво буданд. Баъзе аз ҳайвонҳо дар бораи садоқат ба ҷаноби Ҷонс, ки ӯро "Хӯҷаин" меномиданд, сухан гуфта, баъзеи дигараш эроди аҳмақона мегирифтанд ба мисли: "Ҷаноби Ҷонс моро ғизо медиҳад ва агар ӯ намебуд, мо аз гуруснагӣ мемурдем," - мегуфтанд. Дигарон чунин саволҳоро медоданд: "Барои мо чӣ фарқ дорад, ки пас аз марги мо чӣ мешавад?" ё ин ки "Ин шӯриш агар мо хоҳем ё нахоҳем рӯй диҳад, чӣ фарқе дорад, ки мо барои он кор кунем?" ва хукҳо бо душвориҳои зиёде ба онҳо мефаҳмонданд, ки ин ба иродаи Ҳайвонгароӣ мухолифат мекунад. Саволҳои аблаҳтаринро Моллӣ - аспаки сафед медод. Аввалин саволе, ки вай ба Барфаки кулӯла дод, ин буд: "Оё пас аз шӯриш сарқанд ёфт мешавад?"

"Не," — бо қатъият гуфт, Барфаки кулӯла. "Мо дар ин Саройи чорпоён қанд истеҳсол намекунем, чунки барои тайёр кардани он ягон таҷҳизот надорем. Ғайр аз ин, барои шумо сарқанд лозим нест. Шумо ба

тоаври кофӣ соҳиби ҷаву алафи дилхоҳатон мешавед”.

“Оё ба ман иҷозат дода мешавад, ки дар ёли худ лента бофам?” - пурсид Моллӣ.

“Рафиқ,” — гуфт Барфаки кулӯла, — “он лентаҳое, ки ба онҳо ин қадар одат кардаед, нишонаи ғуломӣ мебошанд. Оё намефаҳмед, ки озодӣ аз лента дида, арзишмандтар аст?”

Моллӣ бидуни боварӣ доштан, ба ин розӣ шуд.

Хукҳо бо Мосес - зоғи ромшуда барои дурӯғгӯ буданаш сахт мубориза мебурданд. Мосес - зоғи дӯстдоштаи ҷаноби Ҷонс - сергапи ғайбатгар ва дар баробари ин суханвари оқил ҳам буд. Вай иддао дошт, ки мавҷудияти як кишвари пурасрор бо номи Кӯҳи Қандро медонад, ки ҳама ҳайвонот баъд аз мурдан ба он ҷо сафар мекунанд. “Он макон дар осмон - каме дуртар аз абрҳо ҷойгир аст,” - мегуфт Мосес. Дар Кӯҳи Қанд ҳафт рӯзи ҳафта мисли рӯзи якшанбе - истироҳатӣ ва юнучқа дар тамоми фаслҳои сол мавҷуд буда, пораи сарқанди шикаста ва кунҷора рӯи парчинҳо[17] фаровон мерӯяд. Ҳайвонҳои Саройи чорпоён

[17] ҳисор ва ё девори гирди боғ, ҳудуди биноҳо ва хонаи истиқоматӣ, ки аз растании сабзи ҳамешабаҳор иборат аст

нисбат ба Мосес, банобар сабаби афсонагӯи ва танбалияш нафрат доштанд, аммо баъзеи онҳо дар бораи мавҷудияти Кӯҳи Қанд боварӣ доштанд ва хукҳо маҷбур буданд, ки онҳоро бовар кунонанд, ки чунин ҷой арзи вуҷуд надорад.

Шогирдони содиқи онҳо ду аспи аробакаш - Боксёр ва Кловер буданд. Ин ҳарду асп дар андешаронӣ мушкилӣ доштанд, аммо вақте ки хукҳоро ҳамчун устодони худ қабул карданд, онҳо ҳамаи ончиро, ки ба онҳо мегуфтанд, зуд аз худ карда, ба осонӣ ба дигар ҳайвонҳо онро мерасониданд. Онҳо ҳамеша дар маҷлисҳои махфии анбор иштирок карда, сурудхонии *"Ҳайвоноти Англия"*-ро, ки кори маҷлисҳо ҳамеша бо он анҷом меёфт, роҳбарӣ мекарданд.

Акнун, шӯриш хеле барвақттар ва ба осонӣ нисбат ба он ки интизораш буданд, сар зад. Гарчанде ки ҷаноби Ҷонс дар солҳои гузашта, хӯҷаини сахтгиру одами қобилиятнок буд, аммо дар вақтҳои охир нисбат ба пештара вазъи кораш он қадар хуб набуд. Ӯ баъд аз хароҷоти зиёди пулӣ кардан дар додгоҳ сахт рӯҳафтода шуда, аз ин сабаб аз ҳад зиёд машруб менӯшид. Ӯ рӯзҳои тӯлонӣ дар

роҳаткурсии чӯбии ошхона нишаста, рӯзнома мехонд, машруб менӯшид ва гоҳ-гоҳ ба Мосес пораҳои нони дар оби ҷав тар карда шударо медод. Коргаронаш бекораву беинсоф, киштзорҳояш пур аз алафҳои бегона, бомпӯши биноҳояш таъмирталаб буданд, ҳамзамон, коргаронаш нисбат ба чарогоҳҳо беэътиноӣ зоҳир намуда, ба ҳайвонот кам ғизо медоданд.

Моҳи июн ҳам фаро расиду фасли дарави алаф даромад. Дар арафаи нимаи аввали тобистон, ки ба рӯзи шанбе рост омад, ҷаноби Ҷонс ба Виллингдон рафт ва дар қаҳвахонаи Шери Сурх чунон машруб нӯшида, маст шуд, ки то нисфирӯзии рӯзи якшанбе барнагашт. Коргаронаш субҳи барвақт модаговҳоро ҷӯшида, ба ҷойи ба ҳайвонот ғизо додан ба харгӯшшикор рафтанд. Вақте ки ҷаноби Ҷонс баргашт, дарҳол худро ба рӯи дивани меҳмонхона партофт – ҳатто ғизо додани ҳайвоноти бечора ба ёдаш нарасид - ва ба хондани рӯзномаи *“Ахбори ҷаҳон”* оғоз кард, баъдан рӯзнома рӯяшро пӯшонид ва то фарорасии шом хобаш бурд. Ниҳоят, тоқати ҳайвонот тоқ шуд. Яке аз говҳо бо шохаш дари оғилро зада шикасту ҳамаи ҳайвонот ба берун бaромаданд. Маҳз дар ҳамин лаҳза ҷаноби

Ҷонс аз хобаш бедор шуд. Лаҳзаи дигар ӯ бо чор коргараш ба оғилхона расида, бо тозиёна[18] ба ҳар тараф мезад. Косаи сабри ҳайвоноти гурусна лабрез шуда буд. Онҳо якдилона - гарчанде ки ин аз пеш тарҳрезӣ нашуда буд – ба шиканҷакунандагони худ дарафтоданд. Ҷонс ва коргаронаш ногаҳон диданд, ки аз ҳар тараф онҳоро лағадкӯб карда истодаанд. Вазъи ба амал омада, комилан аз таҳти назорати онҳо берун рафт. Ҷонс ва коргаронаш ба латукӯб ва бадрафторӣ кардан нисбат ба ҳайвонот одат карда буданд, аммо имрӯз рафтор ва шӯриши ногаҳонии ҳайвонот онҳоро сахт тарсонд. Онҳо пас аз лаҳзае аз кӯшиши ҳимояву дифоъ кардан даст кашида, дар фикри фирор кардан шуданд. Пас аз дақиқае ҳамаи панҷ нафари онҳо тавассути пайроҳаи ароба, ки ба роҳи асосӣ мебурд, дар гурез буданд ва ҳайвонот бошанд аз қафо онҳоро пайгирӣ мекарданд.

Хонум Ҷонс аз тирезаи утоқи хобаш ба берун нигариста, дид, ки чӣ ҳодиса рӯй дода истодааст, ӯ саросемавор баъзе анҷомҳоро ба борхалта андохта, бо роҳи дигар аз Саройи чорпоён берун шуд. Мосес аз ҷояш ҷаста,

---

[18] он чи ки бо он чорпоёнро зада меронанд, қамчин

баланд-баланд қар-қар карда, аз қафои хонум Ҷонс парида рафт. Ба ҳамин минвол, ҳайвонҳо Ҷонс ва коргаронашро то ба сари роҳи асосӣ таъқиб карданд ва дарвозаи калони панҷарагиро аз паси онҳо пӯшиданд. Ҳамин тавр, то ҳайвонҳо дарк карданд, ки чӣ воқеа рӯй додааст, аллакай шӯриш бомуваффақият анҷом ёфт: Ҷонс аз он ҷо ронда шуд ва акнун Саройи чорпоёни Манор азони ҳайвонҳо шуд.

Дар дақиқаҳои аввал ҳайвонҳо аз пирӯзии худ бовар надоштанд. Дар амалиёти аввалини худ яке аз ҷонварон дар атрофи сарҳади Саройи чорпоён давида, боварӣ ҳосил кард, ки  ҳеҷ як Одам дар он ҷо пинҳон нест. Сипас онҳо ба сӯи биноҳои Саройи чорпоён давида рафтанд, то осори охирини салтанати нафратовари Ҷонсро нест кунанд. Биное, ки дар он асбобу анҷом ва афзорҳо нигаҳдорӣ мешуданд, (он дар поёни саисхона воқеъ буд) дараш шикаста буд: дар он ҷо лаҷом, ҷилав, узангу,  ҳалқаҳо барои бинӣ, занҷир барои сагҳо, кордҳои бераҳмонаи Ҷонс, ки ба воситаи онҳо хукҳо ва барраҳоро ахта мекарданд, мавҷуд буданд ва ҳамаи ин лавозимот ба чоҳ андохта шуд. Ба болои оташи партовҳое, ки дар ҳавлӣ фурӯзон буд, халтаҳо, ресмону

танобҳо, зину тасмаҳо, ҷилду ҷилав ва дигар ашёи сӯзанда партофта шуданд. Тозиёнаҳоро низ ҳамин тавр сӯзонданд. Вакте ки тозиёнаҳо дар оташ аланга зада месӯхтанд, ҷонварон аз шодӣ дар ҷойҳои худ мепариданд. Барфаки кулӯла, инчунин лентаҳоеро, ки одатан дар рӯзҳои бозор бо онҳо ёлу думҳои аспҳоро оро медоданд, ба оташ афканд.

“Лентаҳо,” — гуфт ӯ, — “ҳамчун либос шумурда мешаванд ва ин нишонаи одамӣ аст. Ҳама ҳайвонҳо бояд урён бошанд”.

Боксер ин суханонро шунида, кулоҳи хурди пахолиеро, ки маъмулан дар фасли тобистон барои ҳимояи гӯшҳояш аз пашшаҳо истифода мебурд, оварда, бо дигарон онро ба оташ партофт.

Дар муддати хеле кӯтоҳ ҳама чизе, ки ҷаноби Ҷонсро ба ёд меовард, нобуд карда шуд. Баъд аз ин Наполеон ҳамаи ҳайвонҳоро боз ба шипанг бурд ва ба онҳо микдори дукаратаи ҷуворимакка дод ва ба зами ин, барои ҳар як саг ду донаи бисквит дод. Пас аз ин онҳо ҳафт маротиба ба завки тамом суруди *“Ҳайвоноти Англия”*-ро хонданд ва оромона шаб хобиданд, чунин ба роҳат ҳеҷ гоҳ нахобида буданд.

Чун ҳарвақта саҳар аз хоб бедор шуданд ва ногаҳон пирӯзии дирӯзаро ба хотир оварда, ҳама якҷоя ба чарогоҳ баромаданд. Каме поёнтар аз чарогоҳ теппачае буд, ки аз он ҷо қисми зиёди ҳудуди Саройи чорпоён намоён буд. Ҳайвонот ба болои он шитофтанд ва дар равшании субҳ ба гирду атрофи Саройи чорпоён менигаристанд. Бале, ин ҳама мулк аз они онҳо буд - ҳар чизеро ки медиданд, моли онҳо ба ҳисоб мерафт! Аз ҳамаи ин хушбахтиҳо ҳайвонот ба ваҷд омада, аз ҳаяҷон ба ҳар тараф меҷаҳиданд ва ба ҳаво мепариданд. Онҳо рӯи гиёҳҳои шабнамхӯрда ғелида, алафи сабзи тобистонаро мечариданд ва замини сиёҳро лагадкӯб карда, аз бӯи он роҳат мекарданд. Баъдан онҳо тамоми ҳудуди Саройи чорпоёнро гашта, заминҳои шудгоршуда, алафзор, боғи мева, ҳавз ва марғзорҳоро бо лаззат аз назар гузарониданд. Гӯё онҳо ҳеҷ гоҳ ин чизҳоро надида буданд ва ҳоло ҳам базӯр бовар мекарданд, ки ин ҳама моли худи онҳост.

Баъд онҳо ба назди биноҳои Сарой баргашта, хомӯшона дар назди дари хонаи истиқоматии Саройи чорпоён истоданд. Ин ҳам аз они ҳайвонот буд, вале онҳо тарсиданд,

ки ба дарун дароянд. Аммо пас аз лаҳзае, Барфаки кулӯла ва Наполеон бо китфашон дарро кушоданд ва ҳайвонҳо аз тарсе, ки чизеро нашикананд, бо эҳтиёт ба он ҷо ворид шуданд. Онҳо қатор шуда, оҳиста – оҳиста ва бо эҳтиёт аз утоқ ба утоқ бо овози паст паҳ-паҳкунон гузаштанд, дар ошёнаи дуюм чизҳои бо ҳашамату зебо, аз қабили бистари хоб, оина, ҷиҳоз бо рӯпуш аз матоъи пашми асп, қолинҳои брюсселӣ, литографияи Малика Виктория дар болои камини меҳмонхонаро дида, дар ҳайрат монданд. Вақте, ки тавассути зинапоя ба поён фаромаданд, маълум шуд, ки Моллӣ ғайб задааст. Баргашта диданд, ки ӯ дар яке аз утоқҳои хоби занона мондааст. Вай пораи лентаи кабудро аз рӯи мизи утоқи либоспӯшии хонум Ҷонс гирифта, ба рӯи китфи худ гузошта, чун аблаҳон худро дар оина тамошо дорад. Дигарон ӯро сахт сарзаниш карда, ба берун бароварданд. Якчанд гӯшти дар ошхона овезон бударо барои дафн кардан ба берун бурданд ва бочкаи оби ҷави Ҷонсро Боксёр бо пойяш лагад зада, сӯрох кард, ғайр аз ин, дигар ягон чиз дар хона осеб надид. Дар худи ҳамон ҷо қарори якдилона қабул карда шуд, ки бинои истиқоматӣ ба осорхона табдил дода шавад.

Ҳама ба мувофиқа расиданд, ки ҳеҷ як ҳайвон ҳеҷ вақт бояд дар он ҷо зиндагӣ накунад.

Баъд аз ғизои субҳ Барфаки кулӯла ва Наполеон ҳамаи онҳоро боз ба наздашон даъват карданд.

“Рафиқон,” — гуфт Барфаки кулӯла, — “ҳанӯз соат шашу ними субҳ мебошад ва моро рӯзи дароз дар пеш аст. Имрӯз мо ба дарави алаф шурӯъ мекунем. Аммо як масъалаи дигаре ҳаст, ки аввал бояд ба он таваҷҷуҳ кунем”.

Хукҳо хабар доданд, ки дар давоми се моҳи охир онҳо китоби куҳнаи алифборо, ки ба фарзандони ҷаноби Ҷонс тааллуқ доштанд, аз партовгоҳ пайдо карда, омӯхтанд. Наполеон Барфаки кулӯларо барои овардани қуттии рангҳои сиёҳ ва сафед фиристод ва дигаронро ба сӯи дарвозаи калони панҷарагӣ, ки дар роҳи асосӣ меистод, бурд. Сипас Барфаки кулӯла (маҳз Барфаки кулӯла ҳусни хати зебо дошт) дар байни ду ангушти паллаи худ чӯткаи рангкуниро гирифта, дар болои дарвоза навиштаҷоти САРОЙИ ЧОРПОЁНИ МАНОР-ро ранг карда, ба ҷойи он САРОЙИ ЧОРПОЁН навишт. Ҳоло ин Саройи чорпоён чунин бояд номида шавад. Баъд аз ин, онҳо ба

назди биноҳои Сарой баргаштанд ва бо супориши Барфаки кулӯла ва Наполеон нардбонеро ба девори охири анбори калон гузоштанд. Онҳо тавзеҳ доданд, ки тайи се моҳи охир хукҳо дар омӯзиши худ принсипҳои Ҳайвонгароиро ба Ҳафт принсип табдил доданд. Ин Ҳафт принсип акнун дар девор навишта хоҳад шуд ва онҳо қонуни тағйирнашавандаеро ба вуҷуд меоранд, ки тибқи он тамоми ҳайвонҳо дар Саройи чорпоён бояд то абад зиндагӣ кунанд. Бо каме душворӣ (зеро барои хукон дар рӯи нардбон истода, мувозинатро нигоҳ доштан мушкил аст) Барфаки кулӯла ба боло баромада, ба кор оғоз кард, Вингосӣ бошад, чанд зина поёнтар қуттии рангро дошта, меистод. Ин Ҳафт принсип дар девори қирдори[19] сиёҳ бо ҳарфҳои калони сафед навишта шуданд, ки онҳоро аз масофаи сӣ метр хондан мумкин буд. Онҳо чунин буданд:

**ҲАФТ ПРИНСИП:**

1. Ҳар кӣ бо ду пой меравад, душман аст.
2. Ҳар чӣ бо чор пой меравад, ё бол дорад, дӯст аст.

---

[19] моддаи сиёҳранге, ки вақти полудани нафт таҳнишин шуда, барои мумфарш кардани роҳ, ранг кардани таҳкурсии бино ва ғайра истифода мешавад, қатрони нафт

3. Ҳеҷ ҳайвон набояд либос пӯшад.

4. Ҳеҷ ҳайвон набояд дар болои рахт бихобад.

5. Ҳеҷ ҳайвон набояд машрубот нӯшад.

6. Ҳеҷ ҳайвон ҳеҷ ҳайвони дигарро ба қатл набояд расонад.

7. Ҳама ҳайвонот баробаранд.

Навиштаҷот хеле зебо омад, ба ҷуз калимаи "дӯст", ки он "дуст" навишта шуда буд ва ҳарфи "С" он ҳам бошад баръакс навишта шуда буд, вале дар маҷмӯъ талафузи принсипҳо вайрон нашуда буданд. Барфаки кулӯла онро барои дар хотира нигоҳ доштан бо овози баланд хонд. Ҳамаи ҳайвонҳо бо розигии комил сар ҷунбониданд ва хушзеҳнонашон якбора ба омӯхтани ин принсипҳо сар карданд.

"Акнун, рафиқон," — хитоб кард, Барфаки кулӯла ва ҷӯткаи рангуборкуниро партофта, — "ҳама ба саҳро! Бигузор вазифаи фахрии мо аз Ҷонс ва коргарони ӯ зудтар даравидани алаф ва ғундоштани ҳосил бошад".

Аммо дар ин лаҳза се гов, ки хеле нороҳат буданд, ногаҳон баоси баланд кашиданд. Бисту чор соат боз шири онҳоро наҷӯшида буданд ва пистонҳояшон қариби

кафидан буданд. Хукҳо пас аз андаке фикр кардан сатил гирифта, бо ангуштони паллаи худ, ки барои ин кор хеле мутобиқ буданд, говҳоро бомуваффақият ҷӯшиданд. Дере нагузашта панҷ сатили пур аз шири қаймокдор таваҷҷуҳи зиёди ҳайвонотро ба худ ҷалб кард.

"Бо ин ҳама шир чӣ бояд кард?" - гуфт ҳайвоне.

"Ҷонс баъзан як қисми онро бо ем[20] омехта мекард," - гуфт яке аз мурғҳо.

"Дар бораи шир фикр накунед, рафиқон!" — хитоб кард Наполеон бо ҷуссаи худ сатилҳоро пӯшонида. "Ба он аҳамият надиҳед. Дарави гандум муҳимтар аст. Рафиқ Барфаки кулӯла шуморо роҳнамоӣ мекунад. Ман баъд аз чанд дақиқа расида меоям. Ба пеш, рафиқон! Дарав моро интизор аст".

Ҳамин тавр, ҳамаи ҳайвонҳо барои ба дарав шурӯъ кардан ба саҳро баромаданд ва бегоҳӣ баргашта диданд, ки шир нопадид шудааст.

## Боби III

---

[20] хӯроки ғалладонагӣ ва равғанноки таркардашуда барои ҳайвонот, тарит

Барои ҷамъоварӣ кардани алаф чӣ қадар онҳо меҳнат карда, арақ резониданд! Аммо саъю кӯшиши онҳо беҳуда набуд, зеро ҳосил нисбат ба он чӣ ки онҳо умед доштанд, хеле зиёдтар буд.

Баъзан кор ба душворӣ пеш мерафт, чунки асбобҳо барои одамон пешбинӣ шуда буданд, на барои ҳайвонҳо ва монеаи асосӣ он буд, ки ҳеҷ як ҳайвон болои ду пойи қафояш истода, кор карда наметавонист. Аммо хукҳо чунон доно буданд, ки тавонистанд роҳи бартараф кардани ин душвориҳоро ҳал кунанд. Аспҳо бошанд, ба хубӣ ҳар як ваҷаби заминро медонистанд ва аслан кори саҳроро нисбат ба Ҷонс ва коргарони ӯ беҳтар мефаҳмиданд. Хукҳо ҳайвонони корӣ набуданд, фақат дигаронро роҳбарӣ ва назорат мекарданд. Табиист, ки бо чунин донишу малака онҳо бояд танҳо роҳбариро ба дӯш мегирифтанд. Боксёр ва Кловер ба худ асбобҳои алафдаравӣ ва ё хаскаширо насб карда, алафу хошок ҷамъ мекарданд (барои онҳо дигар ягон ҷилд ва ҷилав лозим набуд) ва як хукбачаи тарсончак бо садои баланд дар майдон давр зада, онҳоро балегӯён дилгарми кор карда, “Бархез, рафиқ!” ё “Боракало, рафиқ!” - мегуфт. Боқимонда

ҳайвонот, ҳатто камқувваттаринашон дар ҷамъоварии алаф заҳмат мекашиданд. Ҳатто мурғу мурғобиҳо ҳам тамоми рӯз дар зери шуои офтоб дар нӯлашон пораҳои ночизи хасбедаро мекашониданд. Дар ниҳоят, онҳо даравро ду рӯз пештар аз он ки одатан Ҷонс бо коргаронаш ба анҷом мерасониданд, тамом намуданд. Ғайр аз ин, Саройи чорпоён чунин ҳосили зиёдро қаблан ягон бор ҷамъоварӣ накарда буд. Ин дафъа ҳеҷ чиз исроф нашуд, мурғу мурғобиҳо бо чашмони тези худ охирин хасу донаро ҷамъоварӣ карда буданд. Ягон ҳайвони Саройи чорпоён зимни ҷамъоварии ҳосил ягон донаро дуздӣ накард.

Дар тӯли тобистон кор дар саҳроҳои Саройи чорпоён мисли кори соат пеш мерафт. Бори аввал ҳайвонот дар ҳаёти худ хушбахтии ҳақиқиро эҳсос карданд. Акнун онҳо ғизои худро бо лаззати том мехӯрданд, чунки воқеан ҳам ғизо моли худи онҳо буд, ки аз ҷониби худ барои худашон таҳия карда мешуд, на аз ҷониби хӯҷаини хасис. Дар баробари рондани одамони зарарrасон маводи ғизоӣ барои ҳайвонот бештар пайдо гардид. Истироҳату фароғат низ бештар шуд, гарчанде ки дар ин самт ҳайвонот он қадар таҷриба надоштанд.

Ҳамаи ин маънои онро надошт, ки кор бемушкилӣ буд, масалан, ҳангоми ҷамъоварии ҳосили ҷуворимакка - онҳо ҷуворимаккаро бо услуби қадима хирман карда, коҳро бо нафаси худ аз дон ҷудо мекарданд, зеро Саройи чорпоён мошинаи донтозакунӣ надошт — ҳамаи ин мушкилот бо зиракии хукҳо ва бо мушакҳои пурқуввати Боксёр ҳал карда шуданд. Ҳама мафтуни кори Боксёр буданд. Ӯ ҳанӯз дар замони Ҷонс меҳнатдӯст буд, ҳоло бошад, ба ҷойи се асп кор мекард ва рӯзҳое буданд, ки тамоми кори Саройи чорпоён гуё ба дӯши тавонои ӯ афтода буд. Аз субҳ то шом дар ҳар куҷое, ки кор сахттар буд, вазифаи ӯ кашонидану бурдани бор буд. Вай бо яке аз хурӯсҳо маслиҳат карда буд, ки ҳар саҳар ӯро ним соат пештар аз ҳама бонг зада бедор кунад, барои он ки то оғози кори муқаррарӣ бо ихтиёри худ корҳои заруриро иҷро намояд. Зимни рӯ ба рӯ шудан ба ҳар як мушкилот ва ё ноомадии кор шиори шахсияш ин буд: “Ман боз бештар аз ин кор мекунам!”

Ҳар ҳайвон мувофиқи имконияташ кор мекард, масалан мурғону мурғобиҳо ҳангоми ҷамъоварии ҳосил ғаллаи дар саҳро мондаро дона-дона ҷамъ карданд, ки дар охир панҷ

халтаи пурраро ташкил дод. Хусусиятҳои муқаррарии рӯзгори замони Ҷонс, аз қабили дуздӣ, шикоят аз ғизо, ҷанҷолу хархаша ва газидану рашк бурдан қариб аз байн рафта буд. Ҳеҷ кас аз ҳеҷ чизе шикоят намекард. Ростӣ, ҳар саҳар барвақт аз хоб хестан барои Моллӣ мушкилӣ мекард ва ё замни шудгор кардан агар санге суми пояшро мезад, дарҳол ӯ метавонист корро бас кунад. Баъзан рафтори гурбаҳо ҳам то андозае тааҷҷубовар буд. Ба зудӣ маълум шуд, ки гурбаҳо зимни пайдо шудани кори таъҷилӣ ғайб мезананд. Онҳо соатҳои дароз бедарак мешуданд ва ҳангоми ғизо хӯрдан ё бегоҳӣ пас аз анҷоми кор - гӯё ки ҳеҷ гапе нашуда бошад - дубора пайдо мешуданд. Гурбаҳо ҳамеша баҳонаҳои аҷибе пеш оварда, бо чунин дилбастагии зиёд хур-хур мекарданд, ки ба нияти некашон бовар накардан ғайри имкон буд. Бенҷамин - хари калонсол аз замони сар задани шӯриш тамоман бетағйир монда буд. Вай кори худро ҳамон тавре ки дар замони Ҷонс – сусту якравона - иҷро мекард ба ҳамон зайл идома медод. Ӯ ҳеҷ гоҳ аз кор саркашӣ ҳам намекард ва ҳеҷ ташаббусе ҳам нишон намедод. Дар бораи натиҷаҳои шӯриш ӯ фикре ҳам баён намекард.

Вақте аз вай мепурсиданд, ки оё пас аз ронда шудани Ҷонс ӯ хушбахттар шудааст ё не, дар ҷавоб танҳо мегуфт: “Харҳо умри дароз доранд. Ҳеҷ яке аз шумо то ҳанӯз мурдаи харро надидаед,” - дигарон маҷбур буданд, ки бо ин ҷавоби пурасрор қаноат кунанд.

Рӯзҳои якшанбе – рӯзи истироҳатӣ буд. Баъд аз ғизои саҳарӣ – ғизохӯрӣ дар рӯзҳои якшанбе назар ба рӯзҳои маъмулӣ як соат дертар оғоз мешуд - ҳама ҳайвонот ба маросиме, ки ҳар ҳафта бечунучаро баргузор карда мешуд, иштирок мекарданд. Дар оғоз парчамро тантанавор мебардоштанд. Барфаки кулӯла дар утоқи либоспӯшии хонум Ҷонс дастархони куҳнаи сабзеро пайдо карда буд, дар рӯи он суми пойи ҳайвон ва шохро бо ранги сафед кашида буданд. Он ҳар субҳи рӯзи якшанбе дар боғи назди хонаи истиқоматии Саройи чорпоён дар сутуни парчам бардошта мешуд. “Ранги сабзи парчам,” - ба ҳама фаҳмонд Барфаки кулӯла – “майдонҳои сабзи Англияро ифода мекунанд, суми пойи ҳайвон ва шох маънои ояндаи ҷумҳурии ҳайвонотро таҷассум менамояд ва албатта, ҳамаи ин пас аз сарнагун кардани насли одамият ба вуҷуд хоҳад омад”.

Пас аз барафрохтани парчам тамоми ҳайвонот ба анбори калон, ки дар он ҷо маҷлиси умумӣ баргузор мегардид ва бо номи “Маҷлисгоҳ” маъруф буд, ҷамъ мешуданд. Дар ин ҷо накшаи кори ҳафтаи оянда ва дигар масъалаҳои ҷорӣ баррасӣ ва муҳокима карда мешуданд. Қарорҳоро ҳамеша хукҳо қабул мекарданд. Ҳайвонҳои дигар чӣ гуна овоз доданро медонистанд, аммо ҳеҷ гоҳ ягон пешниҳоде манзур карда наметавонистанд. Барфаки кулӯла ва Наполеон бисёр мубоҳиса мекарданд. Аммо ба назар чунин мерасид, ки ин ду хук байни худ ҳаргиз муросо намекунанд: агар яке аз онҳо ягон пешниҳоде мекард, дигаре ҳатман муқобили он мебаромад. Ҳатто масъалаи ҷудо намудани қитъаи замин дар пушти боғ барои нафақахӯрон - ин чизе буд, ки ҳеҷ кас наметавонист ба муқобилаш эътироз кунад - баҳси шадидеро барои муайян кардани синну соли ҳар як намуди ҳайвон ҷиҳати баромадан ба нафақаро ба вуҷуд овард.

Маҷлис ҳамеша бо хондани суруди *“Ҳайвоноти Англия”* ба охир мерасид ва баъди нисфирӯзӣ ҳар як ҷонвар ба корҳои шахсии худ машғул мешуд.

Хукҳо дар утоқи асбобу анҷом барои худ сардафтар[21] ташкил карда буданд. Дар он ҷо ҳар бегоҳӣ бо истифода аз китобҳое, ки аз хонаи истиқоматии Саройи чорпоён оварда буданд, касбҳои челонгарӣ, дуредгарӣ ва дигар ҳунарҳои заруриро меомӯхтанд. Инчунин, Барфаки кулӯла машғули таъсис додани кумитаи ҳайвонот буд. Вай дар ин самти кор хасташавӣ надошт. Ӯ ғайр аз ташкили дарсҳои хониш ва навиштан боз кумитаи истеҳсоли тухми мурғ, лигаи думҳои тоза барои модаговҳо, кумита оид ба маълумоти дуюми рафиқони ваҳшӣ (мақсади асосии он ром кардани калламушҳо ва харгӯшҳо буд), ҷунбиши (ҳаракати) пашми сафед барои гӯсфандон ва ғайраро ташкил карда буд. Дар маҷмӯъ, ҳамаи ин лоиҳаҳо ба нокомӣ дучор шуданд. Масалан, кӯшиши ром кардани мавҷудоти ваҳшӣ ба зудӣ барҳам хӯрд. Новобаста аз он ки ба ҳайвонот бо саховатмандӣ муносибат мекарданд, онҳо инро суиистифода карда, ҳамоно мисли пештара хеле бадрафторӣ менамуданд. Гурбаҳо ба кумитаи маълумоти дуюм шомил шуда буданд ва чанд рӯз дар кори он хеле фаъолона

[21] саридора, офис

иштирок карданд. Яке аз онҳоро чанде аз ҳайвонҳо рӯзе дар болои бом нишаста диданд, ки бо чанд гунҷишкони дуртар аз наздаш суҳбат мекард. Гурба ба онҳо мегуфт, ки ҳамаи ҳайвонот акнун бо якдигар рафиқанд ва ҳар гунҷишк агар хоҳад метавонад омада, рӯи панҷаҳояш нишинад, аммо гунҷишкҳо фосиларо нигоҳ медоштанд.

Бо вуҷуди ин, дарсҳои хониш ва навиштан бомуваффақият мегузаштанд. То фасли тирамоҳ қариб ҳар як ҳайвони Саройи чорпоён то андозае саводнок шуданд.

Хукҳо бошанд, аллакай пурра хондану навиштанро метавонистанд. Сагон низ хонданро хуб ёд гирифта буданд, аммо ба ғайр аз Ҳафт принсип ба хондани чизи дигар шавқ надоштанд. Муриел - бузи сафед, назар ба сагҳо то андозае беҳтар хонда метавонист ва баъзан пораҳои рӯзномаҳое, ки аз партовгоҳ ёфта буд, бо дигарон мутолиа мекард. Бенҷамин – хари калонсол мисли ҳама хукҳо хонданро метавонист, аммо ҳеҷ гоҳ аз ин қобилияти худ истифода намебурд. “То он ҷое ки ман мефаҳмам,” - мегуфт ӯ, - “ягон чизи арзанда барои хондан вуҷуд надорад”. Кловер тамоми алифборо аз худ кард, аммо ҳиҷоҳоро

ба ҳам пайваст карда наметавонист. Боксёр дар омӯзиши алифбо то ҳарфи Д-ро аз ёд кард. Ӯ бо суми пойи бузургаш дар рӯи замин чор ҳавфи аввали алифбо - A, B, C ва D-ро навишта карда, гӯшҳояшро ба сӯи онҳо равона намуда, гоҳ-гоҳе мӯйҳои пешониашро ин тарафу он тараф ҷунбонида, бо тамоми вуҷудаш кӯшиш мекард, ки ҳарфи навбатиро фаҳмад. Дар якчанд маврид, воқеан, ӯ E, F, G, H -ро аз ёд карда буд, аммо вақте ки онҳоро аз аввал мехонд, ҳамеша маълум мешуд, ки A, B, C ва D -ро аллакай фаромӯш кардааст. Ниҳоят ӯ тасмим гирифт, ки бо чаҳор ҳарфи аввали алифбо қаноат кунад ва ҳар рӯз як ё ду бор онҳоро менавишт, то аз хотираш нараванд. Моллӣ ба ҷуз панҷ ҳарфи номаш дигар чизеро омӯхтан нахост. Вай ин ҳарфҳоро аз навдаҳо бо як сабки[22] зебо сохта, сипас онҳоро бо як-ду гул оро медод ва дар гирдашон чарх зада, худро мафтуну шайдои онҳо месохт.

Ягон ҳайвони дигар дар Саройи чорпоён аз ҳарфи А пеш гузашта натавонист. Инчунин маълум шуд, ки ҳайвонҳои кундзеҳн, аз қабили гӯсфанд, мурғ ва мурғобӣ, Ҳафт принсипро ёд гирифта наметавонанд. Пас аз андешаҳои зиёд

[22] тарз, услуб

Барфаки кулӯла эълон кард, ки моҳияти Ҳафт принсипро метавон бо як принсип ҷамъбаст кард, яъне: "Чор пой хуб, ду пой бад". "Инибораи кӯтоҳ," - гуфт ӯ, - "принсипи асосии Ҳайвонгароиро дар бар мегирад. Ҳар кӣ агар онро амиқ дарк кунад, аз таъсири бади одамӣ эмин мемонад". Паррандагон дар аввал эътироз карданд, зеро ба назари онҳо чунин менамуд, ки онҳо низ ду пой доранд, аммо Барфаки кулӯла ба онҳо исбот кард, ки ин тавр нест.

"Қаноти парранда, рафиқон," — гуфт ӯ, — "узви ҳаракат аст, на узви амал. Аз ин рӯ, он бояд ҳамчун пой ба инобат гирифта шавад".

"Узви фарқкунандаи Одам *даст* аст, ин узве мебошад, ки инсон бо он ҳама фасоди худро анҷом медиҳад".

Паррандаҳо суханони тӯлонии Барфаки кулӯларо нафаҳмиданд, аммо онҳо шарҳи ӯро қабул карданд ва тамоми ҳайвонот ба аз ёд кардани ибора шурӯъ карданд. Ибораи "ЧОР ПОЙ ХУБ, ДУ ПОЙ БАД," дар девори охири анбор, дар болои шиори "Ҳафт принсип" бо ҳарфҳои калонтар навишта шуданд. Вақте ки онҳо онро аз ёд карданд, ба гӯсфандон ин ибора хеле маъқул шуд ва аксар вақт ҳангоми

дар чарогоҳ буданашон онҳо онро якҷоя мехонданд. “Чор пой хуб, ду пой бад!, Чор пой хуб, ду пой бад!” ва хондани онро соатҳо давом медоданд ва аз такрор кардани он ҳеҷ гоҳ хаста намешуданд.

Наполеон ба кумитаҳои Барфаки кулӯла таваҷҷуҳ зоҳир намекард. Вай мегуфт, ки нисбат ба таълими калонсолон таълиму тарбияи насли наврас муҳимтар аст. Чунин шуд, ки ду саг – Блубелл ва Ҷесси ҳарду пас аз дарави алаф дар саҳро нуҳ сагбачаҳои солимро ба дунё оварданд. Ҳамин ки онҳо аз макидани шир ҷудо шуданд, Наполеон онҳоро аз дасти модаронашон гирифта, гуфт, ки онҳоро худаш таълиму тарбия мекунад. Ӯ сагбачаҳоро ба ошёнае, ки танҳо бо нардбон тавассути утоқи асбобу анҷомҳо баромадан мумкин буд, овард ва онҳоро дар танҳоӣ нигоҳ медошт. Дере нагузашта ҳайвоноти Саройи чорпоён мавҷудияти онҳоро фаромӯш карданд.

Асрори гум шудани шир маълум шуд. Хукҳо онро ҳар рӯз дар охӯрчаи худ бо ем омехта мекарданд. Вақти пухтани себҳои барвақтӣ расида буд ва шамол онҳоро рӯи замини боғ мерезонд. Ҳайвонот фикр мекарданд, ки себҳо дар байни онҳо ба таври

баробар тақсим карда мешаванд, аммо рӯзе фармон баромад, ки тамоми себҳо ҷамъ карда шуда, барои истифодаи хукҳо ба утоқи асбобу анҷом оварда шаванд. Дар ин бора баъзе ҳайвонот ғур-ғур карданд, аммо фоидае надошт. Ҳамаи хукҳо, ҳатто Барфаки кулӯла ва Наполеон ҳам дар қабули қарори мазкур якдилона мувофиқ буданд. Вингосӣ барои фаҳмонидани масъала ба назди дигар ҳавонот фиристода шуд.

"Рафиқон!" — нидо кард ӯ - "умедворам, шумо фикр намекунед, ки мо, хукҳо ин корро барои имтиёз ва худпарастӣ анҷом медиҳем? Бисёре аз мо, хукҳо - воқеан ҳам шир ва себро дӯст намедорем. Шахсан ман худам ширу себро аслан дӯст намедорам. Ҳадафи ягонае, ки мо онҳоро истеъмол мекунем ин ҳифзи саломатии шумост. Шир ва себ (инро илм исбот кардааст, рафиқон) дар таркибаш моддаҳое доранд, ки барои тандурустии хукон комилан заруранд. Мо хукҳо бо кори зеҳнӣ машғулем. Идоракунӣ ва ташкили кори ин Саройи чорпоён комилан аз мо вобастагӣ дорад. Мо шабу рӯз дар фикри ободӣ ва некуаҳволии шумоем. Мо танҳо аз барои хотири шумо ин ширро менӯшем ва себро

мехӯрем. Оё шумо тасаввур карда метавонед, ки агар мо, хукҳо вазифаи худро иҷро накунем, чӣ мешавад? Ҷонс бармегардад! Бале, Ҷонс боз бар хоҳад гашт! Ман боварӣ дорам, рафиқон, - илтиҷокунон – ин тарафу он тараф ҷаҳидаву думашро тоб дода - хитоб кард Вингосӣ – боварӣ дорам, дар байни шумо ҳайвоне нест, ки баргаштани Ҷонсро хоҳад?"

Он чизе ки ҳайвонҳо комилан ба он итминон доштанд, ин дигарбора бар нагаштани Ҷонс ба Саройи чорпоён буд. Вақте ки ин суханон гуфта шуданд, дигар ягон ҳайвон чизе нагуфт. Барои солим нигоҳ доштани хукҳо дигар ягон шубҳа намонда буд. Баъд аз ин, бидуни баҳсу мунозира ҳамаи ҳайвонот ба мувофиқа расиданд, ки шир ва себҳои рехташуда (инчунин ҳосили асосии себ ҳангоми пухта расиданаш) бояд танҳо барои хукҳо захира карда шаванд.

## Боби IV

Дар охири фасли тобистон хабари он чӣ ки дар Саройи чорпоён рӯй дода буд, дар нисфи кишвар паҳн шуд. Ҳар рӯз Барфаки кулӯла ва Наполеон барои расонидани

дастурҳо роҷеъ ба ташкил намудани шӯриш ва омӯзиши суруди *Ҳайвоноти Англия* кабутарҳои парвозиро ба фермаҳои ҳамсоя мефиристоданд.

Ҷаноби Ҷонс бошад бештари вақташро дар қаҳвахонаи “Шери Сурх” дар Виллингдон мегузаронид ва ба умеде, ки касе нишаста, ба шикоятҳои ӯ гӯш диҳад, вай дар бораи беадолатии ҳайвоноти беақл, ки ӯро аз моликияташ маҳрум сохта буданд, нақл мекард. Дигар хоҷагидорон бо ӯ ҳамфикр буданд, вале ягон нафари онҳо барои ёрӣ расонидан чандон ҳозир набуд. Дар қалби ҳар яки онҳо фикрҳое меомаданд, ки оё бадбахтии Ҷонс ба онҳо низ намерасида бошад? Хушбахтона, соҳибони ду фермаи ҳамшафат ба таври доимӣ бо Саройи чорпоён муносибатҳои бад доштанд. Яке аз ин фермаҳо Фоксвуд ном дошт, он калону куҳна буд ва аз беэътиноии соҳибаш ба бешазору ҷангал мубаддал гардида, тамоми чарогоҳҳояш лучу беалаф шуда, деворҳои гирду атрофаш дар ҳолати вайронӣ қарор доштанд. Соҳиби он ҷаноби Пилкингтон як марди бепарво буд, ки бештари вақти худро тибқи фасли сол дар моҳидорӣ ё шикор сарф мекард. Фермаи дигар бо номи

Пинчфилд хурдтар буду дар ҳолати беҳтар қарор дошт. Соҳиби он ҷаноби Фредерик як марди сахтгиру зираке, ки ҳамеша гирифтори даъвоҳои ҳуқуқиву судӣ буд ва бо номи муомилотгари сахт маъруфият дошт. Ин ду нафар нисбат ба ҳамдигар чунон ҳиси бадбинӣ доштанд, ки ҳатто дар ҳифзи манфиати худашон байни ҳамдигар ба ягон созиш намеомаданд.

Бо вуҷуди ин, ҳардуи онҳо аз шӯриши Саройи чорпоён сахт тарсида буданд ва нигарон аз он буданд, ки шӯриши Саройи чорпоён барои ҳайвоноти фермаи онҳо боз намунаи ибрат нашуда бошад. Дар аввал онҳо қарор доданд, ки худи усули идоракунии мустақили ҳайвониро масхара кунанд. “Дар давоми ду ҳафта ҳамаашон шикаст мехӯранд,” - мегуфтанд онҳо. Инчунин, ҳардуи онҳо мегуфтанд, ки ҳайвоноти Саройи чорпоёни Манор (онҳо исрор мекарданд, ки онро Саройи чорпоёни Манор номанд, зеро номи “Саройи чорпоён”-ро тамоман қабул надоштанд) ҳамеша байни худ меҷанганду зуд аз гуруснагӣ мемиранд. Баъди чанд муддате диданд, ки ҳайвонот дар Саройи чорпоёни Манор аз гуруснагӣ намурданд, Фредерик ва

Пилкингтон оҳанги суханронӣ ва рафтори худро иваз карда, дар бораи Саройи чорпоёни Манор гӯё ки дар байни ҳайвонот бадиҳои зиёд, зулму бераҳмӣ ривоҷ ёфтааст, суҳбат мекарданд. Гуфта мешуд, ки ҳайвонҳо дар он ҷо ҳамдигарро хӯрда, якдигарро бо наълҳои сурхи оташӣ шиканҷа медиҳанд, ҳамаи модинаҳояшон умумӣ мебошанд. Фредерик ва Пилкингтон мегуфтанд, ки ин шӯриш бар зидди қонунҳои табиат мебошад.

Бо вуҷуди ин, суханони онҳоро ба пуррагӣ ҳеҷ гоҳ бовар намекарданд. Овозаҳо дар бораи Саройи чорпоёни аҷиб, ки одамонро аз он ҷо ронда ва худи ҳайвонҳо корҳои худро идора мекарданд, дар шакли нимравшан чарх мезад ва дар тули он сол мавҷи шӯриш дар минтақаҳо паҳн мешуд. Дар фермаҳои минтақа, ки барзаговҳо ҳамеша ҷонварони аҳл ба шумор мерафтанд, ногаҳон чун ваҳшӣ шуданд, гӯсфандон парчинҳоро шикаста, юнучқаро поймол карда, модаговҳо сатили ширро чаппа намуда, аспони тозӣ[23] девонавор фармони саворони худро иҷро накарда, онҳоро аз болои худ ба замин мепартофтанд.

[23] Даванд (аспи тозӣ, саги тозӣ ва ғ.), спринтер

Ҳамзамон, оҳанг ва калимаҳои суруди *Ҳайвоноти Англия* ба ҳар тараф паҳн мешуд.

Маъруфияти суруд бо як суръати баланд паҳн мегардид. Одамон ин сурудро шунида, хашмашон меафзуд, вале худро чунин вонамуд мекарданд, ки гӯё онро танҳо барои хандаовар буданаш гӯш мекунанд. Онҳо мегуфтанд, ки намефаҳманд чаро ҳайвонҳо чунин суруди бемаъниро мехонанд. Агар ҳар ҳайвоне, ки ин сурудро мехонд, дар ҷояш тозиёна мехӯрд. Аммо ин усули тозиёна задан ба суруд хондан таъсир намерасонид. Онро дурроҷҳо[24] дар парчинҳо нишаста ҳуштакзанон, кабӯтарон дар дарахтон онро қум-қумкунон мехонданд, оҳанги ин суруд дар зарбаи болғаи оҳангарон ва дар садои зангӯлаҳои калисо шунида мешуд. Одамон онро шунида, ботинан ба ларзидан медаромаданд, чунки онҳо дар ин суруд хабари азоби ояндаашонро медиданд.

Аввалҳои моҳи октябр, вақте ки ғалладонаро ҷамъоварӣ намуда, онро захира карданд ва як қисмашро аллакай кӯфта буданд, кабӯтарҳо парвозкунон дар ҳаво давр зада, бо ҳаяҷони зиёд хабари мудҳишеро ба Саройи чорпоён оварданд. Ҷонс ва коргаронаш,

---

[24] парандаи хушнамуде аз ҷинси кабк, дарроҷ

инчунин даҳҳо нафари дигар аз Фоксвуд ва Пинчфилд тавассути дарвозаи калон ба Саройи чорпоён ҳаракат карда, тариқи пайроҳаи аробае, ки ба Саройи чорпоён мебурд, ворид мешуданд. Ба истисноӣ Ҷонс, ки яроқ дошт, дигар ҳамаашон дар дастонашон калтак доштанд. Маълум буд, ки онҳо мехостанд Саройи чорпоёнро дубора ба даст дароранд.

Ҳайвонот ин амалро чашмдор будаву кайҳо боз ба он омодагӣ гирифта буданд. Барфаки кулӯла китобҳои кӯҳнаи маъракаҳои ҷангии Юлий Сезарро, ки онҳоро дар утоқи Саройи чорпоён ёфта буд, омӯхта, масъули амалиёти дифоъ шуд. Ҳайвонот супоришро зуд иҷро карда, дар тӯли як-ду дақиқа ҳамаи онҳо дар сари камингоҳҳои худ сангар гирифтанд.

Ҳамин ки одамон ба биноҳои Саройи чорпоён наздик шуданд, Барфаки кулӯла аввалин шуда, ҳамла кард. Ҳамаи сию панҷ кабутар якбора аз болои сари одамон пасу пеш парида, пеши чашмонашонро гирифтанд ва ҳангоме ки одамон онҳоро ба ин тарафу он тараф задани мешуданд, ғозҳо, ки дар паси девор пинҳон шуда буданд, шитофта, соқи

пойҳои онҳоро бераҳмона нӯл мезаданд. Аммо ин фақат як найранги соддаи ҷангӣ барои эҷод кардани каме бетартибӣ буд ва одамон бо калтакҳои худ ғозҳоро ба осонӣ ронданд. Баъд аз ин, Барфаки кулӯла ба амалиёти дуюми ҳамлаи худ оғоз кард. Муриел, Бенҷамин ва тамоми гӯсфандон, ки онҳоро Барфаки кулӯла роҳбарӣ мекард, ба пеш шитофтанд ва одамонро аз ҳар тараф бо сару шохҳояшон мезаданду мекӯфтанд ва дар ин лаҳзаҳо Бенҷамин бошад, даврзанон бо сумҳои пойи хурди худ ба онҳо зарба мезад. Аммо одамон бо калтак ва мӯзаҳои мехдорашон нисбат ба ҷонварон зӯртар баромаданд ва ногаҳон Барфаки кулӯла бо садои ҷарангосии худ, ки маънои ақибнишиниро дошт, ҳамаи ҳайвонотро баргардонида, ба ҳавлии Саройи чорпоён гурехтанд.

Аз ҷониби одамон нидоҳои ғолибият шунида мешуд. Онҳо тасаввур мекарданд, ки бар ҳайвонот ғолиб омаданд ва онҳоро бетартибона пайгирӣ карда, аз пасашон медавиданд. Ин маҳз ҳамон чизе буд, ки Барфаки кулӯла онро мехост. Ҳамин ки одамон пурра ба даруни ҳавлӣ даромаданд, се асп, се гов ва боқимондаи хукҳо, ки дар буттазори

пушти оғили говҳо камин гирифта буданд, ногаҳон баромада, бо фармони Барфаки кулӯла якбора ба онҳо ҳуҷум карданд. Худи Барфаки кулӯла ба Ҷонс дарафтод. Ҷонс дарафтодани ӯро ба сӯяш дида, яроқашро ба боло бардошту ба тарафи Барфаки кулӯла тир холӣ кард. Тир ба пушти Барфаки кулӯла бархӯрда, рахи хунинро ба вуҷуд овард ва баъдан ба гусфанде бархурд ва ӯ афтида мурд. Барфаки кулӯла лаҳзае бознаистода, бо вазни сангини худ Ҷонсро аз пой афтонд. Ҷонс ба рӯи як тӯдаи пору ғалтида, яроқаш аз дасташ парида рафт. Аммо аз ҳама даҳшатноктарин манзараи задухӯрдро Боксер нишон дод – ӯ рӯи пойҳои қафои худ истода, мисли аспи айғири ҷавон бо сумҳои пойи азими наълдораш ба одамон зарба мезад. Аввалин зарбаи ӯ ба косахонаи сари яке аз аспбонони фермаи Фоксвуд бархӯрда, ӯро дар даруни лойю гил беҷон карда партофт. Дар ин ҳолат, чанд тан аз одамон калтакҳои худро партофта, гурехтанӣ шуданд. Ҳуҷумкунандагонро ваҳму воҳима фаро гирифт ва баъди лаҳзае тамоми ҳайвонҳо якҷоя онҳоро дар гирду атрофи ҳавлӣ таъқиб мекарданд. Онҳоро мезаданд, лагадкӯб мекарданд, мегазиданд ва поймол менамуданд.

Дигар дар Саройи чорпоён ягон ҳайвоне набуд, ки қасди худро нагирифта бошад. Ҳатто гурба ногаҳон аз болои бом ба китфи подабони говҳо ҷаҳида, бо нохунҳояш гардани ӯро чунон сахт харошид, ки вай аз сӯзиши дард ба доду фарёд омад. Ҳамин ки роҳи гурези одамон боз шуд, онҳо бо тамоми қувва аз ҳавлӣ ба сӯи роҳи асосӣ фирор карданд. Ҳамин тариқ, дар муддати панҷ дақиқа ҳамаи онҳо бо ҳамон роҳе, ки омада буданд, ақибнишинӣ карданд ва тӯдаи ғозҳо аз паси онҳо ҷир-ҷиркунон давида, пойҳояшонро нӯл мезаданд.

Ба ҷуз як нафар, дигар ҳамаи одамон гурехта рафтанд,. Боксёр ба ҳавлӣ баргашта, бо суми пойи худ ҷавони аспбонро, ки бо шикам рӯи лойю гил хобида буд, ба паҳлу гардонданӣ шуд. Писарак аз ҷояш наҷунбид.

“Вай мурдааст,” - гуфт бо алам Боксёр. “Ман инро қасдан накардам. Фаромӯш кардаам, ки сумҳоям наъл доранд. Аммо, кӣ бовар мекунад, ки ман ин корро қасдан накардаам?”

“Ба ҳеҷ гуна эҳсосот дода нашавед, рафиқ!” — хитоб кард Барфаки кулӯла, ки аз захмҳояш ҳанӯз ҳам хун мечакид. “Ҷанг ҷанг аст. Ягона одами хуб ин одами мурда аст”.

“Ман намехоҳам, ки зомини ҷони касе бошам, ҳатто аз одам,” - такрор кард Боксёр бо чашмони пур аз ашк.

“Моллӣ дар куҷост?” - хитоб кард касе.

Моллӣ воқеан ҳам бедарак буд. Баъди лаҳзае бонги изтироб баланд шуд, ҳайвонҳо аз он метарсиданд, ки мабодо ба ӯ зараре расида бошад ва ё ӯро одамон бо худ бурда бошанд. Дар ниҳоят, Моллиро дар оғили худ пайдо карданд, ки аз тарс сарашро дар дохили алафҳои охур пинҳон карда буд. Вай дар баробари шунидани овози тир ба парвоз ба он ҷо даромада буд. Ҳангоме ки ҳайвонҳо аз ҷустуҷӯи Моллӣ ба саҳни ҳавлӣ баргаштанд, диданд, ки ҷавони аспбон – маълум шуд, ки фақат беҳуш будааст – аллакай аз он ҷо гурехта, рафта буд.

Ҳоло ҳайвонҳо бо як ҳаяҷони ваҳшиёна ҷамъ шуда, ҳар яке дар бораи корнамоиҳои худ бо овози баланд нақл мекард. Дарҳол ғалабаро бо тантана ҷашн гирифтанӣ шуданд. Онҳо парчамро барафрохтанд ва суруди “*Ҳайвоноти Англия*”-ро борҳо хонда, гӯсфанди кушташударо бо тамоми ифтихорот ва бо тантана дафн карда, дар сари қабраш ниҳоли дулона шинониданд. Дар сари қабри ӯ

Барфаки кулӯла каме суханронӣ карда, таъкид кард, ки тамоми ҳайвонҳо – агар чунин зарурат пеш ояд - барои Саройи чорпоён ба мурдан бояд омода бошанд.

Ҳайвонҳо якдилона дар бораи мукофотҳои ҳарбӣ қарор қабул карданд. “Қаҳрамони ҳайвоноти дараҷаи якум,” ба Барфаки кулӯла ва Боксёр дода шуд. Ин мукофотҳо медалҳои биринҷӣ буданд, ки (онҳо дар асл аз ороишоти кӯҳнаи аспҳо дар утоқи асбобу анҷом ва афзорҳо пайдо шуда буданд) рӯзҳои ид ва якшанбе истифода мешуданд. Инчунин, “Қаҳрамони ҳайвоноти дараҷаи дуюм” баъд аз марг ба гӯсфанди мурда дода шуд.

Дар бораи чӣ гуна номидани ҷанг баҳсҳои зиёд ба вуҷуд омад. Дар ниҳоят, онро Муҳорибаи назди Оғили говҳо номиданд, зеро камингоҳи асосӣ дар он ҷо буд. Яроқи ҷаноби Ҷонс, ки дар зери лойю гил монда буд, пайдо карда шуд ва инчунин маълум гардид, ки дар хонаҳои истиқоматии Саройи чорпоён захираи тир вуҷуд дорад. Ҳамзамон, қарор дода шуд, ки яроқ дар зери пояи парчам, чун мавзеи тӯпхона гузошта шавад ва аз он соле ду маротиба — бори аввал дар рӯзи дувоздаҳуми

октябр, дар рӯзи Муҳорибаи назди Оғили говҳо ва бори дигар дар нимаи тобистон дар рӯзи солгарди шӯриш тир холӣ карда шавад.

## Боби V

Бо фарорасии фасли зимистон, Моллӣ бештар бетоқатӣ мекард. Моллӣ ҳар саҳар ба кор дер меомад ва баҳона мекард, ки дар хоб мондааст, гарчанде иштиҳояш хуб буд, ҳамеша шикоят мекард, ки мариз аст. Ӯ бо ҳар баҳона аз кор гурехта, ба назди ҳавзи оби нӯшокӣ мерафт ва дар он ҷо чун аблаҳон ба акси худ дар об нигоҳ мекард. Дар бораи чизҳои аз ин ҳам ҷиддитар овозаҳо низ пайдо мешуданд. Як рӯз, вақте ки Моллӣ хушҳолона ба ҳавлии Саройи чорпоён даромада, бо думи дарозаш бозӣ карда, пояи хасбедаеро мехоид, ӯро Кловер даъват карда, ба як тараф бурд.

“Моллӣ,” - гуфт вай, - “ман дар бораи як чизи хеле ҷиддӣ гуфтание дорам. Субҳи имрӯз ман дидам, ки аз болои деворе, ки Саройи чорпоёнро аз фермаи Фоксвуд ҷудо мекунад, ба он тараф менигаристед. Аз он тараф яке аз одамони ҷаноби Пилкингтон истода буд. Ман дуртар аз он ҷо қарор доштам, аммо боварии

комил дорам, ки ӯ бо ту суҳбат карда, ёлатро силла мекард. Ин чӣ маъно дорад, Моллӣ?”

“Не, ин тавр нест! Ин ман набудам! Ин дурӯғ аст!” - фарёд зад Моллӣ ва ба давидан шурӯъ карда, ба замин лагад мезад.

“Моллӣ! Ба ман нигоҳ кун. Оё ту ба ман рост мегӯи, ки он мард ёли туро силла накардааст?”

“Ин дурӯғ аст!” - такрор кард Моллӣ - вай ба чеҳраи Кловер нигоҳ карда натавониста, лаҳзаи дигар ба саҳро давида рафт.

Кловер дар фикр ғутта зад. Вай ба дигарон чизе нагуфта, ба оғили Моллӣ рафт ва бо суми пояш дар охур коҳро тоб дод. Ӯ дар зери коҳ пораи сарқанд ва як чанд лентаи рангоранги пинҳонкардашударо пайдо кард.

Пас аз се рӯз Моллӣ ғайб зад. Дар тӯли чанд ҳафта дар бораи ҷойи будубошаш чизе маълум набуд, баъдан кабутарҳо хабар доданд, ки ӯро дар он тарафи Виллингдон диданд. Вай дар байни ду милаи (ду паллачӯби ароба, ки маъмулан аз ду тарафи асп ба гардани он баста мешавад) аробаи аспии дучархаи сурху сиёҳ дар назди бинои ҷамъиятие истода будааст. Марди фарбеҳи гандумгуне, ки дар тан

шалвору дар пой ҷӯроби баланди пашмӣ доштаву ба маъмури андоз монанд будааст, ёли ӯро сила карда, ба ӯ қанд медодааст. Моллиро ҷилди нав пӯшонида, ба пешониаш лентаи арғувонӣ баста будаанд. Тавре ки кабӯтарҳо иттилоъ доданд, Моллӣ хушбахту хушнуд менамудааст. Ӯро дигар ҳеҷ ҳайвон ёдоварӣ намекард.

Моҳи январ хеле сард омад. Замин ях карда, мисли оҳан сахт гардид, аз ин рӯ, дар саҳро кор кардан имконнопазир шуд. Дар анбори калон маҷлисҳои зиёде барпо мегардид, хукҳо бошанд, машғули тартиб додани нақшаи кори мавсими оянда буданд. Онҳо нисбат ба дигар ҳайвонот худро донотару оқилтар меҳисобиданд ва тамоми масъалаҳои сиёсати Саройи чорпоёнро ҳал мекарданд, дар ҳоле ки ҳамаи қарорҳо тавассути овоздиҳии умумӣ қабул карда мешуданд. Ин тартиб ба қадри кофӣ риоя карда мешуд, агар байни Барфаки кулӯла ва Наполеон баҳсҳо сар намезад. Ҳар нуктае, ки агар боиси ихтилофи назар мешуд, мавриди баҳси шадиди онҳо қарор мегирифт. Агар яке аз онҳо пешниҳод мекард, ки дар қитъаи калонтари саҳро ҷав кошта шавад, он гоҳ

дигаре мегуфт, ба ҷойи он гандум коранд ва агар яке аз онҳо мегуфт, ки фалон майдон барои коридани карам хуб аст, бешубҳа дигаре мегуфт, ки ин бефоида аст ва эълон мекард, ки ба ҷойи он сабзавоти беҳӣ корида шавад. Ҳар яке аз онҳо пайравони худро доштанд, аз ин рӯ, байни онҳо баҳсҳои шадиде ба вуҷуд меомад. Агар Барфаки кулӯла дар маҷлисҳо аксари вақт бо суханрониҳои оличанобаш муваффақиятро ба даст меовард, он гоҳ Наполеон дар ҳошияи ҷаласаҳо беҳтар амал карда, дастгирӣ пайдо мекард. Наполеон махсусан дар байни гӯсфандон обрӯи калон дошт. Баъзан дар вақтҳои охир гӯсфандон бамавриду бемаврид "Чор пой хуб, ду пой бад" шиор партофта, тез-тез рафти кори маҷлисро халалдор месохтанд. Баъдан, маълум шуд, ки гӯсфандон махсусан дар лаҳзаҳои муҳими суханрониҳои Барфаки кулӯла "Чор пой хуб, ду пой бад" - гуён дод мезаданд. Барфаки кулӯла баъзе маводи шумораҳои куҳнаи маҷаллаи "*Хоҷагидор ва Чорводор*"-ро, ки дар Саройи чорпоён ёфта буд, бодиққат омӯхта, аз рӯи он нақшаҳои навоварона ва такмилдодашударо тахия намуд. Вай ҳамчун донандаи кор дар бораи захбурҳои саҳрой,

силосхобонӣ ва нуриҳои органикӣ суҳбат карда, тарҳи лоиҳаи мураккаберо дар бораи порӯи тамоми ҳайвонҳо, ки онҳо ҳар рӯз онро бевосита дар саҳро бояд мерехтанд, кор карда баромад, то ки кори бо ароба кашонидани он камтар гардад. Наполеон ягон нақшаи мушаххаси худро надошт, аммо оромона мегуфт: кори Барфаки кулӯла барбод хоҳад рафт, ба назар чунин менамуд, ки ӯ вақти барканоршавияшро мунтазир аст. Аммо ягон баҳсу зиддияти онҳо ба мисли баҳс дар бораи сохтмони Нерӯгоҳи барқии бодӣ сахт шиддат нагирифт.

Дар дарозии чарогоҳ – воқеъ дар наздикии биноҳои Саройи чорпоён - як теппачаи хурде мавҷуд буд, ки он ҷо баландтарин нуқтаи Саройи чорпоён маҳсуб меёфт. Баъд аз назаргузаронии замин, Барфаки кулӯла изҳор дошт, ки ин ҷой барои сохтани Нерӯгоҳи барқии бодӣ, ки он метавонад барқ барои Саройи чорпоёнро истеҳсол намояд, мувофиқ аст. Барқи истеҳсолшаванда метавонад, оғилхонаҳоро равшан карда, дар фасли зимистон гармӣ диҳад, инчунин арраи даврашакл, дастгоҳи коҳмайдакунӣ, асбоби резакунии лаблабӯ ва мошинаи электрикии

ширҷӯширо ба кор дарорад. Ҳайвонҳо қаблан ҳеҷ гоҳ дар бораи мавҷудияти чунин чизҳо хабаре надоштанд (аз рӯи беэътиноӣ дар Саройи чорпоён аз техникаи кухнаи бобоӣ истифода менамуданд) ва ҳамаи онҳо бо ҳайрат суханони Барфаки кулӯларо гӯш карда, расмҳои мошинҳои афсонавиеро, ки гӯё он ба ҷойи ҳайвонҳо кор мекардааст у онҳо бошанд, дар саҳро бемалол чарида, ба мутолиа ва суҳбат машғул мешуданд, тасаввур менамуданд.

Дар давоми чанд ҳафта тарҳи лоиҳаи Барфаки кулӯла оид ба Нерӯгоҳи барқии бодӣ пурра омода гардид. Ҷузъиёти механикӣ асосан аз се китоб: *Ҳазор чизҳои муфид барои хона, Ҳар кас барои худаш хиштчин аст ва Барқ барои шурӯъкунандагон*, ки ба ҷаноби Ҷонс тааллуқ доштанд, гирифта шуда буд. Барфаки кулӯла фикрҳои худро дар утоқе, ки замоне барои инкубаторҳо истифода мешуд ва фарши ҳамвори чӯбияш барои кашидани нақша мувофиқ буд, лоиҳаҳо мекашид. Ӯ дар он ҷо соатҳо пушти дари пӯшида кор мекард. Рӯи саҳифаҳои лозимии китоб санг монда, гоҳ–гоҳ ба онҳо назар меафканд ва пораи бӯрро миёни ду ангушти паллаи худ гузошта, зуд ба ин

тарафу он тараф ҳаракат мекард ва паси як хат хати дигарро кашида, паст-паст аз хурсандӣ хур-хур мекард. Оҳиста-оҳиста нақшаҳояш шакли мураккаби мили ланг[25] ва чархҳои дандонадорро[26] гирифта, онҳо қариб дар тамоми масоҳати фарш кашида шуданд ва барои ҳайвоноти дигар комилан нофаҳмо, вале хеле таъсирбахш буданд. Ҳамаи ҳайвонҳо ҳадди ақал дар як рӯз як маротиба ба тамошои нақшаҳои эҷодкардаи Барфаки кулӯла меомаданд. Ҳатто мурғҳо ва ғозҳо бо эҳтиёт, ки мабодо пайи бӯрро поймол накунанд, оҳиста–оҳиста қадам мемонданд. Фақат Наполеон пайдо намешуд. Ӯ аз аввал зидди сохтмони Нерӯгоҳи барқии бодӣ буд. Аммо ӯ рӯзе ногаҳон омад, то нақшаи лоиҳаро тафтиш кунад. Вай бо вазнинӣ гирди уток давр зада, ҳар як ҷузъиёти нақшаро бодиккат аз назар гузаронид ва як-ду бор ба рӯи нақша хур–хур кард, баъд аз ин каме дур истода, ногаҳон пояшро бардошт ва болои нақшаҳои кашида

---

[25] тири зонудор дар муҳаррики бензинию дизелӣ, ки онро поршен ва шатун ба гардиш медарорад, вал

[26] чархи оҳании дандонадори даврашакли даврзанандаи механизмҳои мошин (мошин-олот), ки дандонаҳои бурида дорад ва ин дандонаҳои чархҳо ба якдигар даромада, суръати гардиши дигар механизмро паст ва ё баланд мекунанд, шестерня

шуда, пешоб кард ва чизе нагуфта, ба берун баромада рафт.

Ақидаи тамоми ҳайвоноти Саройи чорпоён дар мавзуи Нерӯгоҳи барқии бодӣ ду тақсим шуда буд. Барфаки кулӯла инкор накарда мегуфт, ки дар асл сохтмони он кори душворе хоҳад буд. Барои сохтани девор сангро аз кон канда овардан лозим меояд, баъд парвонаи (теғаи)[27] бодгардонро сохтан лозим мебояд ва пас аз он генераторро насб карда, кабел харидорӣ мебояд кард. (Чӣ гуна инҳо бояд харидорӣ карда мешуданд, Барфаки кулӯла нагуфт.) Аммо ӯ изҳор дошт, ки ҳамаашро дар муддати як сол сохтан мумкин аст. “Пас аз он,” - гуфт, Барфаки кулӯла – “Нерӯгоҳи барқии бодӣ он қадар меҳнати ҳайвонҳоро сарфа хоҳад кард, ки онҳо дар тӯли як ҳафта танҳо се рӯз кор мекунанду халос”. Аз дигар тараф - Наполеон бошад - далел меовард, ки эҳтиёҷоти бузурги замони ҳозира ин зиёд кардани истеҳсоли маводи озуқаворӣ мебошад, агар онҳо дар сохтмони Нерӯгоҳи барқии бодӣ вақтро беҳуда сарф кунанд, ҳама аз гуруснагӣ мемиранд. Ҳайвонот ба ду гурӯҳ

[27] чор теғае, ки бо қувваи вазидани шамол меҳвари чархи даврзанандаи осиёби бодиро ба кор медароранд

зери шиорҳои “Ба Барфаки кулӯла барои ҳафтаи серӯзаи корӣ овоз диҳед” ва “Ба Наполеон барои охури пур аз ғизо овоз диҳед” тақсим шуданд. Бенҷамин ягона ҳайвоне буд, ки ба ягон гурӯҳ шомил нашуд. Вай боварӣ надошт, ки ғизо фаровон мешавад ва ё Нерӯгоҳи барқии бодӣ меҳнати ҳайвонотро сарфа мекунад. “Нерӯгоҳи барқии бодӣ бошад ва ё набошад,” - гуфт ӯ – “зиндагӣ чуноне ки буд, ба ҳамон минвол бад идома хоҳад ёфт”.

Ба ғайр аз баҳсу мунозира оид ба Нерӯгоҳи барқии бодӣ, масъалаи муҳофизати Саройи чорпоён низ ба миён омад. Гарчанде ки одамон дар Муҳорибаи назди Оғили говҳо мағлуб шуда буданд, онҳо метавонистанд барои забт кардани Саройи чорпоён ва барқарор кардани ҳокимияти ҷаноби Ҷонс дубора кӯшиш кунанд. Ин кор барои одамон бештар лозим буд, зеро хабари мағлубияти онҳо дар тамоми минтақа паҳн шуда буд ва ҳайвонҳои фермаҳои ҳамсоя аз ҳарвакта дида, зиёдтар ноором гардида буданд. Чун ҳарвақта, Барфаки кулӯла ва Наполеон бо ҳамдигар ихтилоф доштанд. Ба гуфтаи Наполеон, ҳайвонҳо бояд коре кунанд, ки яроқи оташфишон бештар харидорӣ кунанд ва тарзи

истифодаи онро омӯзанд. Ба гуфтаи Барфаки кулӯла, онҳо бояд бештар ва бештар кабӯтарҳоро барои барангехтани шӯриш дар байни ҳайвоноти дигар фермаҳо фиристанд.

Яке мегуфт, ки агар аз Саройи чорпоёнро дифоъ карда натавонанд, ҳатман Саройи чорпоён аз ҷониби одамон забт карда мешавад, дигаре мегуфт, ки агар дар ҳама ҷо шӯриш барпо кунанд, эҳтиёҷ ба дифоъ худ аз худ аз байн меравад. Ҳайвонҳо сараввал ба Наполеон, баъдан ба Барфаки кулӯла гӯш доданд ва ба як хулосаи дурусти умумӣ омада натавонистанд, онҳо ба касе, ки дар айни замон сухан мегуфт, ҳамфикр буданд.

Ниҳоят рӯзе фаро расид, ки Барфаки кулӯла кори нақшакаширо тамоман ба анҷом расонид. Дар маҷлиси рӯзи якшанбеи оянда масъалаи сохтмони Нерӯгоҳи барқии бодӣ бояд ба овоз монда мешуд. Вақте ки ҳайвонот дар анбори калон ҷамъ шуданд, Барфаки кулӯла аз ҷой бархоста - ҳарчанд ки гоҳ-гоҳ гӯсфандон зимни суханронӣ шиор мепартофтанд – ӯ нуқтаи назари худро оид ба тарафдории сохтани Нерӯгоҳи барқии бодӣ баён кард. Он гоҳ, Наполеон барои ҷавоб додан бархост. Вай хеле оромона гуфт, ки

сохтани Нерӯгоҳи барқии бодӣ ин беақлист ва ба касе маслиҳат намедиҳад, ки ба тарафдории он овоз диҳад ва зуд ба ҷойи худ нишаст. Ӯ қариб сӣ сония гап зад ва ба назар чунин менамуд, ки ба таъсири суханронии худ қариб парвое надошт.

Дар ин маврид, Барфаки кулӯла аз ҷояш хест ва тарафи гӯсфандоне, ки дубора ба шиорпартоӣ сар карда буданд, дод зада, даъват намуд, ки Нерӯгоҳи барқии бодӣ сохта шавад. То ин дам ҳайвонҳо дар тарафдорӣ тақрибан баробар тақсим шуда буданд, аммо даъвати Барфаки кулӯла онҳоро ба тарафи худ ҷалб намуд. Ӯ бо ибораҳои оташинаш тасвири чӣ гуна будани Саройи чорпоён вақте ки меҳнати сангин аз души онҳо бардошта мешавад, таҷассум кард. Тахайюлоти[28] ӯ акнун аз дастгоҳи коҳмайдакунӣ ва асбоби резакунии лаблабӯ дида, хеле фаротар буд. Вай гуфт, ки кувваи барқ, ғайр аз он ки ҳар оғилхонаро бо чароғи барқӣ, оби гарму хунук ва гармкунакҳои барқӣ таъмин мекунад, боз мошинаҳои ғаллакубӣ, испорҳо, молаву сихмола, мошинаҳои даравгарӣ ва дигар лавозимоти техникиро ба кор андохта, идора

[28] хаёлот

менамояд. Вақте ки ӯ суханашро ба итмом расонд, шубҳае набуд, ки овоздиҳӣ ба манфиати кӣ анҷом меёбад. Дар ҳамин лаҳза Наполеон аз ҷояш бархост ва ба сӯи Барфаки кулӯла нигоҳи хосае андохта, як хур-хураи баланде баровард, ки касе аз ин пеш нашунида буд.

Дар ин маврид дар берун ғурриши даҳшатангезе баланд шуд ва нуҳ саги азиме, ки гарданбанди мисӣ доштанд, ба анбор даромаданд. Онҳо рост ба сӯи Барфаки кулӯла ҳамла карданд ва ӯ саросемавор аз ҷой бархоста, худро аз ҷоғи онҳо ҳимоя карда, ба сӯи дар гурехт. Дар як лаҳза вай аз дар берун шуд ва сагҳо аз пайи ӯ медавиданд. Ҳайвонҳо хеле ҳайрон монданд, ҳамзамон, барои чизе гуфтан тарсиданд ва дар назди дар ҷамъ шуда, таъқибро тамошо карданд. Барфаки кулӯла ба сӯи чарогоҳи дарозе, ки ба тарафи роҳ мебаромад, медавид. Чанде ки хук давида метавонад, ӯ аз вай зиёдтар медавид, аммо сагҳо ба пошнаи пойи ӯ наздик буданд. Ногаҳон ӯ лағжид ва ба назар чунин расид, ки сагҳо ӯро доштанд. Пас аз он ӯ боз бархост ва аз ҳарвақта дида, тезтар давид, боз сагон ба ӯ наздик шуданд. Яке аз онҳо думи Барфаки

кулӯларо гирифт, аммо Барфаки кулӯла зуд думашро аз даҳони саг раҳо кард. Фосила байни таъқибкунандагон ва Барфаки кулӯла ҳамагӣ чанд ваҷаб монда буд ва ӯ бо як ҷаҳиши сахт тавонист тавассути сӯрохии деворе худро ба он тараф андозад ва баъд аз ин вай нопадид гашт.

Ҳайвонот хомӯш ва ваҳшатзада боз ба анбор гашта даромаданд. Баъди лаҳзае сагон низ баргаштанд. Дар аввал касе аз куҷо пайдо шудани ин махлуқотро тасаввур карда наметавонист, аммо ба зудӣ маълум шуд, ки Наполеон онҳоро ҳанӯз дар хурдияшон аз модарашон гирифта, танҳо худаш парвариш карда буд. Ҳарчанд ки ҳанӯз ин сагҳо ба камол нарасида буданд, онҳо хеле азимҷусса ва мисли гургҳо бераҳм буданд. Онҳо дар гирди Наполеон ҷамъ шуданд. Онҳо думи худро ба сӯи Наполеон – тавре, ки сагони ҷаноби Ҷонс чунин одатро доштанд – меҷунбониданд.

Акнун Наполеон бо ҳамроҳии сагҳо ба қисми баландии суфаи анбор – дар он ҷое, ки як замон Мейори пир суханронӣ мекард, баромаданд. Наполеон эълон кард, ки аз ин ба баъд маҷлисҳои субҳи рӯзи якшанбе дигар баргузор карда намешаванд. “Зарурати

баргузор намудани онҳо дигар вуҷуд надорад,” - гуфт ӯ – “ин танҳо беҳуда сарф кардани вақт аст. Дар оянда ҳамаи масъалаҳои ба кори Саройи чорпоён дахлдоштаро кумитаи махсус аз ҳисоби хукон, ки онро худи ӯ роҳбарӣ хоҳад кард, ҳал менамояд”. Инҳо дар алоҳидагӣ мулоқот мекарданд ва баъдан тасмимҳои худро ба дигарон мерасониданд. Ҳайвонот мисли ҳарвақта субҳи рӯзҳои якшанбе ҷамъ мешуданд, парчамро мебардоштанд, суруди *“Ҳайвоноти Англия”*-ро месароиданд ва барои ҳафтаи оянда супориш мегирифтанд, вале дигар дар баҳсу мунозираҳо иштирок намекарданд.

Сарфи назар аз зарбае, ки фирори Барфаки кулӯла ба онҳо зада буд, ҳайвонот аз ин эълон ба ҳарос афтода, ноумед шуданд. Чанде аз онҳо мехостанд эътироз кунанд, агар ба шарте далелҳои дуруст меёфтанд. Ҳатто Боксёр ҳаросида буд. Ӯ гӯшҳояшро ба қафо гардонида, чанд бор пешонаашро ҷунбонида, бисьёр кӯшиш кард, ки фикру андешаашро иброз дорад, вале дар охир ба каллааш чизе барои гуфтан наомад. Бо вуҷуди ин, баъзе хукҳо бештар зирак буданд. Чор хуки ҷавон, ки дар қатори пеш истода буданд, хир-хиркунон

аз ҷой хеста, ҳар чорашон якбора ба сухан гуфтан даромаданд. Ногаҳон сагҳое, ки дар гирди атрофи Наполеон нишаста буданд, таҳдидомезона ба ғурриш кардан даромаданд ва хукҳо ҳамон лаҳза хомӯш шуда, ба ҷояшон нишастанд. Пас аз он гӯсфандон бо овози баланд ба шиорпартоӣ даромаданд. Шиорпартоии “Чор пой хуб, ду пой бад!” қариб понздаҳ дақиқа давом кард ва ин ба ҳар гуна баҳсу мунозира кардан хотима гузошт.

Пас аз он, Вингосиро ба гирду атрофи Саройи чорпоён фиристоданд, то ки тартиби навро ба дигарон фаҳмонад.

“Рафиқон,” — гуфт ӯ, — “боварӣ дорам ҳар як ҳайвони Саройи чорпоён он ҷонбозиҳо ва он вазифаи вазнинеро, ки рафиқ Наполеон барои мо шуда, ба дӯши худ гирифтааст, қадрдонӣ мекунем. Тасаввур накунед, рафиқон, ки роҳбарӣ ин кори ҳаловатбахш аст! Баръакс, ин масъулияти калону вазнин аст. Рафиқ Наполеон боварии катъӣ дорад, ки ҳамаи ҳайвонот баробарҳуқуқанд. Ӯ аз ҳад хурсанд мешуд, агар ҳар кас худ барои худаш қарор қабул мекард. Аммо баъзан шумо, рафиқон, метавонед дар қабули қарорҳо иштибоҳ кунед, он гоҳ чӣ хоҳад шуд? Фарз мекунем, ки шумо

барои сохтани Нерӯгоҳи барқии бодӣ Барфаки кулӯларо пайравӣ мекунед - Барфаки кулӯлае, ки ҳоло мебинем аз ҷинояткор камӣ надорад”.

“Ӯ дар Муҳорибаи назди Оғили говҳо далерона ҷангид,” — гуфт ҳайвоне.

“Далерӣ кофӣ нест,” - гуфт Вингосӣ. “садоқат ва итоаткорӣ аз ҳама чиз муҳимтар аст. Дар мавриди Муҳорибаи назди Оғили говҳо ман боварӣ дорам замоне фаро хоҳад расид ва мо хоҳем фаҳмид, ки нақши Барфаки кулӯла дар он хеле аз ҳад зиёд нишон дода шудааст. Интизом, рафиқон, интизоми оҳанин! Ин аст, шиори муҳими имрӯз. Як қадам агар хато гузорем, душманонамон бар мо ғалаба хоҳанд кард. Албатта, рафиқон, шумо намехоҳед, ки Ҷонс баргардад?”

Бори дигар ин далел бечавоб монд. Албатта, ҳайвонҳо намехостанд, ки Ҷонс баргардад ва агар баргузории маҷлисҳо ҳар субҳи рӯзи якшанбе боиси баргаштани ӯ бошад, пас бояд ин баҳсҳо қатъ карда шаванд. Боксёр, ки ҳоло барои фикр кардан вақт дошт, эҳсоси умумиро чунин ҷамъбаст кард:

“Ҳар чӣ ки рафиқ Наполеон гӯяд, ҳамон дуруст аст”. Ва аз он вақт инҷониб, Боксёр илова ба шиори шахсии худ “Ман боз бештар

аз ин кор мекунам!” иборои “Наполеон ҳамеша ҳақ аст”-ро қабул кард.

Дар ин рӯзҳо вазъи ҳаво беҳтар шуда, мавсими шудгори баҳорӣ оғоз ёфта буд. Утоқеро, ки дар он Барфаки кулӯла нақшаи Нерӯгоҳи барқии бодиро кашида буд, акнун қуфл зада буданд ва тахмин мекарданд, ки нақшаҳо аз рӯи фарш пок шудаанд. Ҳар субҳи рӯзи якшанбе соати 10:00 ҳайвонот дар анбори калон ҷамъ мешуданд, то супориши якҳафтаинаро қабул кунанд. Косахонаи сари Мейор, ки ҳоло гӯшту пуст надошт ва танҳо аз устухон иборат буд, аз дохили қабраш – воқеъ дар боғ - бароварда шуда, дар пояи сутуни парчам, дар паҳлӯи ярок насб карда шуд. Пас аз барафрохтани парчам аз ҳайвонҳо талаб карда мешуд, ки пеш аз ворид шудан ба анбор бо эҳтиром аз назди косахонаи сар гузаранд.

Имрӯзҳо ҳайвонот мисли пештара якҷоя наменишастанд. Наполеон бо Вингосӣ ва як хуки дигаре бо номи Минимус, ки дар эҷод кардани суруд ва шеърҳо ҳамто надошт, дар болои баландии суфаи анбор нишаста, нуҳ саги ҷавон дар шакли нимдоира онҳоро иҳота мекарданд, дигар хукон аз қафои онҳо менишастанд. Ҳайвонҳои дигар рӯ ба рӯи онҳо

дар қисмати поёни анбор ҷойгир шуда буданд. Наполеон супоришҳои ҳафтаинаро бо як услуби ҳарбӣ дағалона хонд ва пас аз як бор сурудани *“Ҳайвоноти Англия”* тамоми ҳайвонҳо пароканда шуданд.

Рӯзи якшанбеи сеюм - пас аз ронда шудани Барфаки кулӯла - ҳайвонҳо аз шунидани эълони Наполеон дар бораи сохтани Нерӯгоҳи барқии бодӣ то андозае ҳайрон шуданд. Вай сабаби дигар кардани фикрашро нагуфт, балки ҳамаи ҳайвонҳоро огаҳ кард, ки ин кори иловагӣ заҳмати зиёдро талаб мекунад ва эҳтимол дорад, ки ҳатто меъёри ғизои онҳо маҳдуд карда шавад. Албатта, нақшаҳо то ҷузъиёти охирин омода карда шуда буданд. Давоми се ҳафтаи охир як кумитаи махсуси хукҳо рӯи ин нақша кор карда буд. Нерӯгоҳи барқии бодӣ бо дигар биноҳои иловагияш дар зарфи ду сол бояд сохта мешуд.

Он бегоҳ Вингосӣ дар фазои суҳбати дӯстона ба ҳайвоноти дигар фаҳмонд, ки Наполеон дар асл ҳеҷ гоҳ мухолифи сохтмони Нерӯгоҳи барқии бодӣ набуд. Баръакс, вай аз ибтидо онро ҷонибдорӣ мекард ва нақшае, ки Барфаки кулӯла дар фарши утоқи инкубаторӣ кашида буд, воқеан аз байни коғазҳои

Наполеон дуздида шуда буд. Яъне, дар асл, сохтмони Нерӯгоҳи барқии бодӣ ин ғоя (идея) ва пешниҳоди худи Наполеон аст. "Пас, чаро вай ин қадар сахт зидди сохтмони он сухан мегуфт?" - пурсид ҷонваре. Дар ин ҷо Вингосӣ хеле маккорона рафтор кард. "Ин," - гуфт ӯ, - "корчалонии рафиқ Наполеон буд. Вай чунин вонамуд мекард, ки муқобили сохтмони Нерӯгоҳи барқии бодӣ аст, дар асл бошад, ин як равиш барои халос шудан аз Барфаки кулӯла буд, ки хислати хатарнокаш ба ҳайвонот таъсири бад мерасонид. Акнун, ки Барфаки кулӯла аз қӯра баромад, нақша метавонад бидуни дахолати ӯ амалӣ шавад". "Ин," - гуфт Вингосӣ, - "тактика ном дорад". Вай чанд маротиба такрор ба такрор аз ҷояш парида ва хандакунон думашро тоб дода, гуфт: "Тактика, рафиқон, тактика!" Ҳайвонҳо намедонистанд, ки ин калима чӣ маъно дорад, аммо Вингосӣ бошад бо як боварии комил дар ин бора гап мезад ва се саге, ки ӯро ҳамроҳӣ мекарданд, чунон таҳдидомез ба ғурриш омаданд, ки шарҳи ӯро бидуни саволҳои иловагӣ қабул карданд.

## Боби VI

Тамоми он сол ҳайвонҳо мисли ғуломон кор карданд. Вале онҳо аз кори худ хурсанду розӣ буданд, шикоят надоштанд ва кина ҳам намегирифтанд, чунки онҳо хуб медонистанд, ки ҳамаи корро барои худ ва насли ояндаи худ мекунанд, на барои як тӯдаи танбалон ва на одамони дузд.

Дар давоми фаслҳои баҳору тобистон онҳо дар як ҳафта шаст соат кор мекарданд ва дар моҳи август Наполеон эълон намуд, ки дар нимаи дуюми рӯзи якшанбе низ кор хоҳанд кард. Ин кор қатъиян ихтиёрӣ буд, аммо ҳар як ҳайвоне, ки аз он даст мекашид, ғизояшро ду баробар кам мекарданд. Бо вуҷуди ин, баъзе корҳо иҷро нашуда монданд. Ҳамин тавр, ҳосили ғундошташуда назар ба соли гузашта андаке кам шуд ва ду майдоне, ки дар он бояд дар аввали фасли тобистон сабзавоти решагӣ кошта мешуд, бинобар сабаби саривақт анҷом наёфтани шудгори замин, кишт ношуда монданд. Пешакӣ маълум буд, ки зимистони дар пешистода сахт хоҳад омад.

Нерӯгоҳи барқии бодӣ ҳам душвориҳои ғайричашмдоштро пеш овард. Дар ҳудуди Саройи чорпоён кони хуби харсанг мавҷуд буд ва дар яке аз шипангҳои берунӣ қуму сементи

фаровон ёфт шуд, ҳамин тариқ тамоми масолеҳи сохтмониро дар даст доштанд. Аммо масъалае, ки ҳайвонҳо дар аввал онро ҳал карда наметавонистанд, ин тарзи харсангро ба андозаи мувофиқ пора кардан буд. Ба назар чунин менамуд, ки ин корро метавон бо мисрон[29] ва зоғнӯл[30] анҷом дод, вале ҳеҷ як ҳайвон ин олотҳоро истифода бурда наметавонист, зеро ягон ҳайвон бо ду пойи қафояш рост намеистод. Танҳо пас аз чанд ҳафтаи кӯшишҳои беҳуда ба фикри ҳайвоне истифодаи қувваи ҷозиба пайдо шуд. Харсангҳои азиме, ки хеле калон буданд ва дар чунин шакл истифодаи онҳо ғайри имкон буд, дар саросари кон хобида буданд. Ҳайвонҳо гирди онҳоро бо арғамчин баста, сипас ҳамаи гову аспҳо, гӯсфандон ва дигар ҳайвоноте, ки арғамчинро дошта метавонистанд - ҳатто хукҳо дар лаҳзаҳои зарурӣ ба онҳо ҳамроҳ мешуданд - онҳоро аз таги кон ба нишебӣ баровварда, ба поён ҷар менамуданд, ки дар натиҷа онҳо афтида, пора-пора мегаштанд.

---

[29] милаи ғафси оҳании як нӯгаш паҳн ва нӯги дигараш тез барои кандан ва ё зада шикастани чизҳои сахт

[30] асбоби нимдоираи оҳанин, ки як тарафаш паҳн ва нӯги дигараш тез мебошад ва он барои кандани замини сахт ва ё заминҳои санглох истифода мешавад

Интиқоли харсангҳои шикаста, нисбатан осон буд. Аспҳо харсангҳои шикастаро дар аробаҳо мебурданд, гӯсфандон бошанд, онҳоро якто-якто мекашониданд, ҳатто Бенҷамин дар аробаи куҳнаи дунафараи Муриел мил (ду паллачуби ароба, ки маъмулан аз ду тарафи асп ба гардани он баста мешавад) андохта, ҳиссаи худро бор карда, мебурд. То охири фасли тобистон ба қадри кофӣ харсанги шикасташуда захира карда шуд, сипас сохтмони осёби бодӣ зери назорати бевоситаи хукҳо оғоз ёфт.

Аммо ин раванд[31] сусту заҳматталаб буд. Аксар вақт баровардани як харсанги таги кон ба нишебӣ як рӯзи тӯлониро дар бар мегирифт ва баъзе вақтҳо харсанге, ки аз канори кон ба замин тела дода мешуд, намешикаст.

Бидуни Боксёр, ки қувваташ баробари тамоми қувваи ҳайвоноти боқимонда буд, ягон натиҷа ба даст оварда намешуд. Вақте ки харсанги баровардашаванда ба қафо – ба тарафи таги кон мелағжид ва ҳайвонҳо медиданд, ки онро дигар дошта наметавонанд, бо тамоми овоз ба доду фарёд медаромаданд ва Боксёр чун ҳарвақта, арғамчинро бо тамоми

---

[31] Ҷараён

қувваташ мустаҳкам мекашиду ба боло мебаровард. Тамошои кори Боксёр дар нишебиҳои теппа, ки вачаб ба вачаб, бо заҳмати зиёду нафаскашии тез-тез ва бо резонидани арақ, сумҳои пояш заминро меканданду харсангҳоро кашида мебаровард, ҳамаро ба вачд оварда буд. Кловер баъзан ӯро ҳушдор медод, ки аз ҳад зиёд заҳмат накашад, аммо Боксёр ҳеч гоҳ ба гуфтаҳои ӯ гӯш намекард. Ду шиори Боксер: “Ман боз бештар аз ин кор мекунам!” ва “Наполеон ҳамеша ҳақ аст” ба назараш барои ҳамаи саволҳо чавоби кофӣ буданд. Вай бо хурӯс маслиҳат карда буд, ки ҳар саҳар ӯро ба чойи ним соат - чилу панч дақиқа барвақтар аз хоб бонг зада, бедор намояд. Дар ин вақти холӣ, ки он дар он рӯзҳо хеле кам буд, тани танҳо ба сари кон рафта, харсангҳои шикастаро чамъ мекард ва бидуни кумак ба назди осёби бодӣ мекашонд.

Ҳайвонҳо дар давоми фасли тобистон сарфи назар аз он ки корашон душвор буд, зиндагии он қадар баде надоштанд. Албатта, ғизои ҳайвонҳо нисбат ба замони Чонс зиёдтар набуд, аммо аз он ҳам камӣ надошт. Ҳайвонҳо танҳо худро бо ғизо таъмин мекарданд, на бар заммаш ба панч нафар коргари исрофкори

Ҷонс - ин бартарият барои ҳайвонот баръало эҳсос мегардид - онҳо бо ин бартарӣ баъзе камбудиҳои худро ислоҳ мекарданд. Аз бисёр ҷиҳат тарзи кори ҳайвонот нисбат ба кори одамон самараноктар буду нерӯи кориро сарфа мекард. Масалан, чунин кор, одамон ба монанди ҳайвонҳо хишова кардани алафҳои бегонаро дар саҳро ҳеҷ гоҳ дақиқан иҷро карда наметавонистанд. Инчунин, ҳайвонҳо дуздӣ намекарданд, бинобар ин сохтани девор ва ё кашидани парчин байни заминҳои корам ва чарогоҳҳо моҳияти худро гум карда, меҳнати зиёдеро барои нигоҳубин, таъмир ва сохтани дарвозаҳо сарфа мекард. Дар баробари ин, фасли тобистон камбудию норасоиҳои гуногуни ғайричашмдошти худро низ дошт. Зарурати дастрас кардани равғани парафин, мех, арғамчин, бисквит барои сагҳо ва наъл барои суми пойҳои аспҳо пеш омада буд, ки ягонтои он дар Саройи чорпоён истеҳсол намешуд. Баъдтар ба ғайр аз афзорҳои гуногун ва ниҳоят мошинаҳои Нерӯгоҳи барқии бодӣ, боз дарёфт намудани тухмӣ ва нурии минералӣ барои заминҳои корам  лозим омад. Тарзи дастрас ва хариди ҳамаи инро ҳеҷ ҳайвоне тасаввур карда наметавонист.

Як субҳи рӯзи якшанбе, вақте ки ҳайвонҳо барои гирифтани супоришҳо ҷамъ омада буданд, Наполеон эълон кард, ки вай дар бораи амалӣ намудани сиёсати наве тасмим гирифтааст. Минбаъд Саройи чорпоён бо фермаҳои ҳамсоя хариду фурӯшро ба роҳ хоҳад монд: албатта, на ба ягон максади тиҷоратӣ, балки фақат барои гирифтани баъзе маводи таъҷилан зарурӣ. "Таъмини эҳтиёҷоти Нерӯгоҳи барқии бодӣ аз ҳама чизи дигар бояд афзалтар бошад," - гуфт ӯ. Аз ин рӯ, ӯ тасмим гирифт, ки як чанд ғарами[32] гандумпоя ва як қисми ҳосили ҷави ҷамъоварикардашудаaро фурӯшад ва баъдан агар пули бештар лозим шавад, онро аз ҳисоби фурӯши тухми мурғ, ки ҳамеша дар бозори Виллингдон талабот дорад, ба даст оранд. "Мурғон," - гуфт Наполеон, бо хушҳолӣ – "тавассути ин кор бояд саҳми махсуси худро барои сохтмони Нерӯгоҳи барқии бодӣ гузоранд".

Бори дигар ҳайвонҳоро нороҳатии номаълуме фаро гирифт. Бо одамон ҳеҷ гоҳ муомила накардан, ба тиҷорат ҳеҷ вақт машғул нашудан, ҳеҷ гоҳ пулро истифода набурдан –

---

[32] тӯдаи ба як ҷо ҷамъовардаи растаниҳо ва чизҳои дигар: ғарами беда, ғарами гандум, ғарами ҳезум

магар инҳо аввалин қарорҳое набуданд, ки дар якумин маҷлиси рӯзи пирӯзӣ, баъд аз ронда шудани Ҷонс қабул карда шуда буданд? Ҳамаи ҳайвонҳо қабули чунин қарорҳоро ба хотир оварданд: ва ё ҳадди ақал онҳо фикр мекарданд, ки қабули ин қарорҳоро дар ёд доранд ё не. Чор хуки ҷавон, ки замоне барои барҳам надодани маҷлисҳои рӯзи якшанбе ба Наполеон эътироз карда буданд, ҳоло хостанд боз овоз баланд кунанд, аммо дарҳол онҳоро ғурриши даҳшатноки сагҳо хомӯш кард. Баъд, чун одат гӯсфандон бо шиори "Чор пой хуб, ду пой бад!" вазъро муътадил сохтанд. Ниҳоят, Наполеон пояшро баланд бардошта, ҳамаро ба хомӯшӣ даъват намуда, эълон кард, ки аллакай ба қароре омадааст. "Ҳеҷ мақбул нест, ки ҳайвон бо одам ягон ҳамкорӣ ва ё алоқае дошта бошад, чунки одамон ба ҷуз таҳқир дигар чизеро сазовор нестанд," – гуфт ӯ ва бо гуфтани чунин суханон Наполеон мехост, ки тамоми масъулияти корро ба дӯши худ гирад. ҶанобиВаймпер – адвокате аз Виллингдон - розӣ шуда буд, ки ба ҳайси миёнарав байни Саройи чорпоён ва олами беруна фаъолият намояд ва ҳар субҳи рӯзи душанбе барои гирифтани дастурҳо ба Саройи чорпоён

ташриф биёрад. Наполеон суханронии худро бо нидоҳои маъмулии худ: “Зинда бод Саройи чорпоён!” анҷом дода, пас аз сурудани *“Ҳайвоноти Англия”* ҳама пароканда шуданд.

Пас аз он, Вингосӣ Саройи чорпоёнро давр зада, ҳайвонотро ором кард. Вай онҳоро бовар кунонд, ки қарор дар бораи хариду фурӯш ва истифодаи пул ҳеҷ гоҳ қабул нашудааст ва ҳатто онро ягон ҳайвон пешниҳод ҳам накардааст. Эҳтимолан, ин хаёлоти пуч аз дурӯғҳои паҳнкардаи Барфаки кулӯла ибтидо мегиранд. Якчанд ҳайвон ҳанӯз ҳам шубҳа доштанд, аммо Вингосӣ аз онҳо рӯи рост пурсид: “Оё шумо боварӣ доред, ки ин чизро шумо дар хоб надидаед, рафиқон? Оё дар ягон ҷо шумо қайди онҳоро дидаед? Онҳо дар ягон ҷо навишта шудаанд?” Азбаски ин қарорҳо дар ягон ҷо навишта ва қайд карда нашуда буданд, ҳайвонот аз гуфтаҳои ӯ қаноатманд шуда, фикр карданд, ки худи онҳо хато кардаанд.

Ҳар рӯзи душанбе ҷаноби Ваймпер, тибқи тартиби муқарраршуда ба Саройи чорпоён ташриф меовард. Вай як марди хурдакаки маккор - бо риши барҳои рӯйи худ (бакенбард) -  адвокати бетаҷриба, аммо ба

қадри кофӣ доно буд ва пеш аз ҳама фаҳмид, ки дер ё зуд ба Саройи чорпоён даллол[33] лозим мешавад ва аз ин фоидаи хубе ба даст метавонад оварад. Ҳайвонҳо омадану рафтани ӯро бо тарсу ҳарос нигариста, то ҳадди имкон аз ӯ дурӣ мечустанд. Бо вуҷуди ин, намуди Наполеон, ки рӯи чор пой истода, ба Ваймпери ду пой фармон медод, ғуруру ифтихори ҳайвонотро бармеангехт ва ба ин васила онҳо тартиботи навро қисман пазируфтанд. Акнун муносибати онҳо бо насли Одам мисли пештара бад набуд. Акнун насли Одам аз Саройи чорпоён, ки дар ҳолати рушд қарор дошт, аз пештара дида, бештар нафрат мекард. Ҳар як Одам бар ин назар буд, ки Саройи чорпоён  дер ё зуд муфлис мешавад ва пеш аз ҳама сохтмони Нерӯгоҳи барқии бодӣ ба нокомӣ дучор меояд. Онҳо дар қаҳвахонаҳо ҷамъ шуда, ба ҳамдигар бо ҳар гуна нақша ва диаграммаҳо исбот мекарданд, ки Нерӯгоҳи барқии бодӣ  ҳатман фурӯ хоҳад рафт ва ё агар сохта шавад ҳам, ҳеҷ гоҳ кор нахоҳад кард. Бо вуҷуди ин, бар хилофи иродаву хоҳиши худ, онҳо ба ҳайвонҳо нисбат ба кӯшишҳои онҳо ва самаранок идора намудани корҳояшон арҷ

[33] миёнарав

мегузоштанд. Яке аз аломатҳои тағйир ёфтани муносибати одамон бо ҳайвонҳо дар он буд, ки фермаро дигар Саройи чорпоён меномиданд ва вонамуд намекарданд, ки он Саройи чорпоён - Манор ном дорад. Онҳо Ҷонсро, ки умеди баргардонидани Саройи чорпоёнро надошт ва аз он ҷо ба дигар минтақа рафта буд, дигар дастгирӣ намекарданд. Ба ғайр аз Ваймпер байни Саройи чорпоён ва олами беруна дигар ягон алоқае вуҷуд надошт, аммо овозаҳое паҳн мешуданд, ки Наполеон ният дорад ё бо ҷаноби Пилкингтон аз Фоксвуд ва ё бо ҷаноби Фредерик аз Пинчфилд як қарордоди муайяни тиҷоратӣ бандад - аммо ба ҳар сурат ҳардуяшонро якҷоя ва дар як замон касе надида буд.

Ин корҳо тақрибан дар ҳамон замоне рух дода буданд, ки хукҳо ногаҳон ба хонаи истиқоматии Саройи чорпоён (хонаи Ҷонс) даромада, дар он ҷо маскан гирифта буданд. Боз ҳайвонҳо гӯё ба хотир оварданд, ки дар рӯзҳои аввали пирӯзӣ дар бораи дар хонаи истиқоматӣ зиндагӣ накардани хукҳо қарор кабул карда шуда буд ва Вингосӣ боз онҳоро бовар кунонд, ки ин тавр набуд. “Мутлақан зарур аст,” - гуфт ӯ — “хукҳо, ки мағзи ферма

ҳастанд, бояд ҷойи ороме дошта бошанд”. “Инчунин барои шаъну шарафи Доҳӣ[34] (Вингосӣ дар вақтҳои охир Наполеонро ҳамин тавр меномид) намеарзад, ки дар оғили хукҳо зиндагӣ кунад”.

Бо вуҷуди ин, баъзе ҳайвонҳо шуниданд, ки хукҳо на танҳо хӯроки худро дар ошхона мехӯранд ва дар меҳмонхона истироҳат мекунанд, балки дар бистар низ мехобанд. Боксёр инро чун ҳарвақта бо шиори “Наполеон ҳамеша ҳақ аст!” ифода намуд, аммо Кловер Ҳафт принсипро, ки яке аз он зидди хоб рафтани хукҳо дар болои рахти хоб буд, дар хотир дошт ва ӯ ба охири анбор рафта, кӯшиш кард, ки Ҳафт принсипи дар он ҷо навишташударо хонад. Вай ҳис кард, ки ҷуз ҳарфҳои алоҳида дигар чизеро хонда наметавонад, он гоҳ Муриелро даъват кард.

“Муриел,” (бузи сафед) - гуфт вай, “Принсипи чорумро ба ман хонда деҳ. Оё дар бораи хобидан дар рӯи тахти хоб чизе гуфта шудааст?”

Бо каме душворӣ Муриел онро ҳиҷо ба ҳиҷо хонд.

[34] роҳбар

Дар ин ҷо мегӯяд, “Ҳеҷ ҳайвон набояд дар бистари ҷилдпӯш[35] хоб кунад,” - гуфт ӯ дар ниҳоят.

Аҷибаш ин буд, ки Кловер дар Принсипи чорум калимаеро ба мисли ҷилдпӯш дар ёд надошт, аммо вақте дар девор чунин навишта шуда буд ба он бовар кард. Вингосӣ, иттифоқан дар ҳамин лаҳза бо ҳамроҳии ду ё се саг аз роҳ мегузашт ва ӯ тавонист масъалаи мазкурро дар шакли ба худ муфид дуруст шарҳ диҳад.

“Шумо албатта шунидед, рафиқон,” — гуфт ӯ, — “мо хукҳо акнун дар рӯи рахти хоби хонаи истиқоматии Саройи чорпоён мехобем? Чаро нахобем? Шумо, албатта, гумон намекунед, ки дар бораи рахти хоб ҳукме вуҷуд дошта бошад? Рахти хоб танҳо маънои ҷойи хобро дорад. Хошок низ дар оғилхона ҷойи хоб аст, агар ин дуруст ба назар гирифта шавад. Ин қоида (принсип) танҳо бар зидди истифодаи *ҷилдпӯш* мебошад, ки онро дар ҳақиқат ҳам одамон ихтироъ кардаанд. Мо ҳамаи *ҷилдпӯшҳоро* аз бистарҳои хонаи истиқоматии Саройи чорпоён дур андохта, дар

[35] Ҷилдпӯш – матоъи дарозу васеъ, ки барои рӯпӯш кардани бистари хоб ва курпаву курпача дар рахти хоб истифода мешавад

байни кӯрпаҳо мехобем. Дар рахти хоб бидуни *ҷилдпӯш* хобидан низ бароҳат мебошад! Барои анҷом додани корҳои зеҳнии имрӯза, рафиқон, аз ин бештар шароит ба мо лозим нест. Шумо моро аз ин маҳрум намесозед, рафиқон? Оё шумо мехоҳед, ки мо аз ҳад зиёд хаста шавему вазифаҳоямонро иҷро карда натавонем? Боварӣ дорам, ки ҳеҷ яке аз шумо намехоҳад, ки Ҷонс баргардад?"

Ҳайвонот ӯро дар ин бора ором карданд ва дигар роҷеъ ба масъалаи хобидани хукҳо дар болои рахтҳои хоби хонаҳои истиқоматии Саройи чорпоён чизе нагуфтанд. Баъд аз чанд рӯзи дигар эълон карданд, ки аз ин ба баъд хукҳо ҳар саҳар назар ба дигар хайвонот як соат дертар аз хоб мехезанд, дар ин бора ҳам ягон ҷонвар шикояте накард.

Дар фасли тирамоҳ ҳайвонҳо хаста ва ҳамзамон хеле хурсанд буданд. Онҳо як соли душворро паси сар карданд ва баъд аз фурӯхтани як қисми гандумпоя ва ҷав захираи ғизои зимистона ҳам кам шуда буд, аммо Нерӯгоҳи барқии бодӣ ҳама мушкилотро ҷуброн бояд мекард. Ҳоло қариб нисфи он сохта шуда буд. Пас аз ҷамъоварии ҳосил ҳавои хушки софу беғубор ҳукмфармо шуд ва

ҳайвонҳо аз ҳарвақта дида, бештар заҳмат кашида, фикр мекарданд, ки корашон омад кардааст ва тамоми рӯз харсангҳои вазнинро кашонида, мехостанд, деворҳоро ба андозаи як фути[36] дигар баланд бардоранд. Боксёр ҳатто шабҳо як-ду соат мустақилона дар партави[37] моҳтоб кор мекард. Ҳайвонот дар вақтҳои холии худ осиёби бодии нимтайёрро давр зада, аз мустаҳкамӣ ва ростии деворҳои он дар ҳайрат мемонданд ва аз он фахр мекарданд, ки онҳо ҳам чунин чизи мутаассирро сохтан тавонистанд. Бенҷамин - хари калонсол - нисбат ба сохтмони Нерӯгоҳи барқии бодӣ ягон шавқу рағбат надошт ва ҳамеша чун аз рӯи одат ба ҷуз гирифтани эродҳои пурасрор дар бораи он ки харҳо умри дароз доранд, дигар чизе намегуфт.

Моҳи ноябр бо шамолҳои сахти ҷанубу ғарбӣ фаро расид. Бинобар сабаби он ки намнокӣ зиёд шуда буд ва он шӯридани бетонро мушкил месохт, сохтмони Нерӯгоҳи барқии бодӣ қатъ карда шуд. Шабе чунон тӯфони сахт ба амал омад, ки биноҳои Саройи чорпоёнро аз таҳкурсияш ларзонида, чанд

[36] воҳиди ченаки дарозӣ: 1 фут = 0.31 см
[37] равшанӣ

сафоли бомпӯши[38] анборро аз ҷояш паронида бурд. Мурғҳо гӯё ҳамаашон якбора дар хоб диданд, ки аз дур садои тир меояд ва аз тарс қуд-қудкунон аз ҷой хестанд. Субҳи барвақт ҳайвонот аз оғилхонаҳо баромада, диданд, ки пояи парчам шикаста афтидааст ва дарахти норун[39] бошад, дар боғ мисли шалғамча решакан шудааст. Баъди ба ҳамаи ин таваҷҷуҳ кардан ногаҳон чашмони онҳо ба манзараи даҳшатборе афтод ва ҳамаи онҳо якбора нидои ноумедӣ карданд. Нерӯгоҳи барқии бодӣ хароб шуда буд.

Якбора ҳамаи онҳо ба ҷойи ҳодиса давиданд. Наполеон, ки аз ҳама кам ба сайру гашт мебаромад, ҳоло пеш аз ҳама ба он тараф медавид. Оре, Нерӯгоҳи барқии бодӣ, ки самараи тамоми кору муборизаи онҳо ба ҳисоб мерафт, акнун то таҳкурсияш афтида, ба замин яксон шуда буд, харсангҳое, ки онҳо бо заҳмати зиёд шикаставу оварда буданд, акнун дар гирду атроф парешон мехобиданд. Онҳо дар аввал лол[40] шуда, сухан гуфта натавонистанд ва ба тӯдаи харсангҳои

[38]рӯпӯши болои бом, ки аз гил ба андозаи 40*40 омода карда шуда, дар хумдон пӯхта карда мешавад

[39] навъи дарахт

[40] гунг

парешон бо алам менигаристанд. Наполеон гоҳ-гоҳ заминро бӯй кашида, ба ин тарафу он тараф хомӯшона қадам мезад. Думи сахти вай аз як паҳлӯ ба паҳлӯи дигар дакка[41] мехӯрд ва ин амал нишонаи пуршиддати ҳолати фикрронии ӯро нишон медод. Ногаҳон ӯ боз истод – гӯё, ки тасмимашро гирифта бошад.

“Рафиқон,” - гуфт ӯ оромона, - “медонед ба ин кор кӣ ҷавобгар аст? Оё шумо номи душманеро медонед, ки шаб омада, Нерӯгоҳи барқии бодии моро чаппа кардааст? Барфаки кулӯла!” - ӯ ногаҳон бо овози раъдмонанд ғуррос зада, гуфт: “Ин корро Барфаки кулӯла кард! Ин хиёнаткор қасд дошт, ки нақшаҳои моро вайрон кунад, ва аз мо қасоси ронда шуданашро бигирад, ин хоин зери пардаи шаб ба ин ҷо даромада, кори яксолаи моро тақрибан барбод дод. Рафиқон, ман, дар ҳамин лаҳза ва дар ҳамин ҷо ба Барфаки кулӯла ҳукми қатл эълон мекунам. Ба ҳар ҳайвоне, ки ӯро дастгир мекунад, “Қаҳрамони ҳайвонот дараҷаи дуюм” ва ним шоха себ дода мешавад. Ҳар ҳайвоне, ки ӯро зинда дастгир мекунад, як шохаи пур аз себ тақдим карда мешавад!”

---

[41]задан, дак хӯрдан

Аз гунаҳкор будан ва чунин амали мудҳиш кардани Барфаки кулӯла ҳамаи ҳайвонҳо беҳад дар ҳайрат монда буданд. Садои хашму ғазаб баланд шуд ва ҳама дар бораи роҳҳои дастгир кардани Барфаки кулӯла фикр мекарданд – албатта, дар сурате, ки ӯ агар бори дигар ба он ҷо меомад. Дарҳол иззи (пайи) пойи хуке дар рӯи алафе дар наздикии теппача пайдо шуд. Онҳоро танҳо дар тӯли чанд қадам дидан мумкин буд ва зоҳиран ин иззи пой ба сӯрохии деворе оварда расонд. Наполеон ин иззи пойро бодиққат бӯй кашида, эълон кард, ки он ба Барфаки кулӯла тааллуқ дорад. Бо ақидаи Наполеон эҳтимол Барфаки кулӯла аз самти фермаи Фоксвуд омада бошад.

"Дигар ягон лаҳза таъхир накунед, рафиқон!" - хитоб кард Наполеон баъд аз тафтиш кардани иззи пой - "моро кор мунтазир аст. Худи ҳамин субҳ ба барқарорсозии Нерӯгоҳи барқии бодӣ шурӯъ мекунем ва тамоми фасли зимистон, хоҳ борон бошад, хоҳ офтоб мо онро месозем. Мо ба ин хоини шарманда нишон медиҳем, ки вай ба осонӣ моро шикаста наметавонад. Дар хотир нигоҳ доред, рафиқон, ба нақшаҳои мо ягон тағйирот ворид карда намешавад: онҳо сари

вақт ичро карда мешаванд. Ба пеш, рафиқон! Зинда бод Нерӯгоҳи барқии бодӣ! Зинда бод Саройи чорпоён!”

## Боби VII

Зимистон хеле сард омад. Баъд аз шамолҳои сахт борону барф меборид ва баъдан ҳаво хеле хунук шуд, ки сардии он то моҳи феврал идома ёфт. Ҳайвонот бо тамоми қувва Нерӯгоҳи барқии бодиро барқарор мекарданд, чунки онҳо зери таваҷҷуҳи олами беруна қарор доштанд ва агар сохтмони Нерӯгоҳи барқии бодӣ ба нокомӣ дучор мешуд, одамони бахилу ҳасадхӯр аз ин хурсанд мешуданд.

Бар хилофи он одамон боварӣ надоштанд, ки Нерӯгоҳи барқии бодиро Барфаки кулӯла вайрон карда бошад, онҳо афтодани онро дар борик будани паҳнои деворҳо медиданд. Ҳайвонот медонистанд, ки дар асл ин тавр нест. Бо вуҷуди ин, қарор дода шуд, ки паҳнои деворҳоро ин дафъа ба ҷойи ҳаждаҳ дюйм[42] ба андозаи се фут[43] сохта

[42] 1 дюйм=2.5 см
[43] 1 фут= 0,30 см

шаванд, ки ин ҷамъоварии миқдори зиёди харсангро талаб мекард. Муддати дароз кон пур аз барф буду ягон коре кардан ғайриимкон буд. Як каме пешравӣ зимни барқарор гардидани ҳавои сарди хушк ба амал омад, аммо дар чунин шароит кор кардан беҳад мушкил буд ва аз тарафи дигар ҳайвонҳо мисли пештара бо ҳавасмандии зиёд кор намекарданд. Онҳо ҳамеша аз ҳавои хунук ва гуруснагӣ азият мекашиданд. Танҳо Боксёр ва Кловер ҳеҷ рӯҳафтода намешуданд. Вингосӣ дар бораи хизмат ва шаъну шарафи меҳнат суханрониҳои олӣ мекард, аммо ҳайвонҳои дигар аз қуввати Боксёр ва шиорҳои ӯ дар бораи “Ман аз ин ҳам сахттар кор мекунам!” рӯҳу илҳоми тоза мегирифтанд.

Дар моҳи январ маълум шуд, ки маводи ғизоӣ кам шуда истодааст. Дар ғизо илова кардани меъёри ғалладона хеле кам карда шуд ва эълон карданд, ки барои пурра кардани ғизо иловатан картошка ҷудо карда мешавад. Бинобар сабаби тунук пушондани картошка қисми зиёди онро дар анбор сармо зада буд. Картошка тар шуда, пӯсида буд ва онро истеъмол кардан ғайриимкон буд. Дар давоми рӯз ҳайвонҳо ба ҷуз гандумпоя ва лаблабу чизи

дигаре барои хӯрдан надоштанд. Гуруснагӣ гӯё онҳоро таҳдид мекард.

Пинҳон кардани ин воқеият аз дигарон ҳаётан муҳим буд. Одамон аз вайрон шудани Нерӯгоҳи барқии бодӣ рӯҳбаланд шуда, дар бораи Саройи чорпоён овозаҳои нав ба нав паҳн мекарданд. Аз сари нав дар бораи мурдани ҳайвонот аз гуруснагию бемори̅, сар задани ҷангҳои пайваста, якдигархӯрӣ ва ба куштани навзодҳо даст задани онҳо овозаҳо паҳн мешуд. Наполеон хуб медонист, ки маълум шудани вазъи воқеии озуқаворӣ метавонад пайомадҳои баде ба вуҷуд оварад, аз ин рӯ, ӯ тасмим гирифт, ки ҷаноби Ваймперро барои рад кардани овозаҳо истифода кунад. Маъмулан, ҳайвонот дар ташрифҳои ҳар ҳафтаинаи Ваймпер ба Саройи чорпоён бо ӯ кам вомехӯрданд ва ё умуман вонамехӯрданд, ҳоло бошад, ба чанд ҳайвонҳои интихобшуда, ба вижа гӯсфандон дастур дода шуд, ки дар баробари дидани ӯ дар бораи зиёд будани ғизо чизеро қайд кунанд. Илова бар ин, Наполеон фармон дод, ки бочкаҳои холиро тақрибан то лабаш бо қум пур кунанд ва болои боқимондаи ғалла дигар ғизоро пӯшонанд. Бо як баҳонае Ваймперро ба

анбори Саройи чорпоён бурданд ва иҷозат доданд, ки бочкаҳоро бубинад. Ваймперро фиреб доданд ва ӯ ба олами беруна хабар дод, ки ҳақиқатан дар Саройи чорпоён хӯрокворӣ фаровон аст.

Бо вуҷуди ҳамаи ин, дар охири моҳи январ маълум шуд, ки аз ягон ҷо як миқдор ғалладона харидан лозим меояд. Дар ин рӯзҳо Наполеон дар байни ҳайвонҳо кам худро зоҳир мекард, вале тамоми вақташро дар Саройи чорпоён мегузаронид ва ҳар як дари онро сагҳои бераҳм посбонӣ мекарданд. Наполеон ҳамеша ба таври расмӣ бо ҳамроҳии шаш саг – онҳо ӯро аз наздик иҳота карда, ҳамроҳӣ менамуданд ва агар касе аз ҳад зиёд ба Наполеон наздик мешуд, ба он ғурриш мекарданд - ба берун мебаромад. Ӯ ҳатто аксар вақт субҳи рӯзҳои якшанбе ба маҷлис намеомад ва супоришҳои худро тавассути хукҳои дигар, одатан тариқи Вингосӣ медод.

Як субҳи рӯзи якшанбе дар маҷлис Вингосӣ эълон кард, ки ҳамаи мокиёни тухмкунанда, бояд тухмҳояшонро ба онҳо супоранд. Наполеон тавассути Ваймпер барои таҳвили чорсад тухм дар як ҳафта ба бозор қарордод ба имзо расонида буд. Бо ин пул

метавонистанд ба қадри кофӣ ғалладона ва дигар ғизо барои ҳайвонот харидорӣ намоянд ва ба ин васила худро то фасли тобистон расонида, шароиташонро беҳтар созанд.

Вақте ки мурғҳо инро шуниданд, доду фарёди сахт бардоштанд. Бале, ба онҳо қаблан ҳушдор дода буданд, ки чунин кор шуданаш мумкин аст, аммо онҳо бовар надоштанд, ки ин кор воқеан ҳам рӯй хоҳад дод. Мокиён тухмҳои худро барои курк[44] шудан дар фасли баҳор омода мекарданд ва ҳоло гирифтани тухмҳо ин баробари куштори ҳақиқии насли ояндаи онҳо буд. Ин бори аввал пас аз ронда шудани Ҷонс ҳамчун чизе ба монанди шӯриш буд. Бо роҳбарии се Минорками сиёҳи[45] ҷавон, мокиён кӯшиш карданд, ки хоҳишҳои Наполеонро иҷро накунанд. Онҳо ба боло парида, рӯи чӯби равҳо тухми худро мегузоштанд, ки баъдан онҳо ба рӯи замин афтида, пора-пора мешуданд. Наполеон зуд амал карда, чораҳои бераҳмона меандешид. Ӯ фармон дод, ки дигар ба мурғон ғизо надиҳанд

[44] мокиёне, ки аз тухм кардан мондаанд ва моил ба рӯи тухмҳо нишастан кардаанд (барои чӯҷа баровардан)
[45] яке аз зоти мокӣ, ки дар ҷазираи Минорками Испания тавассути дурага кардани якчанд навъҳои мурғҳои маҳаллӣ ба вуҷуд оварда шудааст

ва агар ягон ҳайвоне ба онҳо ягон намуди дон медиҳад, ба ӯ ҳукми қатл дода мешавад. Ба сагҳо супориш дода шуд, ки масъули иҷрои ин фармон бошанд. Дар давоми панҷ рӯз мурғҳо истодагарӣ карданд, пас онҳо таслим шуда, ба ҷойҳои хоби худ баргаштанд. Дар ин миён 9 мурғ мурд. Ҷасадҳои онҳоро дар боғ ба хок супурда, эълон карданд, ки онҳо аз бемории коксидиоз мурдаанд. Ваймпер дар бораи ин кор чизеро нашунид ва тухмҳо аз рӯи нақша тавассути як нафар баққолӣ, ки ҳафтае як маротиба бо аробаи рӯпӯшшуда ба Саройи чорпоён меомад, ирсол карда мешуданд.

Дар бораи будубоши Барфаки кулӯла дигар касе хабар надошт. Баъзан мегуфтанд, ки ӯ дар яке аз фермаҳои ҳамсоя ё дар Фоксвуд ва ё Пинчфилд пинҳон шудааст. Наполеон дар ин вақт бо фермаҳои ҳамсоя як каме муносибатҳояшро беҳтар карда буд. Ин муносибатҳои хуб ба шарофати мавҷуд будани як тӯдаи чӯбу тахта дар ҳавлии Саройи чорпоён, ки даҳ сол пеш ҳангоми тоза кардани бешазораки Саройи чорпоён ҷамъ карда шуда буданд, барқарор шуд. Онҳо хуб хушк шуда буданд, аз ин рӯ, ҳам ҷаноби Пилкингтон ва ҳам ҷаноби Фредерик мехостанд онҳоро

харидорӣ намоянд. Бинобар ин, Ваймпер ба Наполеон маслиҳат дода буд, ки ин тӯдаи чӯбу тахтаро ба онҳо фурӯшад. Наполеон дар байни ин ду нафар дудила буд ва наметавонист, ки қарори мушаххаси худро дар ин бора қабул кунад. Ба назар чунин мерасид, ки ҳар вақте мехост бо Фредерик қарордод бандад, хабар мекарданд, ки Барфаки кулӯла дар Фоксвуд пинҳон шудааст, дар ҳоле ки Наполеон ба сӯи Пилкингтон майл мекард, овоза мехест, ки Барфаки кулӯла дар Пинчфилд қарор дорад.

Ногаҳон, дар аввали фасли баҳор як чизи ташвишовар ошкор гардид. Барфаки кулӯла шабона, пинҳонӣ ба Саройи чорпоён меомадааст! Ҳайвонот чунон ба ташвиш афтода буданд, ки шабҳо дар оғилҳояшон базӯр мехобиданд. Мегуфтанд, ки ӯ ҳар шаб аз торикӣ истифода бурда, чун хазанда ба Саройи чорпоён медароянд ва ба ҳар гуна харобкорӣ даст мезад. Гӯё вай ғалладонаро медуздид, сатилҳои пур аз ширро ба ин тарафу он тараф мепартофт, тухми мурғҳоро пахш карда мешикаст, заминҳои шинондашударо поймол мекард, пусти дарахтони мевадиҳандаро мехоид. Ҳар вақте ки ягон камбудӣ мешуд, онро чун одат ба Барфаки кулӯла нисбат

медоданд. Агар тиреза мешикаст ва ё оби ҷӯйбор хушк мешуд, ҳама бар он бовар буданд, ки Барфаки кулӯла шаб омада, ин корро кардааст ва вақте ки калиди анбор гум шуд, тамоми Саройи чорпоён фикр кард, ки Барфаки кулӯла онро гирифта ба чоҳ партофтааст. Аз ҳама аҷибаш ин буд, ки онҳо ҳатто пас аз ёфт шудани калиди гумшуда, ки онро аз зери халтаи ҷуворимакка пайдо карданд, ҳамоно нуқтаи назари худро дар ин бора тағйир надоданд. Модаговҳо якҷоя изҳор мекарданд, ки Барфаки кулӯла ба оғили онҳо даромада, дар хобашон онҳоро меҷӯшад. Гуфта мешуд, ки калламушҳо дар он зимистон бинобар сабаби доштани мушкилот бо Барфаки кулӯла ҳамкорӣ мекарданд.

Наполеон фармон дод, ки тафтиши пурраи фаъолияти Барфаки кулӯларо анҷом диҳанд. Дар иҳотаи сагҳои худ Наполеон барои тафтиши биноҳои Саройи чорпоён баромад, ҳайвонҳои дигар аз қафояш дар масофаи дуртар ӯро ҳамроҳӣ мекарданд. Сари ҳар чанд қадам Наполеон боз меистод ва заминро бӯй мекашид, то ин ки осори иззи пойи Барфаки кулӯларо пайдо кунад. Тавре ки ӯ мегуфт, иззи пойро аз буйяш маълум

мекунад. Вай ҳар як кунҷи анбор, оғилхона, мурғхона ва боғчаро бӯй кашида, қариб дар ҳама ҷой осори иззи пойи Барфаки кулӯларо пайдо мекард. Вай фукашро[46] ба замин гузошта, чанд бор бӯйи амиқ мекашид ва бо овози мудҳиш хитоб мекард: "Барфаки кулӯла! Ӯ дар ин ҷо буд! Ман бӯйи ӯро ба таври возеҳ ҳис карда метавонам!" ва аз шунидани калимаи "Барфаки кулӯла" ҳама сагҳои хунхор аккос зада, дандонҳои нешиашонро нишон медоданд.

Ҳайвонот ба таври ҷиддӣ тарсон шуда буданд. Ба назари онҳо, гӯё Барфаки кулӯла ба монанди руҳи ноаён ба Саройи чорпоён омада, ҳама гуна хатару бадбахтиҳоро ба сари онҳо мерезад. Бегоҳии рӯз Вингосӣ ҳамаи ҳайвонҳоро бо як чеҳраи пур аз изтироб даъват карда, гуфт, ки барои онҳо хабари ҷиддӣ дорад.

"Рафиқон!"— хитоб кард Вингосӣ андаке асабонӣ шуда, - "баъзе чизҳои даҳшатнок ошкор шуданд. Барфаки кулӯла худро ба Фредерик, ба фермаи Пинчфилд фурӯхт ва ҳоло қасди ҳамла кардан ба Саройи чорпоёни моро доранд, ки онро аз мо баргашта, гиранд!

---

[46] гирдогирди даҳони чорпоён, пӯз, чоғ

Барфаки кулӯла ҳангоми оғози ҳамла кардан ҳамчун роҳнамои онҳо шуда, амал хоҳад кард. Аммо аз ин мудҳиштар чизҳое барои мо маълум шуданд. Мо фикр мекардем, ки ронда шудани Барфаки кулӯла танҳо аз ифротгарой ва шуҳратпарастии ӯ ба вуҷуд омадааст. Вале мо хато кардем, рафиқон. Оё медонед, ки сабаби аслӣ аз чӣ иборат будааст? Барфаки кулӯла аз аввал ҳамроҳи Ҷонс буд! Ӯ доимо ҷосуси махфии Ҷонс дар Саройи чорпоён будааст".

Ҳамаи ин бо ҳуҷҷатҳое, ки ӯ пас аз худ гузошта ва мо онҳоро навакак пайдо ва ошкор кардем, исбот шудаанд. "Ман фикр мекунам, ки акнун мо бисёр чизҳоро маълум кардем, рафиқон. Оё мо бо чашмони худ надидем, ки вай чӣ тавр кӯшиш кард, — хушбахтона, бемуваффақият — моро дар Муҳорибаи назди Оғили говҳо мағлуб сохта, несту нобуд кунад?"

Ҳайвонот ҳама шаху карахт шуданд. Вайрон кардани Нерӯгоҳи барқии бодиро бадхоҳии Барфаки кулӯла номидан мумкин буд. Танҳо баъд аз чанд дақиқа қобилияти фаҳмиши онҳо пурра барқарор шуд. Ҳама ба ёд оварданд ва ё гумон мекарданд, ки дар ёд доранд, чӣ гуна Барфаки кулӯла дар

Муҳорибаи назди Оғили говҳо пешопеши онҳо ҳаракат мекард, чӣ тавр ӯ сари ҳар қадам онҳоро ҷамъ карда, барои ҷанг кардан рӯҳбаланд месохт ва чӣ гуна вақте ки Ҷонс бо тири ярокаш пушти ӯро захмӣ кард, вай як лаҳза ҳам таваққуф накарда, ба пеш ҳаракат мекард. Ҳайвонҳо намефаҳмиданд, ки то чӣ дараҷа тарафдори Ҷонс будани Барфаки кулӯла ба ҳақиқат мувофиқат мекунад. Ҳатто Боксер, ки қариб ҳеҷ гоҳ саволе намедод, дар ҳайрат монда буд. Вай дароз кашида, пойҳои пешашро ҷамъ карда, чашмонашро пӯшид ва саъй кард, ки фикрашро баён кунад.

“Ман ба ин бовар надорам,” - гуфт ӯ. “Барфаки кулӯла дар Муҳорибаи назди Оғили говҳо хеле далерона ҷангид. Ман бо чашми худам дидам. Оё магар мо ба ӯ унвони “Қаҳрамони ҳайвонот, дараҷаи якум” надодем?”

“Маҳз, ҳамин хатоии мо буд, рафиқон. Аз он ҳуҷҷатҳои махфие, ки мо дарёфтем, маълум шуд, ки дар асл ӯ кӯшиш мекард моро ба ҳалокат барад”.

“Аммо ӯ захмӣ шуд,” - гуфт Боксёр. “мо ҳама дидем, ки ӯ хунолуд давида истода буд”.

“Ин як қисми иҷрои созиш буд!” - хитоб кард Вингосӣ. “Ҷонс бар қасд ӯро паронд. Ман метавонам ба шумо созишномаи навиштаи ӯро нишон диҳам, агар шумо онро хонда тавонед. Тибқи нақшаи кашидашудаи онҳо бояд Барфаки кулӯла дар лаҳзаи ҳалкунанда барои қафонишинӣ огоҳӣ медод, ки майдонро ба дасти душман супорем. Ва қариб ба ӯ ин кор муяссар ҳам шуд — ҳатто бештар аз ин мегӯям, рафиқон, агар доҳии каҳрамони мо, рафиқ Наполеон намебуд, ӯ ба ин кор муваффақ мешуд. Оё шумо дар хотир надоред, маҳз дар ҳамон лаҳзае, ки Ҷонс ва коргаронаш ба ҳавлии Саройи чорпоён зада даромаданд, чӣ тавр Барфаки кулӯла ногаҳон баргашта гурехт ва ҳайвоноти зиёде аз паси ӯ рафтанд? Ва оё шумо фаромӯш кардед, ки маҳз дар ҳамон лаҳза - вақте ки ваҳму воҳима ҳамаро фаро гирифта буд ва ҳама дар гурез буданд - рафиқ Наполеон “Марг ба одамҳо!” - гӯён, ба пеш ҷаҳида, бо дандонҳояш пойи Ҷонсро газид? Албатта, шумо инро дар хотир нағзакак доред, рафиқон!” — хитоб кард Вингосӣ аз ин тараф ба он тараф ҷаҳида.

Вингосӣ ин саҳнаро хеле бо фасоҳату возеҳ тасвир кард ва ба назари ҳайвонҳо чунин

менамуд, ки гӯё онҳо ин манзараро дар ҳақиқат ҳам хуб дар хотир доранд. Ба ҳар ҳол, онҳо ба хотир оварданд, ки дар лаҳзаи муҳими ҷанг Барфаки кулӯла ба гурехтан рӯ оварда буд. Аммо Боксёр ҳанӯз ҳам каме нороҳат буд.

"Ман бовар надорам, ки аз аввал Барфаки кулӯла хоин буд," - гуфт дар ниҳоят ӯ. "Он рафторе, ки баъдан кард, аз корҳои он вақтааш фарқ дорад. Аммо ман бо боварии комил гуфта метавонам, ки дар Муҳорибаи назди Оғили говҳо вай рафиқи боэътимоде буд".

"Доҳии мо, рафиқ Наполеон, — хеле оҳиста ва қотеона эълон кард Вингосӣ, — қатъиян тасдиқ мекунад — катъиян, рафиқон, ки Барфаки кулӯла аз худи аввал ҷосуси Ҷонс буд — бале, ҳамин тавр буд, хеле пеш аз он ки дар бораи шӯриш чизе фикр карда мешуд, ӯ аллакай ҷосуси ӯ буд".

"Ин тавр бошад, ин гапи дигар аст!" - гуфт Боксёр - "агар рафиқ Наполеон чунин гуяд, пас ҳамааш дуруст аст".

"Дар ҳақиқат чунин аст, рафиқ!" - боз хитоб кард Вингосӣ ва ба Боксёр бо чашмони хурдакаки дурахшонаш нигоҳи хеле зиште кард. Вай рафтанӣ шуд, вале боз истод ва ба

таври таъсирбахш илова намуд: “Ман ҳар як ҳайвони Саройи чорпоёнро огоҳ мекунам, ки чашмонашонро хеле кушода нигоҳ доранд. Зеро ҳанӯз ҳам бо боварӣ гуфтан метавон, ки дар байни мо баъзе ҷосусони махфии Барфаки кулӯла вуҷуд доранд!”

Пас аз чор рӯз, бегоҳӣ Наполеон фармон дод, ки ҳамаи ҳайвонотро ба ҳавлии Саройи чорпоён даъват кунанд. Вақте ки ҳама ҷамъ шуданд, Наполеон аз дари хонаи истиқоматии Саройи чорпоён - ҳарду медали худро дар бар карда (зеро ӯ ба наздикӣ ба худ унвони “Қаҳрамони ҳайвоноти дараҷаи якум” ва “Қаҳрамони ҳайвоноти дараҷаи дуюм”-ро дода буд), бо нуҳ саги азимаш, ки дар гирди ӯ чарх мезаданд ва бо ғурриши баланди худ тамоми ҳайвонҳоро метарсонданд, ба берун баромад. Ҳама дар ҷойҳои худ шах шуда, аз тарс хомӯш истоданд ва гӯё пешакӣ медонистанд, ки ягон воқеаи мудҳише руй хоҳад дод.

Наполеон муддате рост истода, бо як хунсардӣ аҳли маҷлисро аз назар гузаронида, чирроси баланде баровард. Сагон дарҳол ба пеш давида, чор хукро аз гӯшашон гирифта, бо дарду ваҳм, ки чир-чирашон баланд мешуд, ба пеши пойи Наполеон кашиданд. Аз гӯшҳои

хукҳо хун мерехт ва сагҳо маззаи хунро чашида, ба назар чунин мерасид, ки чанд лаҳза мисли девона шуда буданд. Дар ин лаҳза - ба тааҷҷуби ҳама - се саг худро ба Боксёр партофтанд. Боксёр ҳамлаи онҳоро дида, суми бузурги пойи худро ба боло партофта, сагеро дар ҳаво гирифта, ба замин зад. Саг доду фарёди ҷонсӯзе кард ва дуи дигарашон бошанд, думашонро дар миёни пойҳояшон гузошта, гурехтанд. Боксёр ба Наполеон нигарист, то бифаҳмад, ки сагро лагадкӯб кунад ва ё бигзорад, ки равад. Зоҳиран Наполеон қиёфаашро дигар кард ва ба Боксёр қотеона фармон дод, ки сагро раҳо кунад, пас аз ин Боксёр суми пойи худро бардошт ва саги лату кӯб шуда, нолишкунон гурехта рафт.

Ҳамон лаҳза хомӯшии сахт ҳукмфармо шуд. Чаҳор хук бо айбҳои дар чеҳраашон навишта шуда, тарсону ларзон мунтазир буданд. Наполеон акнун онҳоро даъват кард, ки ба гуноҳҳои худ иқрор шаванд. Инҳо ҳамон чор хуке буданд, ки вақте Наполеон вохӯриҳои рӯзи якшанберо барҳам дода буд, эътироз карда буданд. Онҳо фавран дар бораи он ки аз замони ронда шудани Барфаки кулӯла пинҳонӣ бо ӯ дар тамос буданд ва барои нобуд сохтани

Нерӯгоҳи барқии бодӣ бо вай ҳамкорӣ мекарданд ва инчунин, ба созиш расида буданд, ки Саройи чорпоёнро ба ҷаноби Фредерик месупоранд, иқрор шуданд. Ҳамчунин, онҳо илова карданд, ки Барфаки кулӯла дар тӯли солҳои гузашта низ ҷосуси махфии Ҷонс буд, инро худи Барфаки кулӯла ба онҳо гуфтааст. Вақте ки онҳо ба гуноҳҳои кардаи худ иқрор шуданд, дарҳол сагҳо гулӯяшонро хоиданд ва Наполеон бо овози даҳшатнок аз дигарон талаб кард, ки ягон ҳайвони дигар чизе барои иқрор шудан доранд ё не.

Се мокие, ки кӯшиши барпо кардани шӯришро оид ба ситонидани тухмҳо карда буданд, ҳоло пеш омада, изҳор доштанд, ки Барфаки кулӯла дар хоби онҳо зоҳир шуда, мокиёнро ба итоат накардан ба фармонҳои Наполеон даъват кардааст. Онҳоро низ сагҳо пора-пора карданд. Баъд ғозе баромад ва иқрор шуд, ки дар даради мавсими порсола шаш хӯшаи гандумро пинҳон карда, шаб онро хӯрдааст. Сипас гӯсфанде иқрор шуд, ки бо ташвиқи Барфаки кулӯла замоне дар ҳавзи оби нӯшокӣ пешоб кардааст, ду гӯсфанди дигар иқрор шуданд, ки як қӯчқори пири пайрави

содиқи Наполеонро дар гирду атрофи оташ таъқиб намуда, ӯро дамгир карда, ба ҳалокат расониданд. Ҳамаи ҳайвоноти иқроршуда, дар ҳамон ҷо кушта шуданд. Ва ҳамин тавр, достони иқроршавӣ ва қатлҳо то он даме, ки дар пеши пойи Наполеон як тӯдаи ҷасадҳо нахобид ва ҳаво бӯйи хун нагирифт, идома ёфт ва ин кор бори аввал буд, ки аз замони ронда шудани Ҷонс ба вуқӯъ пайваст.

Вақте ки ҳамаи ин воқеа ба итмом расид, ҳайвонҳо, ба ғайр аз хукҳо ва сагҳо аз он ҷо бо тани саломат баромада рафтанд. Онҳоро ваҳму ҳарос фаро гирифта, бисёр хору зор гашта буданд. Онҳо намефаҳмиданд – аз хиёнати ҳайвонҳое, ки бо Барфаки кулӯла муттаҳид шуда буданд ва ё аз ҷазои бераҳмонаи онҳо, ки ҳоло шоҳиди он буданд - ба ҳайрат омадаанд. Қаблан дар Саройи чорпоён аксар вақт чунин хунрезиҳои сахт ба вуҷуд меомаданд, вале ҳоло кушта шудани ҳайвон аз ҷониби ҳайвони дигар онҳоро хеле сахт рӯҳафтода карда, ин воқеа барояшон хеле сангину нанговар намуд. Баъд аз ронда шудани Ҷонс аз Саройи чорпоён то имрӯз ягон ҳайвон аз тарафи ҳайвони дигар - ҳатто як калламуш ҳам - қатл нашуда буд. Онҳо ба сӯи домани теппачаи хурдакак, ки

осиёби бодии нимсохта он ҷо қарор дошт - ба ғайр аз гурбае, ки қабл аз фармони Наполеон барои ҷамъ кардани ҳайвонот ногаҳон ғайб зада буд – дигар ҳама, аз қабили Кловер, Муриел, Бенҷамин, говҳо, гӯсфандон, як даста ғозҳо ва мурғон гӯё барои гарм шудан якҷоя сарҷамъ шуда буданд, рафтанд. Чанд муддат ягон ҳайвоне сухан нагуфт. Фақат Боксёр рост истода буд. Вай пуризтироб аз ин сӯй ба он сӯй мерафт, думи дарози сиёҳашро аз ин паҳлу ба он паҳлу мезад ва гоҳ-гоҳ каме шиҳа мекашид. Дар охир ӯ гуфт:

“Ман инро намефаҳмам. Ман бовар намекардам, ки дар Саройи чорпоёни мо чунин ҳодисаҳо рӯй медиҳанд. Шояд ин бо айби худамон бошад. Чӣ тавре ки ман мебинам, илоҷи он дар бештар меҳнат кардан аст. Минбаъд ман ҳар саҳар боз як соат пештар аз хоб мехезам”. Ӯ бо шитоб ҳаракат карда, ба сӯи кон равон шуд. Пас аз расидан ба он ҷо бори дукаратаи харсангро ҷамъ кард ва то вақти хоб онҳоро ба Нерӯгоҳи барқии бодӣ кашола карда расонд.

Ҳайвонот бидуни гап задан дар гирди Кловер худро ҷафс карданд. Дар теппачае, ки онҳо хобида буданд, манзараи васеъи

саросари деҳотро дидан мумкин буд. Қариб ҳамаи ҳудуди Саройи чорпоён - чарогоҳҳои фаррох, ки то роҳи асосӣ тӯл мекашиданд, алафзор, чакалакҳо, ҳавзи оби нӯшокӣ, заминҳое, ки дар он гандуми ҷавони сабз мерӯид ва бомҳои сурхи биноҳои ферма бо дуди аз дудбароҳояшон печида бароянда, дар пеши назари онҳо чун кафи даст намоён буд. Шоми софу беғубори фасли баҳор фаро мерасид. Алафзор ва парчинҳои сабз зери шуоъҳои офтоби лаҳзаи ғуруб тиллоиранг менамуданд. Ҳеҷ гоҳ Саройи чорпоён барояшон инқадар ҷолиб набуд, онҳо бо тааҷҷуб эҳсос карданд, ки магар ин Саройи чорпоён моли шахсии онҳо нест ва ҳар як ваҷаби он ба онҳо тааллуқ надорад? Вақте Кловер ба домани теппа менигарист, чашмонаш пур аз ашк шуданд. Агар вай ошкоро метавонист андешаҳои худро иброз кунад, он гоҳ мегуфт: мо на барои чунин ҳаёте, ки имрӯз дорем, насли одамро сарнагун кардем. Он шаби фаромӯшнашаванда, ки Мейори пир онҳоро барои барангехтани шӯриш даъват кард ва онҳо он рӯзи сар задани шӯришро бесаброна интизор буданд - он гоҳ ҳайвонот тасаввур намекарданд, ки замоне

меояду чунин воқеоти даҳшатбор - ба мисли куштору хунрезӣ рӯй медиҳанд. Агар он вақт вайро дар бораи замони оянда мепурсиданд, ӯ мегуфт, ки ҷомеаи ҳайвонҳо ин як ҷомеаи ҳайвоноти аз гуруснагӣ ва аз зери тозиёна озодшударо монда, ҳама баробарҳуқуқанд ва ҳар як ҳайвон мувофиқи қобилияти худ кор хоҳанд кард. Ҳайвоноти қавӣ ҳавоноти нотавонро – чуноне ки вай шаби суханронии Мейори пир гурӯҳи чӯҷаҳои гумшудаи ғозро барои наҷот додан дар гирди пойи худ ҷамъ карда буд - муҳофизат бояд намоянд. Ба ҷои ин - вай намедонист, ки чаро - замонае расидааст, ки ҳеҷ як ҳайвон ҷуръат намекунад фикри худро баён намояд, сагҳои бераҳм тамоми ҷойро гашта, ҳамаро назорат мекарданд ва рафиқоне, ки агар ҷиноятҳои кардаашонро эътироф мекарданд, пора-пора мегардиданд. Вай ягон фикр дар бораи муқовимат кардан ва ё шӯриш бардоштан  надошт. Ба ҳар сурат вай мефаҳмид, ки вазъашон назар ба рӯзҳои замони Ҷонс хеле беҳтар аст ва пеш аз ҳама, бозгашти одамонро ба Саройи чорпоён бояд пешгирӣ менамуданд. Ӯ дар ҳар ҳолате, ки набошад, ба Напалеон содиқ мемонад, сахт меҳнат мекунад, фармонҳои ӯро сари вақт ва

бечунучаро иҷро хоҳад кард. Ба ҳар ҳол онҳо инро орзу надоштанд ва ба умеди ин заҳмат намекашиданд. Ва ҳамаи ин, на барои сохтани Нерӯгоҳи барқии бодӣ ва ё на рӯ ба рӯ шудан бо яроқи Ҷонс буд. Чунин буданд фикрҳои Кловер, гарчанде ки барои баён кардани онҳо ӯ калимаҳои лозимиро пайдо карда наметавонист.

Ниҳоят, вай ғаму андӯҳи худро тавассути суруди *“Ҳайвоноти Англия”* баровардани шуд. Ҳайвонҳои дигар, ки дар гирди ӯ нишаста буданд, сари овози ӯро гирифта, ҳама якҷоя онро се маротиба, бо овози паст, оҳиста ва хеле ғамгинона, ки то ҳол ягон бор онро чунин нахонда буданд, суруданд. Онҳо навакак бори сеюм онро хонда буданд, ки Вингосӣ бо ҳамроҳии ду саг барои гуфтани чизи муҳимме ба онҳо наздик шуд. Ӯ эълон кард, ки бо фармони махсуси рафиқ Наполеон минбаъд хондани суруди *“Ҳайвоноти Англия”* барҳам дода шуд. Аз ин ба баъд хондани он манъ аст.

Ҳамаи ҳайвонот ҳайрон шуданд.

“Чаро?” - хитоб кард, Мориел.

“Дигар хондани он лозим нест, рафиқ,” — қотеона гуфт, Вингосӣ. *“Ҳайвоноти Англия”* - суруд барои барпо кардани шӯриш буд. Аммо

шӯриш акнун ба охир расидааст. Дирӯз ба қатл расонидани хоинон ин амали охирин буд. Душманони берунӣ ва дохилӣ торумор карда шуданд. Тавассути суруди *“Ҳайвоноти Англия”* мо орзуи худро дар бораи ҷомеаи нав ва рӯзҳои беҳтарини оянда баён кардем. Акнун мо чунин ҷамъиятро барпо намудем. Ин суруд моҳияти худро гум карда, дигар он ягон ҳадаф надорад”.

Новобаста аз тарсу ваҳме, ки онҳоро фаро гирифта буд, баъзе ҳайвонҳо эътироз мекарданд, аммо дар ин лаҳза гӯсфандон чун ҳарвақта, ба шиорпартоии маъмулии худ “Чор пой хуб, ду пой бад” оғоз карда, онро чанд дақиқа такрор карданд ва бо ҳамин баҳс ба охир расид.

Ҳамин тариқ, суруди *“Ҳайвоноти Англия”* дигар шунида нашуд. Ба ҷои он шоир - Минимус суруди дигаре эҷод карда буд, ки чунин оғоз меёфт:

Манзили худро, ки бо гулдаста зиннат додаем,
Мо аз ин анвои мева хӯрда лаззат мебарем.

Ҳар субҳи рӯзи якшанбе пас аз барафрохтани парчам ин суруд хонда мешуд. Аммо на калима ва на оҳанги ин суруд ҳеҷ гоҳ

ба мисли суруди *“Ҳайвоноти Англия”* арзиш надошт.

## Боби VIII

Чанд рӯз баъд аз он ки рӯзи қатлу хунрезӣ то андозае фаромӯш шуд, баъзе ҳайвонҳо Принсипи шашумро ба хотир оварданд ва ё ҳадди ақал дар бораи он фикр карданд, ки чунин фармуда шуда буд: “Дигар ҳеҷ ҳайвон ҳайвони дигарро намекушад”. Гарчанде аз тарси хукҳо ва сагҳо касе дар ин бора чизе гуфта наметавонист, аммо эҳсос мешуд, ки қатлу кушторҳои содиршуда ба ин мувофиқат намекунанд. Кловер аз Бенҷамин хоҳиш кард, ки Принсипи шашумро барои ӯ бихонад, аммо Бенҷамин чун одат гуфт, ки ӯ ба ин гуна корҳо дахолат намекунад, баъдан Кловер Муриелро барои хондани он даъват кард. Муриел барои ӯ Принсипи шашумро хонд: “Ҳеҷ ҳайвон ҳеҷ як ҳайвони дигарро бе сабаб кушта наметавонад”. Тааҷҷубовар он буд, ки ду калимаи охирини Принсипро ягон ҳайвон дар хотир надошт. Дар асл ба назар чунин мерасид, ки моҳияти асосии Принсип вайрон нашуда буд, зеро маълум гардид, ки

барои нест кардани ҷосусони махфии Барфаки кулӯла ҳамаи асос вуҷуд дорад.

Дар давоми он сол ҳайвонот назар ба соли гузашта боз ҳам сахттар меҳнат карданд. Аз нав сохтани Нерӯгоҳи барқии бодӣ, ки деворҳояш назар ба пештара ду баробар ғафстар буд ва то муҳлати муайянгардида сохтмони он бояд ба охир расонида мешуд ва дар баробари ин мунтазам кор кардан дар заминҳои Саройи чорпоён ин як заҳмати сахту сангин буд. Ҳатто ҳолатҳое буданд, ки ба назари ҳайвонҳо чунин мерасид, ки онҳо нисбатан ба замонҳои Ҷонс соатҳои зиёдтар кор мекунанду ғизоҳои камтар мехӯранд. Яке аз рӯзҳои якшанбе Вингосӣ коғази дарозеро дар паллаҳои ангушташ нигоҳ дошта, ба ҳайвонҳо рақамҳоеро хонда дод, ки гӯё истеҳсоли ҳар як намуди маҳсулот дусад фоиз, сесад фоиз ва ё ҳатто панҷсад фоиз нисбат ба солҳои гузашта, зиёд шудааст. Ҳайвонҳо ягон далел барои бовар накардан надоштанд, бахусус онҳо дигар ба таври равшан дар хотирашон набуд, ки пеш аз шӯриш чӣ гуна шароит доштанд. Бо вуҷуди ин, баъзе рӯзҳо онҳо ҳис мекарданд, ки ба наздикӣ онҳо камтар кор мекунанду бештар ғизо мехӯранд.

Тамоми супоришҳо ҳоло тавассути Вингосӣ ё яке аз хукҳои дигар дода мешуданд. Худи Наполеон бошад дар ду ҳафта як маротиба ба назди ҳайвонот мебаромад. Акнун ӯ натанҳо дар иҳотаи сагҳои муҳофизаш, балки бо як хурӯси сиёҳе, ки пешопеши ӯ мерафт ва ҳамчун як карнайчӣ карнай зада, пеш аз суханронии Наполеон садои баланде мебаровард, пайдо мешуд. Ҳатто гуфта мешуд, ки дар хонаҳои истиқоматии Саройи чорпоён, Наполеон дар ҳуҷраҳои алоҳида зиндагӣ мекунад. Акнун ӯ ҳамеша дар ҳузури ду саг, ки онҳо дар бараш менишастанд, танҳо хӯрок хӯрда, аз зарфҳои ширкати "Кровн Дерби", ки дар ҷевони шишагини меҳмонхона нигоҳдорӣ мешуданд, истифода мебарад. Инчунин, ботантана эълон карда шуд, ки илова ба рӯзҳои ду ҷашн дар рӯзи таваллуди Наполеон ҳам аз ярок тир парронда шавад.

Ҳоло дигар ҳеҷ гоҳ ӯро бо исми танҳо "Наполеон" ном намегирифтанд. Ӯро ҳамеша ба таври расмӣ, "Доҳии мо, рафиқ Наполеон" муроҷиат мекарданд ва хукҳо барои вай ихтироъ кардани ҳар гуна унвон, аз қабили Падари тамоми ҳайвонот, даҳшати одамият, муҳоффизи оғилҳо, дӯсти ғозҳо ва ғайраро дӯст

медоштанд. Вингосӣ дар баромадҳои худ, бо ашкҳои резон дар бораи хирадмандии Наполеон, некию муҳаббати амиқи ӯ нисбат ба ҳамаи намуди ҳайвонот, алалхусус ҳайвонҳои бадбахт, ки ҳанӯз ҳам дар дигар фермаҳо зери асорату ҷаҳолат ва ғуломӣ зиндагӣ мекарданд, сухан мекард. Таърифу тавсифи Наполеон барои ҳар як муваффақияти ба дастомада ва ҳар як комёбӣ одат шуда буд. Баъзан мешунидед, ки як мурғ ба мурғи дигар мегуфт, “Таҳти роҳбарии доҳии мо, рафиқ Наполеон дар зарфи шаш рӯз панҷ дона тухм супурдам ва ё ду модагов, ки дар назди ҳавзи оби нӯшокӣ об менӯшиданд, хитоб мекарданд: “Ба шарофати роҳбарии рафиқ Наполеон, ин об чӣ қадар бомазза шудааст!”

Ҳиссиёти умумии бошандагони Саройи чорпоён дар шеър таҳти унвони “Рафиқ Наполеон”, ки онро Минимус эҷод карда буд, чунин ифода ёфта буд:

Муаллиму пешвои мо,
Мураббии бачаҳои мо,
Посбони ҷангалу саҳро!
Фасли сармо, фасли гармо

Баҳравар аз гармии ту,
Эй чароғи раҳнамо,
Эй хуки хукон

Нест дар анбор камёб
Ҳам ҷаву гандуму ордоб,
Ҳам аспу бедона серанд,
Мон, ҳама ҳамсоя донанд
Подабону бонувон ҳам,
Мекунад пирӯз моро
Эй хуки хукон!

Ҳар яке аз хукча озод,
Карда дар гаҳвора фарёд:
“Мерасад даврони хукон!
Зинда бодо тоза даврон!
Зинда бодо Кабанеро,
Эй Хуки хукон!”

Наполеон ин шеърро маъкул донист ва супориш дод, ки он дар девори дигари анбори калон, дар муқобили Ҳафт принсип навишта шавад. Дар болои он портрети Наполеонро овезон карда буданд, ки чорчӯби онро Вингосӣ ранги сафед карда буд. Дар ҳамин вақт, тавассути миёнаравии Ваймпер, Наполеон бо Фредерик ва Пилкингтон ба гуфтушунидҳои

мураккаб машғул шуда буд. Тӯдаи чӯбу тахта ҳанӯз ҳам фурӯхта нашуда буд. Аз ин ду нафар, Фредерик барои гирифтани он бештар мароқ зоҳир намуда буд, аммо ӯ нархи мувофиқ пешниҳод намекард. Дар ҳамон замонҳо овозаҳое паҳн шуданд, ки Фредерик ва коргаронаш қасди ҳамла кардан ба Саройи чорпоён ва хароб кардани Нерӯгоҳи барқии бодиро доранд, ки сохтмони он дар дили ӯ рашку ҳасудро ба вуҷуд оварда буд. Маълум буд, ки Барфаки кулӯла дар фермаи Пинчфилд то ҳол паноҳ мебурд. Дар миёнаҳои фасли тобистон ҳайвонҳо шуниданд, ки се мурғ ба назди Наполеон омада, иқрор шуданд, ки дар ҳамкорӣ бо Барфаки кулӯла нақшаи куштори Наполеонро кашидаанд. Онҳоро фавран ба қатл расониданд ва барои бехатарии Наполеон чораҳои муассир андешида шуданд. Чор саг шабона - ҳар яке дар пеши ҳар як пояи кати хоб истода - бистари ӯро посбонӣ мекарданд ва як хуки ҷавон бо номи Пинки барои чашидани тамоми ғизои ӯ, ки мабодо заҳролуд набошад, вазифадор карда шуда буд.

Дар баробари ин тахминан маълум шуд, ки Наполеон барои фурӯхтани тӯдаи чӯбу тахта ба ҷаноби Пилкингтон омода аст ва ӯ

барои мубодилаи баъзе маҳсулот низ байни Саройи чорпоён ва Фоксвуд шартномаи доимӣ бастанӣ буд. Муносибат байни Наполеон ва Пилкингтон, гарчанде ки онҳо фақат тавассути Ваймпер сурат мегирифтанд, ҳоло қариб ки дӯстона буд. Ҳайвонот ба Пилкингтон бинобар одам буданаш боварӣ надоштанд, аммо ӯро аз Фредерик, ки аз ӯ ҳам метарсиданд ва ҳам ба вай нафрат доштанд, хеле афзалтар медонистанд. Бо фарорасии фасли тобистон кори сохтмони Нерӯгоҳи барқии бодӣ ба анҷом мерасид ва овозаҳо дар бораи ҳамлаи хоинонае, ки дар пеш истода буд, бештару бештар паҳн мешуданд. Гуфта мешуд, ки Фредерик қасд дорад ба муқобили онҳо бист нафари силоҳдорро фиристад, ӯ аллакай ба додситонҳо ва милисаҳо ришва дода буд, то ин ки агар Саройи чорпоёнро аз худ кунад, ба ӯ чизе нагӯянд. Гузашта аз ин, аз фермаи Пинчфилд дар бораи бераҳмие, ки Фредерик дар ҳаққи ҳайвоноти худ мекард, хабарҳо паҳн мешуданд. Ӯ яке аз аспони пирро тозиёна зада кушт, говҳояшро гурусна нигоҳ медошт, сагро ба оташи танӯр партофта сӯзонд, барои хушҳолии худ шомгоҳҳон ба панҷаҳои хурӯсҳо пораҳои теғро баста, онҳоро бо ҳам ҷанг

меандохт. Аз хашм хуни ҳайвонҳо ҳангоми шунидани ин суханҳо ба ҷӯш меомад ва баъзан онҳо талаб мекарданд, ки ба онҳо иҷозат дода шавад, то ин ки ба фермаи Пинчфилд ба одамон ҳамла карда, ҳайвонҳоро аз он ҷо озод кунанд. Аммо Вингосӣ аз онҳо даъват кард, ки ба эҳсосот дода нашаванд ва аз ин кирдори дағалона худдорӣ карда, ба стратегияи хирадмандонаи рафиқ Наполеон бовар кунанд.

Бо вуҷуди ин, ҳиссиёти бадбинӣ нисбат ба Фредерик беҳад баланд буд. Як субҳи рӯзи якшанбе Наполеон дар анбор пайдо шуд ва ба аҳли маҷлис фаҳмонд, ки ӯ ҳеҷ гоҳ дар бораи ба Фредерик фурӯхтани тӯдаи чӯбу тахта фикр накардааст, вай ин корро аз шаъну эътибори худ пасттар мешуморад ва бо разилон муомила намекунад. Ба Фоксвуд рафтани кабӯтаронеро, ки то ҳол барои паҳн кардани хабари шӯриш ба ин тарафу он тараф фиристода мешуданд, манъ карда, шиори пешинаи "Марг ба одамҳо"-ро ба ибораи "Марг ба Фредерик" иваз намуданд. Дар охири фасли тобистон боз як найранги Барфаки кулӯла ошкор карда шуд. Заминҳои гандумкошташуда пур аз алафҳои бегона буд ва маълум карда шуд, ки Барфаки кулӯла дар яке аз ташрифҳои пинҳонии

шабонааш тухми алафҳои бегонаро бо тухми гандум омехта кардааст. Гусак, ки дар ин кор нақши худро дошт, ба гуноҳи худ дар назди Вингосӣ иқрор шуд ва дарҳол меваҳои заҳрдори ангури сагакро хӯрда, худкушӣ кард. Ҳайвонҳо акнун баръало фаҳмиданд, ки Барфаки кулӯла - чуноне ки бисёре аз онҳо то ҳол бовар доштанд – унвони "Қаҳрамони ҳайвонот, дараҷаи якум"-ро ҳеҷ гоҳ нагирифта будааст. Ин танҳо як афсонае буд, ки чанде пас аз Муҳорибаи назди Оғили говҳо худи Барфаки кулӯла пахн карда будааст. Ӯ на танҳо унвон нагирифта буд, балки, баръакс барои нишон додани тарсончакӣ дар ҷанг ӯро мазаммат карда буданд. Бори дигар баъзе ҳайвонҳо инро тааҷҷубовар фаҳмиданд, аммо Вингосӣ ба зудӣ тавонист онҳоро бовар кунонад, ки фикрашон дар ин бора хатост.

Фасли тирамоҳ ҳамчун фасли меҳнати вазнини пурмашаққат дар хотираҳо боқӣ монд: ду кор якҷоя - аз як тараф, ҷамъоварии ҳосил - аз тарафи дигар, сохтмони Нерӯгоҳи барқии бодӣ буд, ки онро ба охир расониданд. Акнун сохтмони Нерӯгоҳи барқии бодӣ ба анҷом расид ва замони насби мошин олот пеш омад, ки дар ин самт барои гуфтушунид оид ба

харидорӣ намудани таҷҳизот Ваймпер мувazzaф гардида буд. Ба ҳамаи ин душвориҳо нигоҳ накарда ва сарфи назар аз бетаҷрибагӣ, насбу истифодаи таҷҳизот, ноомадиҳои кор ва хиёнати Барфаки кулӯла, кор тибқи вақти муқарраршуда анҷом ёфт! Ҳайвоноти хасташуда, бо як ғуруру сарфарозӣ гирду атрофи ин сохтмони боҳашамат давр мезаданд, ки он дар назарашон назар ба Нерӯгоҳи барқии бодии қаблан сохташуда боз ҳам зеботар менамуд. Зиёда аз ин, деворҳо назар ба деворҳои пештара ду баробар ғафстар бардошта шуда буданд. Ин дафъа ба ҷуз ягон маводи тарканда дигар ҳеҷ чиз онҳоро хароб карда наметавонист! Ва ҳангоме, ки онҳо дар бораи он ки чӣ гуна заҳматҳо кашиданд, чӣ тавр далерона мушкилотро паси сар намуданд ва дигаргуниҳои азиме дар ҳаёти онҳо ҳангоми ба гардиш даровардани парвонаи (теғаи) чархзанандаи генератор ба вуҷуд меояд, фикр мекарданд, хастагиашон бартараф мешуд ва бо нидоҳои зафар дар гирду атрофи Нерӯгоҳи барқии бодӣ чарх мезаданд. Худи Наполеон бо ҳамроҳии сагҳо ва хурӯсаш барои аз назар гузарондани кори анҷомёфта ба он ҷо омад ва шахсан ҳайвонотро бо ин муваффақияташон

табрику муборакбод карда, эълон кард, ки ба Нерӯгоҳи барқии бодӣ номи Нерӯгоҳи Наполеон дода мешавад.

Пас аз ду рӯз ҳайвонотро ба ҷамъомади махсус ба анбор даъват карданд. Вақте ки Наполеон гуфт, ки тӯдаи чӯбу тахтаро ба Фредерик фурӯхтааст, ҳама ба ҳайрат афтоданд. Фардо мошинҳои боркаши Фредерик меоянд ва ба кашонидани тӯдаи чӯбу тахта шурӯъ мекунанд.

Дар тамоми давраи дӯстии зоҳирии худ бо Пилкингтон, Наполеон дар ҳақиқат бо Фредерик муносибатҳои пинҳонӣ дошт. Ҳама гуна муносибатҳо бо Фоксвуд канда шуда, ба Пилкингтон хабарҳои таҳқиркунанда фиристода мешуданд. Ба кабӯтарон супориш доданд, ки аз фермаи Пинчфилд канорагирӣ кунанд ва шиори "Марг ба Фредерик"-ро ба "Марг ба Пилкингтон" иваз кунанд. Баъдтар Наполеон ҳайвонотро бовар кунонд, ки овозаҳо дар бораи ҳамлаи дар пешистода ба Саройи чорпоён комилан дурӯғ аст ва афсонаҳо роҷеъ ба бераҳмии Фредерик нисбат ба ҳайвоноти худ муболиға мебошад. Ҳамаи ин овозаҳо бо эҳтимоли зиёд аз Барфаки кулӯла ва ҷосусони ӯ маншаъ мегиранд. Ғайр аз ин

маълум шуд, ки Барфаки кулӯла натанҳо ҳеҷ вақт дар фермаи Пинчфилд пинҳон нашудааст балки  дар умраш ба он ҷо нарафтааст: тавре ки мегуфтанд, вай бо айшу ишрат дар Фоксвуд зиндагӣ мекунад, аммо дар асл бошад, ӯ дар давоми солҳои дароз аз Пилкингтон нафақа мегирифтааст.

Хукҳо аз макри Наполеон ба ваҷд омада буданд. Наполеон дӯстиро бо Пилкингтон нишон дода, Фредерикро маҷбур сохт, ки нархи тӯдаи чӯбу тахтаро ба дувоздаҳ фунт[47] баланд бардорад. "Тафаккуру хиради беандозаи Наполеон," - гуфт Вингосӣ,- "дар он аст, ки вай ба касе, ҳатто ба Фредерик бовар намекунад. Фредерик мехост тӯдаи чӯбу тахтаро бо чизе ба монанди чек пардохт кунад, аммо ин коғазест, ки дар он ваъдаи пардохт навишта шудааст. Аммо Наполеон аз ӯ дида, хеле донотар аст. Вай пардохтро бо пули ҳақиқии панҷфунта талаб кард, ки бояд пеш аз бурдани тӯдаи чӯбу тахта супурда шавад".

Фредерик аллакай маблағро пардохт кард, он барои харидани таҷҳизоти Нерӯгоҳи барқии бодӣ басанда буд.

[47] воҳиди асъори Британияи Кабир, Фунт Стерлинг

Дар ин вақт тӯдаи чӯбу тахтаро саросемавор кашонида бурданд. Вақте ки корҳо ба итмом расиданд, бори дигар ҳамаи ҳайвонотро дар анбор барои баргузор намудани маҷлиси махсус ҷиҳати тафтиши маблағҳои Фредерик баргузор карданд. Наполеон ҳарду мукофоти худро ба бар карда, бо табъи хӯш дар баландии суфаи анбор дар болои гандумпоя нишаста, дар паҳлуяш рӯи лаълии чинӣ, ки аз ошхонаи хонаи истиқоматии Саройи чорпоён гирифта буданд, асъори гирифтаашро гузошта буд. Ҳайвонот оҳиста-оҳиста ба пеш ҳаракат карда, ҳар кадоми онҳо ин бойигариро ба серӣ нигоҳ мекарданд. Боксёр бинии худро ба назди лаълии асъор бурд ва пулҳои сафеди қоғазӣ аз дами нафасаш пошхӯрда, ба парешон шуданд.

Пас аз се рӯз як садои даҳшатнок шунида шуд. Ваймпер бо ранги рӯи парида, бо дучархаи худ аз пайраҳа давида даромад ва дучархаашро ба саҳни ҳавлӣ партофта, рост ба сӯи хонаи истиқоматии Саройи чорпоён шитофт. Лаҳзаи дигаре аз дохили ҳуҷраҳои Наполеон ғурриши дардноке баланд шуд. Хабари ҳодисаи рӯйдода дар гирду атрофи Саройи чорпоён мисли сӯхтор зуд паҳн гардид.

Қоғазҳои асъор қалбакӣ буданд! Фредерик тӯдаи чӯбу тахтаро муфт аз худ кард!

Наполеон ҳайвонҳоро дарҳол ҷамъ кард ва бо овози баланд ба Фредерик ҳукми қатлро эълон кард. “Баъд аз дастгир шуданаш,” - гуфт ӯ, - “Фредерик бояд зинда дар об ҷӯшонида шавад”. Дар баробари ин ҳамаро ҳушдор дод, ки пас аз чунин амали хоинона, аз ӯ ҳар амали бадтаринро интизор шудан мумкин аст. Фредерик ва коргаронаш ҳамлаи ба нақша гирифтаашонро метавонанд дар ҳар лаҳза анҷом диҳанд. Дар тамоми роҳҳои Саройи чорпоён посбонҳо гузошта шуданд. Илова бар ин, чор кабӯтарро ба Фоксвуд бо паёми мусолиҳаомез фиристоданд, бо ин роҳ мехостанд бо Пилкингтон муносибатҳои хуб барқарор кунанд.

Субҳи рӯзи дигар онҳо ҳамла карданд. Ҳайвонҳот дар вақти ғизои субҳона хӯрданашон аз посбонон хабари Фредерик ва пайравонашро оварданд, ки тавассути дарвозаи калони панҷарагии Саройи чорпоён ворид шуда буданд. Ҳайвонҳо далерона ба муқобили онҳо баромаданд, аммо онҳо ин дафъа мисли Муҳорибаи назди Оғили говҳо ба осонӣ пирӯзиро ба даст наоварданд. Понздаҳ

нафар одам, ки ними онҳо ярок доштанд, дар фосилаи панҷоҳ метр оташ кушоданд. Сарфи назар аз кӯшишҳои Наполеон ва Боксёр, ки онҳоро рӯҳбаланд мекарданд, ҳайвонот ба муқобили тирҳои ҷонсӯз ва таркишҳои даҳшатовар истода натавонистанд ва зуд ақибнишинӣ карданд. Як қисмашон аллакай захмӣ шуда буданд. Онҳо ба биноҳои Саройи чорпоён паноҳ бурда, тариқи сӯрохиҳо ба берун эҳтиёткорона чашм медӯхтанд. Душман тамоми чарогоҳи калон, аз он ҷумла Нерӯгоҳи барқии бодиро забт карда, гирифт. Ҳатто Наполеон гумроҳ шуда буд. Вай бидуни сухан гуфтан ба поин ва боло думашро фишурдаву такон дода, қадам мезад. Бо нигоҳи ғамгин ба тарафи фермаи Фоксвуд менигарист. Агар Пилкингтон ва коргаронаш ба онҳо кӯмак мекарданд, шояд он рӯз онҳо ғолиб меомаданд. Дар ин лаҳза, чор кабӯтаре, ки як рӯз қабл фиристода шуда буданд, баргаштанд ва яке аз онҳо хатчае аз Пилкингтон оварданд. Дар он чунин калимаҳо навишта шуда буд: “Шуморо кори хуб карданд”.

Дар ин замон, Фредерик ва коргаронаш дар назди Нерӯгоҳи барқии бодӣ истода буданд. Ҳайвонот ба онҳо бо ҳарос нигариста,

ғавғо мекарданд. Ду нафар одам, ки як мисрон ва як путк (болғаи калон) истеҳсол карда буданд, хостанд, осиёби бодиро ба хок яксон кунанд. “Бефоида ин корро накунед!” - хитоб кард Наполеон. “Мо деворҳои хеле ғафс сохтаем. Шумо онҳоро дар давоми як ҳафта наметавонед вайрон кунед, рафиқони далер!”

Аммо Бенҷамин бодиққат ба ҳаракатҳои одамон нигоҳ мекард. Ду нафар бо путк ва мисрон дар наздикии пойдевори Нерӯгоҳи барқии бодӣ сӯрохӣ мекофтанд. Бенҷамин хеле оҳиста ва маъюсона сари дарозашро ҷунбонд.

“Ман чунин фикр доштам,” - гуфт ӯ. “Оё намебинед, ки онҳо чӣ кор карда истодаанд? Баъди лаҳзае онҳо моддаи таркандаро ба он сӯрох рехтанд”.

Ҳайвонҳо бо ҳарос интизор шуданд. Ҳоло аз паноҳгоҳи худ баромадан хатарнок буд. Баъди чанд лаҳза одамон аз назди Нерӯгоҳи барқии бодӣ ба ҳар тараф давиданд ва садои таркиш баланд шуд. Кабӯтарҳо ба ҳаво чархзанон париданд ва ҳама ҳайвонҳо, ба ҷуз Наполеон, худро ба шикам партофта, рӯи худро пинҳон карданд. Вақте ки дубора аз ҷой бархостанд, диданд, ки аз болои Нерӯгоҳи барқии бодӣ дуди сиёҳ мебаромад. Шамол

дудро оҳиста-оҳиста аз он ҷо дур мекард. Нерӯгоҳи барқии бодӣ тамоман хароб шуда, аз байн рафта буд!

Ин манзараи мудҳиш ҷасорати ҳайвонотро баланд кард. Тарсу ҳарос ва ноумедие, ки лаҳзае қабл ҳайвонот эҳсос мекарданд, акнун ба хашму ғазаби онҳо алайҳи ин амали зишт ва нафратангез мубаддал гардид. Доду фарёд барои гирифтани интиқом баланд шуд ва онҳо дигар мунтазири фармон нашуда, тан ба тан якбора ба сӯи душман ҳуҷум карданд. Ин дафъа ҳайвонот ба тирзаниҳои бераҳмонаи одамон, ки мисли жола ба сари онҳо меборид, аҳамият надоданд. Ин задухӯрди сахту хунин буд. Одамон гаштаю баргашта тир мепарронданд ва ҳангоме ки ҳайвонҳо ба онҳо наздик мешуданд, бо калтакҳо ва мӯзаҳои вазнини худ онҳоро мезаданд. Як гов, се гӯсфанд ва ду ғоз дар майдони ҷанг далерона мурданд ва қариб ҳамаи ҳайвоноти дигар захмӣ гардиданд. Ҳатто ба нӯги думи Наполеон, ки аз қафо амалиётро роҳбарӣ мекард, тир расида буд.

Аммо одамон низ безарар намонданд. Сари се нафари онҳоро зарбаи суми пойи Боксер кафонида, шиками дигариро шохи гов

даронда буд, Ҷессӣ ва Блубелл бошанд, шими дигареро дар танаш пора-пора карда буданд. Бо фармони Наполеон нуҳ саги муҳофизаш аз тариқи канори парчини сабз роҳи гардишро тай карда, ногаҳон аккосзанон аз пушти одамон баромаданд, ки аз ин ҳамаи онҳоро воҳима фаро гирифт. Одамон ҳис карданд, ки хатари дар иҳота мондан онҳоро таҳдид мекунад. Фредерик ба одамони худ фарёд зад, ки феълан торумор нагардидаанд, ақибнишинӣ кунанд ва лаҳзаи дигар душмани тарсончак рӯй ба гурез ниҳоданд. Ҳайвонот онҳоро то поёни саҳро таъқиб карда, то гузаштан тавассути парчини сабз чанд зарбаи дигар ба онҳо заданд.

Ҳайвонот хаставу ғарқи хун гашта бошанд ҳам, ғолиб омаданд. Онҳо оҳиста-оҳиста, лангида-лангида ба сӯи Саройи чорпоён омаданд. Бисёриҳо аз дидани рафиқони худ, ки мурда болои алаф ғалтида буданд, ашк мерехтанд. Ва онҳо дар он ҷое, ки як замон Нерӯгоҳи барқии бодӣ қомат афрохта буд, хомӯшу ғамгинона рост истода буданд. Бале, аз он Нерӯгоҳи барқии бодӣ осоре намонда, қариб ҳамаи меҳнаташон барбод рафта буд! Ҳатто таҳкурсии бинои

Нерӯгоҳи барқии бодӣ қисман хароб шуда буд. Барои аз нав сохтани он ин дафъа мисли пештара аз сангҳои чаппашуда, истифода бурда намешуд. Чун ки ин бор сангҳо дигар вуҷуд надоштанд. Қувваи таркиш онҳоро ба масофаи садҳо метр дур партофта буд. Гӯё ки ҳеҷ гоҳ дар ин ҷо Нерӯгоҳи барқии бодӣ вуҷуд надошт.

Вақте ки онҳо ба макони худ наздик шуданд, Вингосӣ аз куҷое ҷаста ба сӯи онҳо, бо қаноатмандию хурсандӣ  думашро ҷунбонда давида омад. Ҳайвонот ботантана тирпаронии ярокро, ки аз тарафи бинои асосии Саройи чорпоён меомад, шуниданд.

“Ҳайвонот барои чӣ аз ярок тир меандозанд?” - гуфт Боксер.

“Ба шарафи ғалабаи мо!” - хитоб кард Вингосӣ.

“Чӣ гуна ғалаба?” - гуфт Боксер. Аз зонуҳояш хун мерафт, инчунин наълашро гум карда, суми нояш пора-пора гардида, ба пойи қафояш даҳҳо дона тир расида буд.

“Чӣ хел ғалаба, рафиқ? Оё мо душмани худро аз хоки худ — аз хоки муқаддаси Саройи чорпоён пеш накардаем?”

“Аммо онҳо Нерӯгоҳи барқии бодиро вайрон карданд. Мо дар давоми ду сол онро сохта будем!”

“Баъд чӣ? Мо боз як Нерӯгоҳи барқии бодии дигар месозем. Агар лозим шавад, боз даҳ Нерӯгоҳи барқии бодии дигар месозем”. “Шумо, рафиқ, он кори бузургеро, ки мо анҷом додем, кадр намекунед. Душман ҳамин заминеро, ки мо дар он истодаем, ишғол карда буд. Акнун ба шарофати роҳбарии рафиқ Наполеон мо ҳар як ваҷаби онро боз ба даст овардем!”

“Пас мо он чизеро, ки қаблан доштем, бозпас гирифтем,” - гуфт Боксер.

“Ин ғалабаи мост,” - гуфт Вингосӣ.

Онҳо лангида-лангида ба ҳавлӣ даромаданд. Тирҳое, ки зери пусти пойи Боксёр монда буданд, сахт дард мекарданд. Вай дар пеш меҳнати вазнини аз таҳкурсӣ барқарорсозии Нерӯгоҳи барқии бодиро медид ва аллакай барои иҷрои ин кор рӯҳан тайёр буд. Аммо бори аввал ба фикраш омад, ки ӯ акнун ёздаҳсола аст ва шояд мушакҳои бузургаш он гунае набошанд, ки қаблан буданд.

Аммо вақте ки ҳайвонҳо алвонҷ задани парчами сабзро диданд ва садои тирпаронии ярокро шуниданд - дар маҷмӯъ ҳафт маротиба тир холӣ карда шуд - ва нутқи табрикотии Наполеонро оид ба шуҷоат ва мардонагии онҳо дар ҷанг шуниданд, дар ҳақиқат бовар карданд, ки онҳо  ғалабаи калон ба даст овардаанд. Ҳайвоноти дар ҷанг кушташударо тантанавор дафн карданд.  Боксёр ва Кловер аробаеро, ки барои бурдани тобут истифода мешуд, мекашиданд ва худи Наполеон маросимро идора мекард. Ду рӯзи пурра ғалабаро ҷашн гирифтанд. Ҳайвонот сурудхонӣ мекарданд, сухан меронданд ва боз аз ярок тирпаррронӣ менамуданд, ба ҳар як ҳайвон як себ ҳадяи хосе намуда, ба паррандагон ду донаи ҷуворимакка ва ба ҳар саг се бисквит дода мешуд. Эълон карда шуд, ки ин ҷангро Муҳорибаи назди Нерӯгоҳи барқии бодӣ номанд ва Наполеон унвони нав — ордени Парчами Сабзро таъсис дода, онро ба худаш тақдим кард. Ҳамзамон, ин ҷашнҳои бошукӯҳ сабаби фаромӯш кардани моҷарои асъори қалбакӣ шуданд.

Пас аз чанд рӯзе хукҳо дар таҳхонаи бинои истиқоматии Саройи чорпоён  як қуттии

вискиро пайдо намуданд. Вақте ки онҳо хонаи истиқоматии Саройи чорпоёнро бори аввал ишғол намуданд, ба он қуттӣ таваҷҷуҳ накарда буданд. Он шаб аз хонаи истиқоматии Саройи чорпоён садои омехтаи хондани суруди *"Ҳайвоноти Англия"* баланд шуд, ки он ҳамаро ба тааҷҷуб овард. Тақрибан соати нуҳу ним Наполеон бо кулоҳи куҳнаи ҷаноби Ҷонс - ба таври возеҳ дида мешуд - аз дари қафои хона баромада, як бор гирди ҳавлӣ давиду зуд ба хона даромада, ғайб зад. Субҳи рӯзи дигар тамоми Саройи чорпоёнро хомӯшии амиқ фаро гирифта буд. Хукҳо аз хона ба берун набаромаданд. Соат қариб нуҳ шуда буд, ки Вингосӣ оҳиста ва ғамгинона қадамзанон бо чашмони варам, бо думи лоғару овезон ба берун баромад. Аз намуди зоҳирияш маълум буд, ки мариз аст. Вай ҳайвонҳоро даъват карда, гуфт, ки хабари нохуше дорад. Рафиқ Наполеон мурда истодааст!

Садои нола дар Саройи чорпоён баланд шуд. Дар назди дари Саройи чорпоён гандумпоя гузошта, ҳайвонот бо нӯги пой қадам мезаданд. Бо чашмони гирён онҳо аз якдигар мепурсиданд, ки агар доҳӣ мурад онҳо чӣ кор мекунанд? Овозае паҳн шуд, ки -

новобаста аз чораҳои эҳтиётӣ - гӯё Барфаки кулӯла ба ғизои Наполеон заҳр андохтааст. Соати ёздаҳ Вингосӣ боз як хабари дигар овард. Дар охирин амали ҳаёти заминиаш рафиқ Наполеон чунин фармон дод: минбаъд барои нӯшидани машрубот ҳукми қатл дода мешавад.

Бо вуҷуди ин, вазъи Наполеон то бегоҳ андаке беҳтар шуд ва субҳи рӯзи дигар Вингосӣ ба ҳайвонот гуфт, ки саломатии ӯ барқарор шуда истодааст. Бегоҳии ҳамон рӯз Наполеон ба кораш баргашт ва рӯзи дигар маълум шуд, ки ӯ баВаймпер дастур додааст, ки дар Виллингдон чанд китоб оид ба технологияи оби ҷавпазӣ ва дистилятсияро харидорӣ намояд. Баъд аз як ҳафта Наполеон барои шудгор кардани замини хурде, ки ҳамчун чарогоҳ дар боғи ҳавлӣ воқеъ буд ва барои ҳайвоноти нафақахӯр бояд ҷудо мегардид, фармон дод. Гуфтанд, ки замини чарогоҳ беқувват шудаасту онро аз нав кишт кардан лозим аст: вале дере нагузашта маълум шуд, ки Наполеон мехоҳад онро ҷав корад. Тақрибан дар ин вақт як ҳодисаи аҷибе рӯй дод, ки базӯр кас онро бовар мекунад. Як шаб, тахминан соати дувоздаҳ, дар саҳни ҳавлӣ садои баланде

ба гӯш расид ва ҳайвонҳо аз оғилҳояшон ба берун шитофтанд. Он шаб шаби моҳтобӣ буд. Дар поёни девори охири анбори калон, ки дар он Ҳафт принсип навишта шуда буд, нардбони шикаста меистод. Вингосӣ ҳайрон буд ва дар паҳлуи он бо фонус, чӯткаи рангкунӣ ва қуттии чаппашудаи ранги сафед меистод. Сагон дарҳол Вингосиро дар ҳалқаи худ гирифта, дар баробари дар пойҳояш рост истодан ӯро ба хонаи истиқоматии Саройи чорпоён гусел карданд. Ҳеҷ кадоме аз ҳайвонҳо - ба истиснои Бенҷамини калонсол, ки сарашро ҷунбонида, гӯё ҳама чизро мефаҳмаду аммо чизе намегӯяд, – маънои онро нафаҳмиданд.

Аммо пас аз чанд рӯз Муриел "Ҳафт принсип"-ро бо худ мутолиа карда, пай бурд, ки ҳайвонҳо боз як чизи дигарро нодуруст дар ёд доштаанд. Онҳо фикр мекарданд, ки Принсипи панҷум "Ҳеҷ ҳайвон машрубот наменӯшад" аст, аммо ду калимае буданд, ки онҳо онро фаромӯш кардаанд. Воқеан дар Принсипи панҷум навишта шудааст: "Ҳеҷ ҳайвон набояд аз ҳад зиёд машрубот бинӯшад".

## Боби IX

Сумҳои пойи Боксёр хеле дер шифо меёфтанд. Як рӯз пас аз анҷоми таҷлили ҷашни ғалаба ҳама ба барқарорсозии Нерӯгоҳи барқии бодӣ оғоз карданд. Боксёр ҳатто аз як рӯзи истироҳати худ даст кашида, пинҳон кардани дарди суми пойи худро барои худ вазифаи фахрӣ шумурд. Бегоҳи ба Кловер махфиёна иқрор шуд, ки суми пояш ӯро бисёр сахт ташвиш медиҳад. Кловер рӯи захмҳои суми пояш гиёҳҳои хоидашударо гузошта, ҳамроҳи Бенҷамин Боксёрро огоҳӣ доданд, ки аз ҳад зиёд кор накунад. “Шушҳои асп абадӣ нестанд,” - гуфт Кловер ба ӯ. Аммо Боксёр ба ҳарфҳои онҳо гӯш надод. Боксёр гуфт, ки ягона мақсади ӯ дидани Нерӯгоҳи барқии бодӣ пеш аз расидан ба синни нафақа мебошад.

Дар аввал вақте ки қонунҳои Саройи чорпоён таҳия ва тартиб дода мешуданд, синни нафақа барои аспу хукҳо дар дувоздаҳсолагӣ, барои говҳо дар синни чордаҳсолагӣ, барои сагҳо дар нуҳсолагӣ, гӯсфандон аз ҳафтсолагӣ ва мурғу ғозҳо дар синни панҷсолагӣ муқаррар шуда буд. Андозаи нафақа барои пиронсолӣ бояд баъдан муайян карда мешуд. Гарчанде, ягон ҳайвон иддаои гирифтани нафақаро накарда бошад ҳам,

вақтҳои охир ин мавзуъ бештар ва бештар вирди забонҳо мегашт. Азбаски дар боғи ҳавлӣ замини хурде барои ҷав шудгор карда шуда буд, овозаҳо паҳн шуданд, ки гирди қисми калони чарогоҳро девор гирифта, онро барои ҳайвоноти нафақахӯр ҷудо мекунанд. Гуфта мешуд, ки нафақа барои аспон, дар як рӯз ба андозаи панҷ пуд[48] ҷуворимакка ва дар зимистон понздаҳ дарза хошок, илова бар ин сабзӣ ва ё шояд дар рӯзҳои ид себ ҷудо мегардад. Охири тобистони соли оянда Боксёр дувоздаҳсола мешуд.

Феълан зиндагӣ душвор буд. Боду ҳавои фасли зимистон мисли зимистони соли гузашта сард буд ва ғизо нисбат ба порсола камтар буд. Ҳиссаи ғизо - ғайр аз хӯроки хукҳо ва сагҳо – барои дигар ҳайвонот боз ҳам кам карда шуд. “Аз ҳад зиёд кам кардани ғизо,” - шарҳ дод Вингосӣ – “ба принсипҳои Ҳайвонгароӣ мухолифат мекунад”.

Ӯ ба ҳар ҳол бидуни мушкилӣ ба ҳамаи ҳайвонот исбот кард, ки дар асл чӣ тавре бошад, онҳо аз ғизо танқисӣ намекашанд. Бо мурури замон, зарурати танзими ҳиссаи ғизо пеш омада буд (Вингосӣ ҳеҷ гоҳ “кам кардани

[48]ченаки вазн, ки ба 16 кг. баробар аст

ҳиссаи ғизо” намегуфт, ӯ ҳамеша ибораи “танзими ҳиссаи ғизо”-ро истифода мебурд), аммо дар муқоиса бо замони  Ҷонс онҳо бештар бо маводи ғизоӣ таъмин буданд. Ҳамеша ӯ бо овози гӯшхарош рақамҳоро бо овози баланд хонда, ба таври муфассал исбот мекард, ки онҳо назар ба замони Ҷонс зиёдтар ғалладона, алафу гандумпоя, шалғам бештар доранд ва нисбат ба он замонҳо камтар кор мекунанд, сифати оби нӯшокӣ беҳтар аст, ки дар натиҷаи он умри ҳайвонот дарозтар шудаасту фавти фарзандҳояшҳон паст гардида, ҳаҷми алаф дар охурҳояшон зиёд гардидаву хармагасҳо камтар гардидаанд. Ҳайвонот ба ҳар як калимаи суханони вай бовар мекарданд. Рости гап, Ҷонс ва ҳамаи он чизе, ки ба ӯ вобаста буд, қариб аз хотири онҳо фаромӯш гардида буд. Онҳо як чизро возеҳ медонистанд, ки ҳаёти имрӯзаашон вазнин буда, бештари вақт аз гуруснагию сардӣ дар азобанду вақтҳои холии худро дар кор мегузаронанд. Бешубҳа, дар замони пеш вазъ аз ин ҳам бадтар буд. Инро ҳайвонот бовар мекарданд ва аз он хурсанд буданд. Ба ғайр аз ин, дар замони Ҷонс онҳо ғулом буданд, акнун бошад, онҳо озод

ҳастанд – ин тафовутро ҳамеша Вингосӣ таъкид мекард.

Акнун теъдоди истеъмолкунандагон зиёд шуда буд. Танҳо дар фасли тирамоҳ чор модахук дар як вақт сию як сар хукбача таваллуд карданд. Хукҳои ҷавон холдор буданд ва чун Наполеон ягона хуки нар дар Саройи чорпоён буд, дар бораи падари онҳо дигар ҳоҷати тахмин задан набуд. Эълон карда шуд, ки дар вақти муносиб, зимни харидорӣ намудани хишт ва чӯбу тахта, дар боғи Саройи чорпоён бинои мактаб сохта хоҳад шуд. Ҳоло бошад, худи Наполеон хукҳои ҷавонро дар ошхонаи Саройи чорпоён дарс медод. Онҳо дар боғ машқҳои вазифаи хонагиро иҷро мекарданд ва аз бозӣ кардан бо дигар ҳайвоноти ҷавон канорагирӣ менамуданд. Чун қоида муқаррар шуда буд, ки зимни рӯ ба рӯ гаштан бо ин хукҳо ҳайвонҳои дигар худро бояд канор мегирифтанд, инчунин барои ҳамаи хукҳо имтиёз дода шуда буд, ки рӯзҳои якшанбе бо лентаи сабз думҳояшонро ороиш диҳанд.

Новобаста аз он ки барои Саройи чорпоён он сол ниҳоят соли пурфайз буду бо муваффақият ҷамъбаст карда шуда буд, вале

ҳанӯз ҳам маблағ намерасид. Гарчанде барои сохтмони мактаб хишт, қум ва оҳак харидорӣ карда шуда бошад ҳам, ҳамчунин барои дубора дастрас кардани таҷҳизоти Нерӯгоҳи барқии бодӣ пулро бояд сарфа мекарданд. Баъд бояд керосин барои чароғ, шамъ барои хонаи истиқоматӣ, шакар барои дастархони худи Наполеон (истеъмоли шакар барои дигар хукҳо ба далели он ки онҳоро фарбеҳ мекунад, манъ шуда буд) ва дигар мавод, аз қабили афзорҳо, мех, арғамчин, ангишт, сим, сафоли бомпӯш ва бисквит барои сагҳо харидорӣ менамуданд. Як ғарами гандумпоя ва як қисми ҳосили картошкаро фурӯхта, қарордоди фурӯши тухмро аз чорсад дона дар як ҳафта ба шашсад дона расониданд ва он сол мурғҳо ба қадри кофӣ ҷӯҷа набароварда, саршумори худро дар ҳамон як сатҳ нигоҳ доштанд. Баъд аз кам кардани ҳиссаи ғизо дар моҳи декабр онро дуюмбора дар моҳи феврал кам карданд ва барои сарфа кардани керосин дигар оғилҳоро равшан намекарданд. Новобаста аз ҳамаи ин, чунин ба назар мерасид, ки ин маҳдудиятҳо ба хукҳо тааллуқ надошта бошанд, чунки онҳо ба қадри кофӣ вазн мегирифтанд. Рӯзе баъд аз нисфирӯзӣ - дар

охири моҳи феврал - дар ҳавлӣ – дар ҷойи оби ҷавнушии хурдакак, ки берун аз ошхона воқеъ гашта буд ва аз замони Ҷонс ба ин тараф истифода намешуд, бӯйи хӯши иштиҳобахш, ки қаблан ҳеҷ гоҳ ҳайвонҳо чунин бӯйро наошомида буданд, паҳн шуд. Кадом як ҳайвоне гуфт, ки ин бӯйи ҷави бирён кардашуда аст. Ҳайвоноти гурусна ҳаворо бӯй кашида, фикр мекарданд, ки барои ғизои шом еми гарм тайёр карда истодаанд. Аммо ягон ҳайвон дар охӯрчааш еми гармро надид ва рӯзи якшанбеи дигар эълон карда шуд, ки минбаъд тамоми ҷав барои хукҳо захира карда мешавад. Дар майдони берун аз боғ аллакай ҷав кошта буданд. Дере нагузашта, хабаре паҳн шуд, ки ба ҳар як хук ҳамарӯза ба андозаи як пинта[49] оби ҷав ва барои худи Наполеон бошад, ним галлон оби ҷав дар зарфи шӯрбогирии Кроун Дербӣ дода мешавад.

Агар дар ин самт ба ягон душворӣ ва ё нофаҳмӣ рӯ ба рӯ мешуданд, он гоҳ онро ба гуфтани суханон, аз қабили ҳаёти имрӯза нисбат ба ҳаёти пештара бо шаъну шарафтар аст, ҷуброн мекарданд. Акнун бисёртар сурудҳо мехонданд, байни ҳам гап мезаданд ва

---

[49] ченаки меъёри оби ҷав, 1пинта=0.56 литр

сайру гашт мекарданд. Наполеон фармон дода буд, ки дар як ҳафта як маротиба намоиши бадеӣ, аз қабили баромади ҳаваскоронро баргузор намоянд, ки мақсади асосии он ташвиқи дастовардҳо ва ғалабаҳои Саройи чорпоён бошад. Ҳайвонот дар вақти муайяншуда корро партофта, дар ҳавлии Саройи чорпоён - дар қатори якум хукҳо, баъд аспҳо, говҳо, гӯсфандон ва охирон паррандагон - саф кашида, қадамзанон дар гирди ҳавлӣ давр мезаданд. Сагҳо онҳоро аз ҳарду паҳлу ҳамроҳӣ мекарданд, аз пеш хурӯси сиёҳи Наполеон мерафт. Боксёр ва Кловер чун ҳар вақта дар байни худ парчами сабзеро, ки дар рӯяш расми суми пойи чорво ва шох доштаву шиори “Зинда бод рафиқ Наполеон!” навишта шуда буд, мебурданд. Баъд аз он шеърҳои дар васфи Наполеон эҷодшударо хонда, Вингосӣ дар бораи афзоиши истеҳсоли маҳсулоти озукаворӣ нутқ ироа мекард ва дар охир аз яроқ тир холӣ карда мешуд. Гӯсфандон мухлисони асосии ин чорабинӣ буданд ва агар ҳайвоне (вақте ки хукҳо ва сагҳо дар наздикӣ намебуданд, баъзе ҳайвонҳо инро ба худ сазо медонистанд) дар бораи беҳуда сарф шудани вақт ва ё аз ҳад зиёд истодан дар ҳавои хунук

шикоят менамуданд, гӯсфандон бо шиори “Чор пой хуб, ду пой бад!” онҳоро хомӯш мекарданд. Аммо ба бисёр ҳайвонот ин ҷашнҳо хеле маъқул буданд. Ба ин роҳ онҳо худро тасалло медоданд, ки дар ҳақиқат онҳо ғуломи касе нестанд ва меҳнати онҳо ба манфиати худи онҳост. Аз ин лиҳоз, вақте онҳо суруд мехонданд, раҳпаймоӣ мекарданд, Вингосӣ рӯйхати дастовардҳоро мехонд, аз ярок тир холӣ менамуданд, хурӯс бонг мезад ва парчамро мебардоштанд, он гаҳ ҳайвонҳо чанд муддате гуруснагии худро фаромӯш мекарданд.

Дар моҳи апрел Саройи чорпоён худро ҷумҳурӣ эълон кард ва зарурати интихоб кардани президент ба миён омад. Танҳо як номзад буд. Наполеон - якдилона интихоб карда шуд. Худи ҳамон рӯз ҳуҷҷатҳои тозае пайдо шуданд, ки тафсилоти бештарро дар бораи шарикии Барфаки кулӯла бо Ҷонс ошкор карданд. Чи тавре ки ҳайвонҳо қаблан тасаввур мекарданд, Барфаки кулӯла на танҳо кӯшиш карда будааст, ки Муҳорибаи назди Оғили говҳо бохта шавад, балки ошкоро аз тарафи Ҷонс ҷангидааст. Дар асл, ӯ роҳбари нерӯҳои одамӣ буда, дар муҳориба бо суханони

“Зинда бод одамҳо!” ба ҷанг баромадааст. Ҷароҳати пушти Барфаки кулӯларо – акнун теъдоди ками ҳайвонҳо дар ёд доштанд, ки онро дандонҳои Наполеон зада хуншор карда будааст.

Дар миёнаи фасли тобистон Мосес – зоғи ромшуда баъд аз чанд соли бедарак буданаш ногаҳон дар Саройи чорпоён пайдо шуд. Вай тамоман тағйир наёфта буд ва мисли пештара танбалӣ мекард ва бо ҳамон савт дар бораи Кӯҳи Қанд нақл мекард. Вай дар болои чӯби рав нишаста, болҳои сиёҳашро афшонда ва бо ҳар касе, ки ӯро гӯш мекард, соатҳо гап мезад. “Дар боло, рафиқон,” - бо тантана ва бо нӯли калонаш ба осмон ишора карда, мегуфт ӯ — “дар боло, аз пушти он абри тира, ки шумо мебинед, Кӯҳи Қанд воқеъ гардидааст, он ҷост - он ҷост, он кишвари зебо, ки мо ҳайвонҳои бечора то абад аз меҳнати худ истироҳат хоҳем кард!”

Вай ҳатто иддао мекард, ки дар яке аз парвозҳои баландтари худ вай ба он ҷо расида, заминҳои беохири юнучқа, кулчақанди зағирӣ ва сарқандро дидааст. Бисёре аз ҳайвонот ӯро бовар мекарданд. Ҳоло ҳаёти онҳо, тавре андеша мекарданд, аз гуруснагӣ ва заҳматкашӣ

иборат аст. Шояд нисбат ба ин ҷаҳон ягон олами беҳтаре вуҷуд дошта бошад? Ягона чизи душвор ин муайян кардани муносибати хукҳо ба Мосес буд. Ҳамаи хукҳо изҳор карданд, ки суханони Мосес дар бораи Кӯҳи Қанд дурӯғанд, новобаста аз ин, ба ӯ иҷозат доданд, ки дар Саройи чорпоён бимонад ва бидуни кор кардан ҳар рӯз ба ӯ чоряк пинт оби ҷав ҷудо мекарданд.

Пас аз сиҳат шудани суми пойи Боксер ӯ аз ҳарвақта дида сахттар кор мекард. Дар хақиқат ҳам он сол тамоми ҳайвонот мисли ғуломон кор карданд. Ба ғайр аз кори маъмулӣ ва мунтазами Саройи чорпоён ва барқарорсозии Нерӯгоҳи барқии бодӣ боз бинои мактаб барои хукҳои ҷавон сохта мешуд, ки онро бояд дар моҳи март ба истифода месупориданд. Баъзан соатҳои тӯлонии кор ва ғизои нокифояро таҳаммул кардан душвор буд, аммо Боксёр ҳеҷ гоҳ рӯҳафтода намешуд. Ягон сухан ва ё амали ӯ нишон намедод, ки қувваташ тамом шуда истодааст. Танҳо намуди зоҳирии ӯ каме тағйир ёфта буд: пӯсташ назар ба пештара ялаққосӣ набуд ва тани бузургаш гуё хурд шуда буд. Баъзеҳо мегуфтанд, ки “Боксёр дар фаро

расидани алафи баҳорӣ боз бо тануманд мешавад," вале алафи бахорӣ омаду Боксер фарбеҳ нашуд. Вақте ки харсанг ба поёни кон баргашта, мелағжид ва ҳайвонҳо медиданд, ки суръати онро паст кардан наметавонанд, онҳо бо як ноумедӣ доду фарёд мезаданд ва Боксёр чун ҳамеша арғамчинро мустаҳкам мекашид, то ки он аз лағжидан боз монад. Баъзан дар нишебии тарафи кон, агар харсанги калонеро бо тамоми қувваи мушакҳояш боз медошт, ба назар чунин мерасид, ки пойҳояшро танҳо иродаи мустаҳками ӯ нигоҳ медорад. Дар чунин лаҳзаҳо дида мешуд, ки бо лабонаш – дигар бо овози баланд қуввати гуфтор надошт - суханони "Ман аз ин сахттар кор мекунам"-ро изҳор мекард. Бори дигар Кловер ва Бенҷамин ӯро огоҳ карданд, ки ба саломатии худ аҳамият диҳад, аммо Боксёр боз нисбат ба худ бепарво буд. Ӯ ба наздикӣ дувоздаҳсола мешуд. Вай тасмим гирифт, ки ба андозаи лозимӣ харсанг ҷамъ мекунаду баъд ба нафақа мебарояд.

Як бегоҳирӯзии тобистон дар Саройи чорпоён овозае паҳн шуд, ки гӯё бо Боксёр чӣ ҳодисае рӯй дода бошад. Ӯ тани танҳо барои кашидани харсанг ба Нерӯгоҳи барқии бодӣ

рафта буд. Албатта, овоза дуруст баромад. Пас аз чанд дақиқа ду кабӯтар бо хабаре шитофтанд:

“Боксёр афтод! Ӯ ба паҳлу афтода, аз ҷой хеста наметавонад!”

Қариб нисфи ҳайвоноти Саройи чорпоён ба сӯи доманаи теппачае, ки Нерӯгоҳи барқии бодӣ сохта мешуд, давиданд. Дар он ҷо Боксёр дар байни милҳои ароба, гарданашро дароз кашида, ҳатто сарашро боло карда наметавонист. Чашмонаш хира шуда, паҳлуҳояш аз арақ тар шуда буданд. Аз даҳонаш хун борик фаввора зада мебаромад. Кловер дар паҳлӯяш ба зону афтод.

“Боксёр!” — нидо кард вай, - “чӣ ҳол дорӣ?”

“Шушҳоям,” - гуфт Боксер бо овози хеле заиф. “Ҳеҷ гап надорад. Ба фикрам шумо бе ман сохтмони Нерӯгоҳи барқии бодиро ба охир мерасонед. Дар он ҷо харсанги зиёдро ҷамъоварӣ кардам. Ба ҳар сурат, ман танҳо як моҳи дигар фурсат доштам. Рости гап, ман ба нафақа баромаданамро бесаброна интизор будам. Ва шояд Бенҷамин ҳам, ки пиронсол шудааст, ҳамроҳи ман ба нафақа барояд, агар хукҳо иҷозат диҳанд”.

“Мо бояд фавран ба ӯ кумак расонем,” - гуфт Кловер. “Ягон кас давида, ба назди Вингосӣ рафта, ин ҳодисаро нақл кунад”.

Ҳамаи ҳайвонҳои дигар фавран ба хонаи истиқоматии Саройи чорпоён баргаштанд, то ба Вингосӣ ин хабарро расонанд. Танҳо Кловер ва Бенҷамин дар он ҷо, дар паҳлуи Боксёр дароз кашида, бидуни сухане пашшаҳоро бо думи дарозашон меронданд. Баъд аз понздаҳ дақиқа Вингосӣ ошуфтаҳол пайдо шуда, ҳамдардӣ изҳор кард. Ӯ гуфт: “Рафиқ Наполеон аз ин хабари мудҳише, ки бо яке аз коргарони содиқи Саройи чорпоён рух додааст, фаҳмида, дастур дод, ки Боксёрро барои табобат ба беҳтарин беморхонаи бойтории Виллингдон фиристанд”. Ҳайвонот аз ин гуфтаҳо як каме нороҳат шуданд. Ба ғайр аз Моллӣ ва Барфаки кулӯла дигар ягон ҳайвон аз Саройи чорпоён ба дигар ҷой нарафта буд ва онҳо намехостанд, ки рафиқи бемори онҳо ба дасти одамон супорида шавад. Бо вуҷуди ин, Вингосӣ онҳоро ба осонӣ бовар кунонд, ки духтури ветеринарӣ дар Виллингдон метавонад Боксёрро нисбат дар Саройи чорпоён хубтар табобат карда, зудтар ба пой хезонад. Тақрибан баъд аз ним соат

аҳволи Боксёр каме беҳтар шуд ва бо душворӣ сари пой хеста, тавонист ба оғили худ баргардад, ки дар он ҷо Кловер ва Бенҷамин барояш рахти хоби хуби хошокӣ омода карда буданд.

Давоми ду рӯзи дигар Боксёр дар оғили худ монд. Хукҳо як шишаи калони доруи гулобиро, ки аз токчаи доруҳои ҳаммоми хонаи истиқоматӣ ёфта буданд, ба Кловер доданд ва ӯ дар як рӯз ду маротиба баъд аз хурдани ғизо ба Боксёр аз ин дору медод. Ҳар бегоҳӣ Кловер дар оғили худ ғелида, бо Боксёр сухбат мекарду ҳамзамон Бенҷамин пашшаҳои ӯро бо думаш меронд. Боксёр Кловерро таъкид мекард, ки аз ҳодисаи рухдода зиқӣ накунад. Ӯ кӯшиш мекунад, ки хуб шифо ёбаду шояд се соли умри боқимондаашро дар чарогоҳи калон оромона гузаронад. Бори аввал ба ӯ муяссар мегардид, ки ҳам таҳсил кунаду ҳам қобилияти худро такмил диҳад. Вай ният кард, ки то охири умраш бисту ду ҳарфи дигари алифборо аз бар кунад.

Ҳамин тавр, Бенҷамин ва Кловер танҳо баъд аз соатҳои корӣ бо Боксер ҳамроҳ буда метавонистанд. Як рӯз нисфирӯзӣ аробаи калони рӯпӯшшуда барои бурдани Боксёр

омад. Дар ин вақт ҳама ҳайвонҳо зери назорати хукҳо дар саҳро шалғам кӯчат мекарданд. Онҳо диданд, ки Бенҷамин ба тарафи биноҳои Саройи чорпоён гирёну шитобон мерафт ва овози баланди гиряи ӯ ҳамаро дар ҳайрат монд. Барои бори аввал буд, ки онҳо Бенҷаминро дар ҳолати ҳаяҷон ва сахт тохтан медиданд. "Зуд, зуд!" - фарёд зад ӯ. "Ҳама зудтар биёед! Боксёрро мебаранд!" Дигар ҳайвонҳо фармони хукҳоро мунтазир нашуда, корро партофта, ба сӯи биноҳои Саройи чорпоён давиданд. Дар ҳақиқат, дар ҳавлӣ як аробаи калони рӯпӯшшуда меистод, ки ба он ду асп баста шудаву дар паҳлуяш навиштаҷот дошт. Дар нишастгоҳи ронандааш бошад, як марди маккор менишаст, ки дар сар кулоҳаки тоҷдоре дошт. Оғили Боксёр холӣ буд.

Ҳайвонот дар гирди аробаи калони рӯпӯшшуда ҷамъ шуда, ҳама якҷоя "хайр, Боксёр, хайр!" мегуфтанд.

"Аҳмақҳо! Аҳмақҳо!" - фарёд зад Бенҷамин дар гирди онҳо давида ва бо сумҳои пойи кӯчакаш заминро кӯфта. "Оё надидед, ки дар паҳлуи ароба чӣ навишта шудааст?"

Ҳайвонҳо каме таваққуф карда, хомӯш шуданд. Муриел ба хондани навиштаҷот шурӯъ кард. Аммо Бенҷамин ӯро ба як сӯ тела дода, дар миёни сукути маргбори ҳайвонот хонд:

“Алфред Симмондс, куштори ҳайвонот ва шireши орд, Виллингдон. Фурӯши пӯст ва орди устухон, ғизо барои сагҳо”.

“Наход нафаҳмед, ки ин чӣ маъно дорад? Боксёрро ба қассобхона мебаранд!”

Дар байни  ҳайвонҳо шӯру ғавғо баланд шуд. Дар ин лаҳза марде, ки ронанда буд, аспҳои худро қамчин зад ва аробаи  калони рӯпӯшшуда оҳиста аз ҳавлии Саройи чорпоён баромад.  Ҳамаи ҳайвонҳо бо овози баланд ғавғокунон аз қафои ароба рафтанд. Кловер ҳаракат карда, аз пеш гузашт. Ароба суръаташро баланд кардан гирифт. Кловер бо як суръат баробари он медавид. “Боксёр!” - фарёд зад вай. “Боксёр! Боксёр! Боксёр!” Дар ҳамин лаҳза, Боксёр дар ғалоғула гӯё аз берун садоро шунида бошад, афти худро, ки рахи сафед дар поёни бинӣ дошт, дар назди тирезаи хурди пушти аробаи калони рӯпӯшшуда намоён кард.

“Боксёр!” - бо овози баланд хитоб кард Кловер. “Боксёр! Баро аз он ҷо! Зуд баро! Туро барои куштан мебаранд!”

Ҳамаи ҳайвонҳо “Баро аз он ҷо,” “Боксёр, берун шав аз он ҷо!” - гӯён фарёд мезаданд. Аммо ароба аллакай суръат гирифта, аз онҳо дур мешуд. Маълум набуд, ки Боксёр суханони Кловерро мефаҳмид ё не. Аммо лаҳзае пас афти ӯ дигар аз тиреза намоён набуд вале аз дохили ароба садои задани наълҳо ба гуш мерасид. Боксёр кӯшиш мекард, ки худро раҳо кунад. Лаҳзаҳое буданд, ки агар Боксёр бо пояш чанд лагади дигар мезад, аробаи калони рӯпӯшшуда мисли қуттии гӯгирд мешикаст ва пора-пора мешуд. Аммо сад афсус! Қуввати ӯ тамом шуда буд ва пас аз чанд лаҳза садои наълҳо оҳиста-оҳиста паст шунида шуда, билохира хомӯш гардид. Аз ноумедӣ ҳайвонҳо ба ду аспе, ки аробаи калони рӯпӯшшударо мекашиданд, мурочиат намуданд. “Рафиқон, рафиқон!” - гуфтанд онҳо. Шумо бародари худатонро барои куштан мебаред! Аммо ваҳшиёни аблаҳ, ки ҳамаи ин барояшон бетафовут буд, чӣ воқеа рӯй доданро намедонистанд, танҳо гӯшҳои худро ба ақиб кашида, суръати худро

метезониданд. Афти Боксёр дар назди тиреза дигар дида намешуд. Чанде пас хостанд, ки пештар давида, дарвозаи панҷараро маҳкам кунанд, вале лаҳзаи дигар ароба аз он гузашта, дар роҳ зуд нопадид шуд. Боксёрро дигар ҳеҷ гоҳ касе надид.

Пас аз се рӯз хабар доданд, ки Боксёр дар беморхонаи Виллингдон, сарфи назар аз ҳама кӯшишҳое, ки барои наҷот додани он карданд, аз олам даргузашт. Вингосӣ омад, ки ин хабарро ба дигарон расонад. Аз рӯи гуфтаҳои Вингосӣ, ӯ дар лаҳзаҳои вопасини ҳаёти Боксёр ҳузур дошт.

“Ин манзараи пурҳаяҷоне буд, ки ман то ҳол надида будам!” - думашро бардоштаву ашкашро пок карда, гуфт Вингосӣ. “Ман то охирин лаҳза дар сари бистари ӯ будам. Ва ҳангоми ҷон додан ӯ ба гӯшам базӯр пичиррос зада, гуфт, ки ғамам камтар ва мурданам осонтар мебуд, агар Нерӯгоҳи барқии бодӣ сохта мешуд. “Ба пеш, рафиқон!” - базӯр пичиррос зад Боксёр. “Ба пеш, ба номи шӯриш. Зинда бод Саройи чорпоён! Зинда бод рафиқ, Наполеон! Наполеон ҳамеша ҳақ аст”. Ин суханони охирини Боксёр буданд, рафиқон.

Дар ҳамин лаҳза рафтори Вингосӣ якбора дигар шуд. Вай лаҳзае хомӯш гашту пеш аз идомаи сухан бо чашмони хурдакакаш ба ин тарафу он тараф назари шубҳаноке афканд.

Дар бораи рафтани Боксёр овозаҳои беақлонаву аблаҳона паҳн шудаву ба ман ҳам расиданд. Баъзе ҳайвонҳо аз навиштаҷоти паҳлуи аробаи калони рӯпӯшшуда пай бурданд, ки рӯи он аломати “Куштори ҳайвонот” будааст ва воқеан ҳам ба хулосае омаданд, ки Боксёрро ба қассобхона фиристодаанд. “Бовар кардан ғайриимкон аст, ки ҳар як ҳайвон то ин дараҷа беақл бошад,” - гуфт Вингосӣ. “Наход” - вай бо хашму ғазаб фарёд зада, думи худро ба ин тарафу он тараф партофта – “доҳии маҳбуби мо, рафиқ Наполеон инро аз мову шумо беҳтар надонад?” Аммо шарҳ додани ин воқеа хеле осон буд. Аробаи калони рӯпӯшшуда қаблан моли қассобхона буд ва онро беморхонаи бойторӣ харидорӣ карда, ҳанӯз номи кӯҳнаашро пок накарда буд. Ана аз куҷо хатоӣ ба миён омад.

Баъд аз шунидани ин ҳарфҳо ҳайвонот хеле эҳсоси сабукӣ карданд. Вақте, ки Вингосӣ доир ба нигоҳубини хуб ва доруҳои

гаронбаҳое, ки Наполеон ба арзиши онҳо нигоҳ накарда, барои муоличаи Боксёр харидорӣ намуда буд, тафсилоти бештар дод, шубҳаи охирини ҳайвонот аз байн рафт ва фикре, ки ақаллан Боксёр хушбахт мурдааст, ғаму андӯҳи ҳайвонҳоро кам карда, дили онҳо аз ин хабарҳо то андозае таскин ёфт.

Худи Наполеон субҳи рӯзи якшанбе дар мачлис ҳозир шуда, ба шарафи Боксёр нутқи кӯтоҳе ироа кард. “Мутаассифона,” - гуфт ӯ, “имкони баргардонидани часад ва дар ҳавлии Саройи чорпоён дафн кардани рафиқро надоранд,” - аммо ӯ фармон дод, ки аз лавраҳои боғи Саройи чорпоён гулчанбари калон сохта, сари қабри Боксёр гузоранд. Ва хукҳо ният доштанд, ки баъд аз чанд рӯз ба шарафи Боксёр зиёфати ёдбуд баргузор кунанд. Наполеон нутқи худро бо ёдоварӣ аз ду шиори дӯстдоштаи Боксёр: “Ман аз ин сахттар меҳнат мекунам” ва “Рафиқ Наполеон ҳамеша ҳақ аст” ба охир расонида гуфт, ки хуб мешуд агар ҳар як ҳайвон онҳоро ба худ ҳамчун шиор қабул кунад.

Дар рӯзи баргузории зиёфат як аробаи калони рӯпӯшшудаи баққолӣ аз Виллингдон омада, як қуттии калони чӯбинро ба Саройи

чорпоён овард. Он шаб садои суруди номавзун баланд шуда, тақрибан соати ёздаҳ ҷанҷоли шадид бо шикастани шишаи тиреза анҷом ёфт. Рӯзи дигар то нисфирӯзӣ дар Саройи чорпоён ягон ҳайвон намоён набуд. Овоза паҳн шуд, ки хукҳо аз ҷое пул пайдо кардаанд, то ба худ як қуттии дигари машруб бихаранд.

## Боби X

Солҳо мегузаштанд. Фаслҳои сол меомаданду мерафтанд, умри кӯтоҳи ҳайвонот сипарӣ мешуд. Замоне фаро расид, ки дигар ҳеҷ кас - ба ҷуз Кловер, Бенҷамин ва Мосеси ромшуда ва як қисми хукҳо - дигар замони шӯришро дар хотир надоштанд.

Муриел вафот карда буд. Блубелл, Ҷесси ва Пинчер низ аз олам даргузаштанд. Ҷонс ҳам дар хонаи майзадагон дар қисмати дигари ин минтақа фавтида буд. Барфаки кулӯларо фаромӯш карданд. Боксёр низ, ба истисноги чанд нафаре, ки ӯро мешинохтанд аз хотираҳо дур шуд. Кловер акнун аспи модинаи пире буд, ки дарди буғум ва ревматизм ӯро азият медод. Ӯ ба синни ниҳоии нафақа расида буд, аммо дар асл ҳеҷ ҳайвон то ба ҳол ягон бор ҳам ба

нафақа набаромад. Баҳс дар бораи ҷудо кардани чарогоҳ барои нафақахӯрон кайҳо аз байн рафта буд. Наполеон акнун хуки баркамол буду яксаду панҷоҳ кило вазн дошт. Вингосӣ чунон фарбеҳ шуда буд, ки чашмонашро бо душворӣ мекушод. Танҳо Бенҷамини калонсол тағйир наёфта, мисли пештара буд ва танҳо афташ андаке хокистарранг гардида буд. Баъд аз марги Боксёр ӯ аз ҳарвақта дида, бештар нороҳат ва камгаптар шуда буд.

Афзоиши ҳайвонот – мисли нақшаи он солҳо – он қадар зиёд набуд, новобаста аз ин дар Саройи чорпоён теъдоди зиёди ҳайвонот мавҷуд буд. Барои бисёр ҳайвоноти нав ба дунё омада, шӯриш монанди як достоне буд, ки аз даҳон ба даҳон мегузашт ва дигар ҳайвоноти харидашуда, умуман дар бораи он чизе намедонистанд. Дар Саройи чорпоён ғайр аз Кловер боз се аспи дигар мавҷуд буд. Онҳо ҳайвонҳои бовиҷдону рафиқони хуб буда, софдилона меҳнат мекарданд, вале хеле аблаҳ буданд. Ҳеҷ кадоме аз онҳо аз фани алифбо аз ҳарфи Б нагузаштанд. Он чи ки дар бораи шӯриш, принсипҳои Ҳайвонгароӣ гуфта мешуд, онро зуд қабул мекарданд, махсусан

Кловер, ки нисбат ба ӯ эҳтироми фарзандӣ доштанд, вале фаҳмиши онро доштанд ё не ин шубҳанок ба назар мерасид.

Саройи чорпоён акнун ободтар ва кораш бонизомтар ба роҳ монда шуда, ҳудуди он бо ду майдоне, ки аз ҷаноби Пилкингтон харида буданд, васеъ карда шуд. Дар ниҳоят сохтмони Нерӯгоҳи барқии бодӣ бомуваффақият анҷом ёфта, Саройи чорпоён соҳиби мошинаи ғаллатозакунӣ, анборҳои ғалланигоҳдорӣ ва биноҳои гуногуни ёрирасон гардид. Ваймпер барои худ аробаи дучархадор харид. Аммо Нерӯгоҳи барқии бодӣ нерӯи барқ тавлид намекард. Дар Нерӯгоҳи мазкур ғалладонаро орд мекарданд, ки ба Саройи чорпоён фоидаи хуби пулӣ меовард. Ҳайвонот барои сохтани боз як Нерӯгоҳи дигар сахт меҳнат мекарданд ва мегуфтанд, ки дар он генератор барои тавлиди барқ насб карда мешавад. Дар бораи серию пурӣ, таъмин кардани оғилҳо бо равшании барқ, додани оби гарму хунук ва ҳафтаи кории серӯза, ки замоне Барфаки кулӯла орзу мекард, дигар сухан намерафт. Наполеон чунин ақидаҳоро, ки ба рӯҳияи Ҳайвонгароӣ мухолифат мекарданд, маҳкум карда буд. “Хушбахтии ҳақиқӣ,” - мегуфт ӯ, -

“дар меҳнати сахт ва сарфакорона зиндагонӣ кардан аст”.

Ба назар чунин мерасид, ки гуё Саройи чорпоён худи ҳайвонотро бойтар накарда, балки худи Саройи чорпоён бо хукону сагон бой шуда буданд. Шояд бой нашудани ҳайвонот қисман аз он сабаб буд, ки хукҳо ва сагҳо аз ҳад зиёд буданд. Гӯё ин тавр набуд, ки хукону сагон кор намекарданд ва ё онҳо бекора буданд. Баръакс, чунон ки ҳамеша Вингосӣ ба ҳама мефаҳмонд, кори ташкилӣ ва идоракунии Саройи чорпоён кори вазнину душвор аст. Аксари ин намуд корҳоро ҳайвонҳои дигар он қадар хуб намефаҳмиданд ва зиёд дарк ҳам намекарданд. Барои мисол, Вингосӣ ба онҳо гуфта буд, ки хукҳо ҳар рӯз вақти худро дар анҷом додани корҳои пурасрор, ба монанди кушодани файлҳо, таҳияи ҳисоботҳо, омода намудани протоколҳо ва ёддоштҳои тафоҳум сарф мекунанд. Ин варақаҳои калони коғазӣ, ки навиштаҷоти зич доштанд, баъд дар оташи танӯр сӯзонда мешуданд. “Ин барои беҳбудии кори Саройи чорпоён аҳамияти калон дорад,” - мегуфт Вингосӣ. Ба ҳар ҳол, на хукҳо ва на сагҳо бо меҳнати худ барои Саройи чорпоён ягон фоидаи моддӣ намеоварданд, вале онҳо

хеле зиёд буданд ва ҳамеша иштиҳои хуб доштанд.

Тарзи ҳаёти дигарон бошад – то он ҷое, ки онҳо мефаҳмиданд - мисли пештара буд. Онҳо ҳамеша гурусна рӯи хошок мехобиданд, аз ҳавз об менӯшиданд, дар саҳро заҳмат мекашиданд, зимистон аз хунукӣ ва тобистон аз пашшаҳо дар азоб буданд. Баъзан ҳайвоноти пиронсол дар байни хотираҳои норавшану парешони худ кӯшиш мекарданд, муайян созанд: оё дар рӯзҳои аввали шӯриш, вақте ки Ҷонсро ронда буданд, ҳаёт беҳтар буд ва ё зиндагии ҳозира беҳтар аст - онҳо ҳеҷ чизро ба хотир оварда наметавонистанд. Ягон чиз вуҷуд надошт, ки ҳаёти ҳозираи худро бо он муқоиса кунанд, ба ҷуз хабарҳои Вингосӣ, ки ҳамеша бо рақамҳо беҳтар шудани сатҳи зиндагиро исбот мекарду нишон медод. Ҳайвонот мушкилотро ҳалнашаванда арзёбӣ мекарданд ва ба ҳар сурат ҳоло онҳо барои баҳс кардан дар ин мавзуъ вақти хеле кам доштанд. Танҳо Бенҷамини калонсол ҳар як ҷузъиёти умри дарози худро дар хотир дошт ва медонист, ки ҳеҷ гоҳ вазъ беҳтар ё бадтар нашудааст, ҳамоно зиндагӣ аз гуруснагӣ, сахтӣ

ва ноумедӣ иборат буд ва ин ҳам қонуни тағйирнопазири ҳаёт аст.

Аммо ҳайвонҳо ҳеҷ гоҳ ноумедиро ихтиёр намекарданд. Зиёда аз ин, барои дигарон узви Саройи чорпоён шудан мояи ифтихор ва шарафмандӣ буд. Саройи чорпоён ҳанӯз ҳам дар тамоми мамлакат — дар тамоми Англия(!) – ягона Саройи чорпоён буд, ки аз ҷониби ҳайвонот идора мешуд ва моликияти он ба худи онҳо тааллуқ дошт. Ҳеҷ яке аз онҳо, ҳатто ҳайвоноти ҷавон - ҳайвоноти нав аз фермаҳои дур – масофаи даҳ - бист километр - овардашуда, аз ин ҳол дар ҳайрат мемонданд. Ва ҳангоме ки онҳо садои тири ярокро мешуниданд ва парчами сабзро мебардоштанд, дилҳояшонро ғуруру ифтихор фаро гирифта, замонҳои қадим, ронда шудани Ҷонс, Ҳафт принсип, набардҳои бузургро, ки аз ҷониби одамон сар мезад ва худи онҳо мағлуб мегардиданд, ба ёд меоварданд. Ҳеҷ як орзуҳои куҳан аз хотир дур намерафтанд. Ба гуфтаҳои Мейори пир дар бораи Ҷумҳурии Ҳайвонот - бояд он ҳудуди майдонҳои сабзи Англияро фаро мегирифт ва пойҳои одамон онро бояд поймол намекарданд – ҳайвонот ҳанӯз ҳам боварӣ доштанд. Шояд рӯзе меояд: шояд дар

тӯли умри ягон ҳайвоне, ки дар замони ҳозира зиндагӣ мекунад ба зудӣ наояд, аммо ба ҳар ҳол он рӯз фаро хоҳад расид. Ҳатто суруди *“Ҳайвоноти Англия”*-ро онҳо дар ҳар ҷо бо овози паст ва пинҳонӣ мехонданд - гарчанде ки ҳеҷ як ҳайвон ҷуръат намекард, ки онро бо овози баланд хонад - ҳар як ҳайвони Саройи чорпоён онро аз ёд медонист. Бале, шояд зиндагии онҳо вазнин бошад ва на ҳама ба орзуҳояшон расиданд, вале онҳо медонистанд, ки мисли дигар ҳайвонот нестанд. Агар онҳо гурусна мемонданд, ин аз он набуд, ки ҳаққи худро ба одамони золим медоданд ва агар меҳнати вазнин онҳоро интизор буд, онҳо медонистанд, ки ақаллан барои худашон кор мекунанд. Ҳеҷ кадоме аз онҳо бо ду пой намерафт. Ҳеҷ ҳайвон ҳайвони дигарро “Хӯҷаин” намегуфт. Ҳама ҳайвонот баробарҳуқуқ буданд.

Рӯзе, дар аввали фасли тобистон Вингосӣ гӯсфандонро аз қафои худ ба як гӯшаи дури заминҳои партови Саройи чорпоён - дар он ҷое, ки дарахтони тӯс меруиданд, бурд. Гӯсфандон тамоми рӯзро дар он ҷо зери назорати Вингосӣ бо чаридани баргҳо гузаронданд. Бегоҳӣ худи ӯ ба Саройи чорпоён

баргашт ва аз баски ҳаво гарм буд, ба гӯсфандон иҷозат дод, ки дар он ҷо бимонанд. Тӯли як ҳафта онҳо дар он ҷо монданд ва дар ин муддат ягон намуди ҳайвони дигар онҳоро надид. Вингосӣ ҳар рӯз ҳамроҳи онҳо буд. Вай гуфт, ки ба онҳо суруди наверо меомӯзонад, ки барои дигарон феълан бояд махфӣ бошад.

Як шоми зебо, баъди баргаштани гӯсфандон, ҳайвонот низ корро ба охир расонда, ба сӯи биноҳои Саройи чорпоён бармегаштанд, дар ин лаҳза, аз саҳни ҳавлӣ шиҳаи дашатангези асп баланд шуд. Ҳамаи ҳайвонҳо дар ҳайрат монданд. Ин овози Кловер буд. Вай боз шиҳа кашид ва тамоми ҳайвонот дар ин лаҳза ба сӯи ҳавлӣ шитофтанд. Он гоҳ чизеро, ки Кловер дида буд, онҳо низ диданд.

Хук бо ду пойи қафояш роҳ мерафт.

Бале, ин Вингосӣ буд. Каме бо мушкилӣ - гӯё ҳанӯз он қадар одат накарда бошад, ки қисми зиёди ҷисми худро дар ин ҳолат нигоҳ дорад – аммо бо мувозинати комил Вингосӣ дар рӯи ҳавлӣ сайру гашт мекард. Лаҳзае нагузашта, аз дари Саройи чорпоён як қатораи дарози хукҳо даромаданд, ки ҳамаашон бо ду пойи қафои худ қадам мезаданд. Баъзе хукҳо

ин корро аз дигарон беҳтар иҷро мекарданд, ба ҷуз як-ду хук, ки мувозинати устувор надоштанд ва мехостанд чӯбе барои такягоҳи худ дошта бошанд, ба ҳар ҳол ҳар яки онҳо ба осонӣ дар гирду атрофи ҳавлӣ роҳ рафтанд. Ва дар охир аккосзании бениҳоят баланди сагҳо ва садои бонги хурӯси сиёҳ аз омадани худи Наполеон хабар дод ва ӯ бо тамоми ҳашамат рӯи ду пойи қафояш рост истода, аз ин сӯ ба он сӯ менигарист, ва сагҳояш дар атрофаш ӯро иҳота карда буданд.

Вай дар дасташ тозиёнае дошт.

Хомӯшии марговар ҳукмфармо шуд. Ҳайвонҳо дар ҳайрат монда, бо тарсу ваҳм, як-як ҷамъ шуда, қатораи дарози хукҳоро, ки оҳиста-оҳиста дар гирди ҳавлӣ гирд мегаштанд, тамошо мекарданд. Гӯё ҷаҳон чаппа шуда бошад. Пас аз каме ором шудан - сарфи назар аз даҳшати сагҳо ва одати кардаи онҳо дар мавриди танқид ва шикоят накардан аз воқеотҳои рӯйдода, ки ин хулқ дар онҳо дар тӯли солҳои тӯлонӣ инкишоф ёфта буд – онҳо эътироз карданд. Дар ҳамин лаҳза, гӯё бо ишорати касе тамоми гӯсфандон бо як овоз ба шиорпартоӣ оғоз карданд:

“Чор пой хуб, ду пой беҳтар! Чор пой хуб, ду пой беҳтар! Чор пой хуб, ду пой беҳтар!”

Ин шиорро бидуни ист панҷ дақиқа такрор карданд. Ҳангоме ки гӯсфандон ором шуданд, бинобар сабаби он ки хукҳо ба хонаи истиқоматии Саройи чорпоён даромаданд, дигар фурсати изҳори эътироз кардан аз байн рафт.

Бенҷамин ҳис кард, ки касе китфи ӯро бо фукаш мезанад. Ба гирду атроф нигариста, дид, ки ин Кловер будааст. Чашмони пираш нисбат ба ҳарвақта хиратар шуда буданд. Кловер чизе нагуфта, ӯро аз ёлаш гирифта, ба охири анбори калон бурд, ки дар он Ҳафт принсип навишта шуда буданд. Баъд аз як-ду дақиқа онҳо ба назди деворе, ки дар он бо ҳарфҳои сафед чизе навишта шуда буд, менигаристанд.

“Биноии ман суст шудааст,” - гуфт Кловер дар ниҳоят. “Ман ҳатто дар ҷавониям он чи ки дар он ҷо навишта шуда буд, хонда наметавонистам. Аммо ба назарам навиштаҷот дар девор дигар хел менамояд. Оё Ҳафт принсип тағйир наёфтааст, Бенҷамин?”

Бори аввал Бенҷамин розӣ шуд, ки ваъдаи худро шиканаду он чӣ ки дар девор навишта шудааст, бихонад. Ҳоло дар он ҷо ба ҷуз як Принсип чизи дигар набуд. Дар он ҷо гуфта шуда буд:

ҲАМАИ ҲАЙВОНҲО БАРОБАРАНД
АММО БАЪЗЕ ҲАЙВОНҲО АЗ
ДИГАРОН БЕШТАР БАРОБАРӢ ДОРАНД

Рӯзи дигар ҳамаи хукҳое, ки кори Саройи чорпоёнро назорат мекарданд, дар дасташон тозиёна доштанд. Дигар ба назар аҷиб намерасид, ки хукҳо барои худ дастгоҳи бесим харида, ба он телефонҳои худро насб мекарданд ва онҳо муштариҳои ширкатҳои Ҷон Булл, Тит-Битс ва Дейли Миррор буданд. Ҳангоме ки Наполеон дар боғи Саройи чорпоён бо найчаи тамокудор[50] дар даҳон дуд кашида, сайру гашт мекард - не, ҳатто вақте ки хукҳо либосҳои ҷаноби Ҷонсро аз ҷевон бароварда, ба бар мекарданд ва худи Наполеон либоси сиёҳ, бриҷаи шикорӣ ва музаи чармӣ, ки ҷаноби Ҷонс ӯро зимни заҳролуд кардани

[50] Найчаи тамокудор - қисми лӯлачаи хурде, ки ба он тамоку мегузоранд ва онро ба даҳон гирифта, дуд мекашанд, мундштук

ғизо барои куштани калламушон истифода мебурд, дар тан карда буд ва модахуки дӯстдоштаи ӯ бо либоси абрешимии тунуке, ки хонум Ҷонс рӯзҳои якшанбе мепӯшид, пайдо мегардиданд, дигар барои ҳайвонот аҷиб ба назар намерасиданд.

Пас аз як ҳафта, дар нимаи дуюми рӯз чанд аробаи дучарха ба Саройи чорпоён ташриф оварданд. Вакилони фермаи ҳамсоя барои азназаргузаронии Саройи чорпоён даъват шуда буданд. Тамоми Саройи чорпоёнро ба ҳамсояҳо нишон доданд ва ҳамаи онҳо аз ҳар як чизи дидаашон, бахусус ба Нерӯгоҳи барқии бодӣ мароқи калон зоҳир намуданд.

Дар ин вақт, ҳайвонот дар саҳро майдони шалғамро хишова мекарданд. Онҳо бо тамоми ғайрат меҳнат карда, рӯяшонро аз замин намебардоштанд, чунки онҳо намедонистанд, ки аз хукҳо бештар ҳарос доранд ва ё аз одамони ташрифоварда.

Он бегоҳӣ аз хонаи истиқоматии Саройи чорпоён хандаҳои баланд ва сару садои сурудхонӣ баланд шуд. Ногаҳон ҳайвонот аз сару садои омехтаи ҳайвонҳо ба шавқу завқ омада, ҳисси кунҷковияшон баланд шуд. Чӣ

чиз метавонад рӯй диҳад, вақте ки бори аввал ҳайвонот ва одамон дар асоси баробарӣ мулоқот мекунанд? Ҳама бо як тан оромона ба ҳавлии хонаи истиқоматии Саройи чорпоён даромаданд.

Дар назди дарвоза онҳо каме тарсида таваққуф карданд, аммо Кловер онҳоро роҳнамоӣ кард. Онҳо бо нӯги пой оҳиста-оҳиста ба наздикии хона расиданд ва кадом ҳайвонҳое, ки қади баланд доштанд, ба тирезаи ошхона нигоҳ карданд. Дар гирди мизи дарозрӯя шаш нафар аз фермаи ҳамсоя ва ҳамон қадари дигар аз ҳисоби хукҳои номдори маъруф дар он ҷо нишаста буданд, худи Наполеон бошад, дар сари миз рӯи курсии фахрӣ менишаст. Хукҳо дар роҳаткурсиҳо худро партофта, фароғат доштанд. Ширкаткунандагон бо ҳаловат қартабозӣ мекарданд, гоҳ-гоҳе барои шунидани нӯшбод[51] ва нӯшидани машруб бозиро қатъ мекарданд. Як кӯзаи калон пур аз оби ҷав буд ва ҷоми онҳоро аз он пур мекарданд. Афту андоми ҳайвоноти ҳайратзадаро, ки аз тиреза нигоҳ мекарданд, касе пай набурд.

---

[51] дар даст гирифтани қадаҳи машрубдор ва аз ҷой бархоста, гуфтани суханони таманниётӣ дар зиёфат, қадаҳгӯӣ, тост

Ҷаноби Пилкингтон, аз Фоксвуд, ҷом дар дасташ аз ҷой бархост. “Ман мехоҳам,” - гуфт ӯ – “аз ширкаткунандагони муҳтарам хоҳиш кунам, ки ба қадаҳгӯии ман ҳамроҳ шаванд. Аммо пеш аз ин, чанд сухане дорам, ки гуфтани онҳоро зарур мешуморам”.

“Бо як ҳисси қаноатмандӣ бояд зикр кард,” - гуфт ӯ ва боварӣ дошт, ки ҳамаи иштирокчиён ба суханонаш ҳамроҳ мешаванд – “давраи тӯлонии нобоварӣ ва нофаҳмӣ байни мо ба охир расид. Акнун замоне расид – натанҳо ман балки тамоми ширкаткунандагони зиёфат ба гуфтаҳои ман шарик мешаванд - соҳибони муҳтарами Саройи чорпоён ба ҳамсоягони одамии худ на бо душманӣ балки бо эҳтиром ва бо боварӣ муносибат мекунанд. Ҳодисаҳои нохуши ба вуқӯъомада ва андешаҳои хато рафъ карда мешаванд. Он замонҳо ақидаҳое, ба мисли мавҷудияти Сарони чорпоён, ки ба хукҳо тааллуқ дорад ва аз ҷониби онҳо идора мешавад, то андозае ғайримуқаррарӣ буд ва метавонист дар ҳамсоягӣ таъсири манфӣ дошта бошад. Бисёре аз деҳқонон бидуни огоҳ будан тахмин мекарданд, ки дар ин гуна Саройи чорпоён руҳияи саҳлангорӣ ва беинтизомӣ

ҳукмфармост. Онҳо аз таъсири бади Саройи чорпоён ба ҳайвоноти худ ва ҳатто ба кормандони фермаҳои худ нигаронӣ мекарданд. Ана, акнун ин гуна шубҳаҳо аз байн рафтанд". "Имрӯз - мо бо ҳамроҳии рафиқонамон Саройи чорпоёнро бо чашмони худ тамошо карда, ҳар як ваҷаби онро аз назар гузаронидем ва аз ин мо ба чӣ хулоса омадем? На танҳо усулҳои нав, балки интизом ва тартиботе, ки дар ин ҷо ҳаст, бояд барои деҳқонони дигар фермаҳо намуна бошад. Вай бидуни муҳобот боварӣ дошт, ки ҳайвоноти кории ин ҷо нисбат ба дигар ҳайвоноти минтақа бештар кор кунаду камтар ғизо истеъмол намоянд. Воқеан ҳам мо бо ҳамсафаронамон имрӯз дар саройи чорпоён навгониҳои зиёдеро мушоҳида кардем, ки онҳо мехоҳем онро фавран дар фермаҳои худ ҷорӣ намоем".

Вай нутқи худро ба охир расонида, таъкид карда, гуфт, ки ҳиссиёти дӯстона байни Саройи чорпоён ва ҳамсояҳои он бояд ҳамеша пойдор бошад. Дар байни хукҳо ва одамон ягон бархурди манфиатҳо набуд ва он лозим ҳам нест. Кӯшиш ва мушкилоти онҳо як аст. Магар масъалаҳои меҳнат дар ҳама ҷо як хел

нестанд? Дар охири нутқи худ ҷаноби Пилкингтон қасд дошт, ки сухани қаблан бодиққат омодакардаи худро ба ширкаткунандагон изҳор намояд, аммо аз дилхушии зиёд ӯро ҳаяҷон фаро гирифт ва натавонист онро баён кунад. Пас аз дамгир шуданаш - ҷоғари чандқабатааш ранги бунафшро гирифт, баъдан нафасашро берун карду гуфт: "Агар шумо ҳайвоноти коргари худро дошта бошед" - гуфт ӯ – "пас мо синфи (ҳайвоноти) коргари худро дорем!" Ин матлаб ғурриши дилчасперо дар паси дастархон ба вуҷуд овард ва ҷаноби Пилкингтон бори дигар хукҳоро барои кам будани ҳиссаи ғизо барои ҳайвонот, вақти тӯлонии корӣ ва умуман набудани парастиш, ки дар Саройи чорпоён мушоҳида карда буданд, табрик кард.

"Акнун," - дар охир гуфт ӯ – "ҳамаи ширкаткунандагон аз ҷой бархезанд ва боварӣ ҳосил кунанд, ки ҷомҳояшон аз машруб пур аст". "Ҷанобон," — хулоса кард, ҷаноби Пилкингтон, — "ҷанобон, ман ба шумо як нӯшбод барои шукуфоии Саройи чорпоён мегӯям!"

Аз ин гуфтаҳо ҳама ба ваҷд омаду пойҳояшон ба тап-тапзанӣ даромаданд.

Наполеон аз хушҳолӣ барои миннатдорӣ аз ҷояш хеста, дар гирди миз давр гашт то ин ки қадаҳашро бо қадаҳи ҷаноби Пилкингтон ҷанг андозаду нӯшад. Вақте ки ҳама хомӯш шуданд, Наполеон дар пойи худ рост истода, изҳор кард, ки ӯ низ чанд сухан барои гуфтан дорад.

Чун ҳарвақта, Наполеон ба таври кӯтоҳ ва мухтасар сухан кард. Вай гуфт, ки давраи нофаҳмӣ пушти сар шуд ва аз ин хеле шод аст. Муддати дуру дароз аз тарафи кадом як душмани ашаддӣ овозаҳо паҳн мешуданд – вай асос дошт барои ин ҳарфҳоро гуфтан – то ин ки фикр кунанд, ки ӯ ва ҳаммаслаконаш метавонанд, харобкорӣ ва ҳатто инқилоберо ба вуҷуд оранд. Гӯё онҳо мақсад ва кӯшиши барангехтани шӯришро дар байни ҳайвоноти фермаҳои ҳамсоя ба нақша гирифта буданд. Аммо ҳеҷ чиз наметавонад аз ҳақиқат дуртар бошад! Орзуи ягонаи онҳо дар айни замон ва дар гузашта низ ин буд, ки бо ҳамсояҳояшон ҳаёти осоишта ва муносибатҳои муътадили тиҷоратӣ дошта бошанд. Ин Саройи чорпоёне, ки вай шарафманд аст онро роҳбарӣ кунад, як ширкати кооперативӣ буд. Ман ҳуҷҷате дар даст дорам, ки ҳуқуқи моликиятро муайян

месозад, тибқи он ин моликияти ман ва хукҳо дар якҷоягӣ мебошад.

Ӯ гуфт, бовар надорад, ки ягон гумони шубҳанок ҳанӯз ҳам боқӣ мондааст, вале ба қариби дар тартиботи Саройи чорпоён дигаргуниҳои муайяне ба вуҷуд хоҳанд омад, ки барои боз ҳам бештар мустаҳкам намудани боварӣ дар байни мо мусоидат хоҳанд кард. То ин дам ҳайвоноти Саройи чорпоён аз рӯи одати беақлонаи худ ба якдигар "рафиқ" гуфта муроҷиат мекарданд. Инро аз байн бурдан лозим аст. Ғайр аз ин як одати тааҷҷубовар вуҷуд дорад, ки замони пайдоишаш маълум нест ва ин ҳар субҳи рӯзи якшанбе аз назди косахонаи сари хуки дар пояи сутуни парчам насб гардида, гузаштан аст. Инро ҳам аз байн мебарем ва косахонаи сарро дафн мекунем.

Меҳмонон низ парчами сабзеро, ки дар сари хода овезон буд - мушоҳида карда метавонистанд. Онҳо шояд пай мебурданд, ки суми пойи ҳайвон ва шохе, ки қаблан дар парчам бо ранги сафед кашида шуда буд, ҳоло бардошта шудааст. Аз ин ба баъд парчам бо ранги сабзи оддӣ хоҳад буд.

Ба гуфтаи Наполеон, ӯ вобаста ба суханони пурмуҳтаво ва ҳусни ҳамҷавории

ҷаноби Пилкингтон танҳо як эрод дошт. Ҷаноби Пилкингтон дар давоми суханронияш аз Саройи чорпоёни ба номи “Сарони чорпоён” ишора мекард. Албатта, вай намедонист - зеро Наполеон - ҳоло бори аввал эълон мекунад, ки номи “Саройи чорпоён” барҳам дода мешавад. Минбаъд ин Саройи чорпоён бо номи “Фермаи Манор” номгузорӣ мегардад, чунки он номи дуруст ва аслии ин Саройи чорпоён мебошад.

“Ҷанобон,” — хулоса кард Наполеон, — “ман ба шумо ҳамон нӯшбоди пештарaро мегӯям, вале дар шакли дигар. Ҷомҳои худро то лабрез шуданаш пур кунед. Ҷанобон, ин аст нӯшбоди ман: Барои ободии Фермаи Манор!”

Дар ин ҷо ҳам ба мисли пештара ғурриши дилчасп ба амал омад ва ҷомҳоро то холӣ шуданашон нӯшиданд. Ҳайвоноте, ки дар берун ба ин саҳна нигоҳ мекарданд, ба назарашон чунин мерасид, ки ягон воқеаи аҷибе рӯй хоҳад дод. Чӣ чиз буд, ки афтҳои хукҳоро тағйир дод? Чашмони хираи Кловери пир афти онҳоро як ба як нигоҳ мекард. Баъзеи ин одамон панҷ қабат ҷоғар, баъзеяш чор қабат ва баъзеи дигараш се қабат ҷоғар доштанд.

Аммо чӣ чиз буд, ки дар назари Кловер хира мешуду тағйир меёфт?

Сипас, кафкӯбӣ ба охир расид, иштирокчиён ба қартабозии қатъшуда идома доданд ва ҳайвонот хомӯшона худро аз он ҷо дур карданд.

Онҳо бист метр нарафта, исти кӯтоҳе карданд. Аз хонаи истиқоматии Саройи чорпоён овозҳо ба гӯш мерасид. Онҳо шитобон баргаштанд ва боз аз тиреза нигоҳ карданд. Оре, дар он ҷо ҷанҷоли шадиде ба вуҷуд омада буд. Доду фарёд, садои зарбаи рӯи миз, нигоҳҳои пурғазаб, хашму таҳқир ба назар мерасид. Сарчашмаи мушкилот дар он буд, ки Наполеон ва ҷаноби Пилкингтон зимни қартабозӣ ҳарду дар як вақт тузи пики сиёҳро[52] ба рӯи миз партофтанд.

Дувоздаҳ бозигар бо як овоз - бо хашм яксон дод мезаданд. Акнун маълум шуд, ки бо хукҳо чӣ шудааст. Ҳайвонот аз берун - аз хукҳо ба одамон ва аз одамон ба хукҳо менигаристанд, боз баргашта ба афти онҳо нигоҳ мекарданд - дигар маълум кардан ғайриимкон буд, ки кадоме аз онҳо кӣ аст.

Соли 1945

---

[52]қартаи тузи пики сиёҳ маъмулан рамзи маргро дорад

# МУНДАРИЧА


Сарсухан ..............................................3

Боби I ...................................................7

Боби II..................................................22

Боби III.................................................36

Боби IV.................................................49

Боби V...................................................60

Боби VI..................................................78

Боби VII................................................96

Боби VIII..............................................118

Боби IX.................................................141

Боби X..................................................162

Ҷорҷ Оруэлл

# САРОЙИ ЧОРПОЁН

## ANIMAL FARM

**This story has been translated from English to Tajik by Usmonali Latifi**

ҚИССА

Аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст.

Тарҷумон: Усмоналӣ Латифӣ
Муҳаррир: Муҳтарам Ҳотам
Тарроҳ: Фарида Ҳасанова

Китоб бо тамғаи нашриёти “Адиб” нашр шудааст.

Ба чоп 10.02.2022 иҷозат дода шуд. Андозаи $60x84^{1}/_{16}$. Чопи офсет. Гарнитураи Times New RomanTJ. Ҷузъи чопиаш шартӣ 9,5. Теъдоди нашр 300 нусха.

Дар матбааи “ИЛМ” чоп шудааст.



Ҷорҷ Оруэлл

**Ҷорҷ Оруэлл** (номи аслиаш Эрик Артур Блэр, бо англисӣ - Eric Arthur Blair) - нависанда, рӯзноманигор ва публисисти британиявӣ, 25 июни соли 1903 дар Мотихари Ҳиндустони Британиявӣ таваллуд шуда, 21 январи соли 1950 дар шаҳри Лондони Британияи Кабир дар синни 47 - солагӣ вафот кардааст. Вай аввалин китобашро соли 1933 бо тахаллуси Оруэлл (ин тахаллусро ба хотири дарёи Оруэлл, ки яке аз ҷойҳои дӯстдоштаи ӯ дар Англия буд, интихоб кард) ба нашр расонид.

Навиштани қиссаи "Молхона"–ро Ҷорҷ Оруэлл моҳи ноябри соли 1943 оғоз карда, моҳи феврали соли 1944 ба анҷом расонид ва бори аввал онро моҳи августи соли 1945 ба нашр расонид. Қиссаи мазкур серхонандатарин асари Ҷорҷ Оруэлл ба ҳисоб рафта, он бо теъдоди миллионҳо нусха ба табъ расидааст.

# Молхона

**Animal Farm**

9 789997 520906